**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ**

УДК: 39 (575. 3) (09)

*Бо ҳуқуқи дасхавис*

**САЛИМЗОДА ФАТҲИДДИН ФАЙЗИДДИН**

# РАСМУ АНЪАНАҲО ВА БОЗИҲОИ МАРДУМӢ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА
**(солҳои 1924 - 2024)**

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 –Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07- Мардумшиносӣ, этнология ва антропология)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
академики АМИТ Яқубов Ю.

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИЧА


**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО** ........................................ 3

**МУҚАДДИМА** ........................................ 4

**БОБИ 1. ҶАНБАЪҲОИ ҶУҒРОФӢ, ТАЪРИХӢ ВА ТАҶЛИЛИ ҶАШНҲО ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА** ........................................ 16

1.1. Маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия ........................................ 16

1.2. Анъанаи ҷашни Наврӯз дар Данғара дар давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ ........................................ 27

**БОБИ II. МАРОСИМҲОИ АНЪАНАВИИ МАРДУМӢ ДАР БАЙНИ СОКИНОНИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА** ........................................ 44

2.1. Ҷашни арӯсӣ дар ноҳияи Данғара ........................................ 44

2.2. Маросими таваллуд ........................................ 76

2.3. Расми азодорӣ ........................................ 88

**БОБИ III. БОЗИҲОИ БАЧАГОНА ВА ВАРЗИШИ СУННАТӢ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА** ........................................ 107

3.1.Намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ ........................................ 107

3.2. Бозиҳои бачагону наврасон ........................................ 129

**ХУЛОСА** ........................................ 150

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ........................................ 155

**ЗАМИМА: РАСМҲО** ........................................ 177

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

АИ - Академияи илмҳо

ВМКБ - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

НБО - Нерӯгоҳи барқии обӣ

ҶБВ - Ҷанги Бузурги Ватанӣ

ҶМЧ - Ҷумҳурии мардумии Чин

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

ЮНЕСКО - Ташкилоти СММ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

ПИТФИ - Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот

КМ ПКУ (б) - Комитети Марказии Партияи комунистии умумииттифоқ (б)

ҶСП - Ҷамъияти саҳомии пӯшида

ИМА - Иёлоти Муттаҳидаи Америка

Км - километр

См - сантиметр

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ фарҳангу анъанаҳои гузаштаи халқи тоҷик, иду ҷашнҳо ва дар маҷмуъ арзишҳои миллӣ бо дастгириҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳё гардид. Ин раванд ба рушди давлатдории миллӣ таъсири мусбӣ расонда, миллати тоҷик марҳила ба марҳила аз гузаштаву арзишҳои фарҳангии хеш, анъанаву маросимҳо ва иду ҷашнҳои ниёгони худ воқиф гардид.

Дар шароити соҳибистиқлолӣ омӯзиши хусусиятҳои таърихиву фарҳангии ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ зарур аст. Зеро метавон ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва дигар масъалаҳои норавшани кишварро таҳқиқ намуда, роҳҳо ва воситаҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистонро таъмин ва таъриху тамаддуни қадимаи миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шароити табиии гуногун аст. Вобаста ба ин ҳар як минтақаи он, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб ки ноҳияи Данғара шомили он аст фарогири фарҳангу анъана, иду маросим ва суннатҳои хоси худ мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити имрӯза барои доираҳои илмӣ ва махсусан илми мардумшиносӣ аҳаммияти махсус дорад.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: “Омӯхтани таърих танҳо донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад” [45, с.8].

Фолклоршинос Ф. Муродов гуфтааст: «Дар гузаштаи таърих Данғара серсокин буду шаҳри “чорсӯ”-ро мемонд ва аз байни он ба чор тараф роҳҳои корвонгузар мегузашт». Ҳоло ҳам ин ноҳия дар фосилаи нисбатан наздик ба пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе, дар шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб қарор дошта, аз ноҳияҳои калону сернуфӯзи вилояти

Хатлон ба ҳисоб рафта, дорои анъанаҳои фарҳангию иҷтимоӣ ва адабии ба худ хос мебошад. Бинобар ин, омӯзиши ҷанбаҳои мардумшиносӣ ва фарҳангии чунин як ноҳияи ҷумҳурӣ барои мукаммал гаштани таъриху фарҳанги кишвар аз аҳаммият холӣ нест.

Ҷашну маросим ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб, ки замоне байни мардум бисёр маъмулу оммавӣ буданд, имрӯз аз онҳо осори кам боқӣ монда, қисмате аз онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта истодааст. Бинобар ин, омӯзиши анъанаҳои мардумии ин минтақа, хусусан ноҳияи Данғара ниҳоят муҳим аст.

Анъанаҳое, ки бо тавлиду тарбияти кӯдак, барпо кардани оила ва дафну азодорӣ вобастаанд, дар рӯзгори сокинони минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла ноҳияи Данғара бо хусусиятҳои фарққунандагии худ аз мардумони дигар минтақаҳои кишвар то имрӯз боқӣ мондаанд. Гарчанде дар расму оинҳои мардуми минтақаи Кӯлоб ҳамрангиҳои зиёде бо сокинони дигар минтақаҳои Тоҷикистон ва мардумони ориёитабор дида мешавад, лекин вобаста ба муҳити ҷуғрофию таърихӣ, ҳаёти маданӣ ва иҷтимоӣ вижагиҳои фарққунанда низ мушоҳида мегардад.

Солҳои охир ҷомеа ба дигаргуниҳои куллӣ рӯ ба рӯ гашта, бархе аз фарҳанги ғайримоддии худро аз даст дода истодааст. Дар чунин ҳолат барои ҳифзи арзишҳои фарҳангии миллат моро зарур аст, ки ҳар минтақаи Тоҷикистонро бо истифода аз имкониятҳои васеи замони истиқлол мавриди омӯзиши илмӣ қарор диҳем. Аҳаммияти дигари мавзуи таҳқиқшаванда дар он аст, ки муаллиф робита ва пайванди иҷтимоию фарҳангии минтақаи Кӯлобро дар мисоли мардуми ноҳияи Данғара бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи мардумшиносӣ муфассал таҳлил намуда, ҳамгироии онҳоро дар замони шуравӣ ва давраи истиқлолият баррасӣ намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масоили расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб аз ҷумла ноҳияи Данғара то кунун ба таври пурра омӯхта нашудааст. Омӯзиши ҷашнҳо, маросим ва бозиҳои анъанавии тоҷикон, гарчанде дар садаи XIX аз тарафи муҳаққиқони рус

оғоз шуда бошад ҳам, аммо масоили фарҳангии мардуми Данғара ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Бо вуҷуди ин, паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ дар осору мақолаҳои илмии муаррихон, асару мақолаҳои ҷудогона, асарҳои ёдоштӣ, мақолаҳои публисистӣ ва ғайраҳо иникос ёфтааст, ки метавон онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намуд:

**Ба гурӯҳи аввал** метавон асарҳои муаррихон - мардумшиносон, фолклоршиносон, адибон, сайёҳону муҳаққиқони рус ва тоҷикро шомил кард. Ба ин гурӯҳ пажӯҳишҳои олимон: Н. А. Маев [164], Г. Арандаренко [32], В.В. Бартолд [142], Д.Н. Логофет [65], П.И. Демизон [5], И.И. Зарубин [14], В.И. Липский [64], А.В. Нечаев [82], М.С. Андреев [30], Н.А. Кисляков [61,152], А.К. Писарчик [173;184], Б.Х. Кармишева [60,151], С. Айнӣ [23;24;25], М.Р. Раҳимов [176;177], О. Муродов [74;75;76], А. Мардонова [67;68], А.М. Мухтаров [77], Р. Маҳмадшоев [71;72], Р. Амонов [26], Ҳ. Пирумшоев [86], Л.Н. Додхудоева [48], З. Юсуфбекова [48], М. Шовалиева [48], Н. Турсунов [112;113], Ш. Сафаров [104], Д. Раҳимӣ [88;89;90] ва дигарон дохил мешаванд. Дар мақолаву рисолаҳои онҳо ҳаёти мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва тоҷикони бурунмарзӣ шурӯъ аз охирҳои асри XIX то даврони муосир инъикос гашта, расму анъанаҳо ва бозиҳои мардуми тоҷик мавриди таваҷҷуҳи эшон қарор гирифтаанд.

**Ба гурӯҳи дувуми** таҳқиқотҳо осори илмии оид ба таъриху ҷуғрофия, мардумшиносӣ ва дигар соҳаҳои ноҳияи Данғара ва дар маҷмуъ, минтақаи Кӯлоб марбут мебошанд. Бояд қайд кард, ки роҷеъ ба таърих, таркиби этникӣ, баъзе расму ойинҳо, касбу ҳунар ва бозиҳои мардумии ин минтақа дар чанде аз китобҳо ва мақолаҳо маълумоти мухтасар оварда шудааст. Чунончи, дар китобу мақолаҳои илмии Ш. Юсупов [131], Ю. Яқубов [147;200;201], Н.Х. Нурҷонов [167], Ғ. Ғоибов [42;43], Т.Г. Филимонова [193], У. Шерхон [124], А. Азизов ва дигарон [22], Ф. Салимзода [101;102;185], масоили мардумшиносии минтақаи Кӯлоб ва ноҳияи Данғара ба таври фишурда инъикос шудааст.

**Гурӯҳи сеюм** маълумоти шифоҳии ҷамъоваришуда аз ҷониби диссертант ва осори чопшудаи фолклории аҳолии Данғара дохил мешавад. То ба имрӯз якчанд мақолаи илмӣ, баъзе маҷмуаҳои фолклорӣ ба табъ расидаанд, ки ҷанбаҳои шифоҳии фарҳанги мардуми минтақаи Кӯлоб ва ноҳияи Данғараро инъикос мекунанд. Масалан, соли 2002 "Фолклори Данғара" (мурратиб Ф. Муродов), соли 2006 маҷмуаи калони фолклоршиносон С. Фатҳуллоев ва Ф. Муродов бо номи «Фолклори Кӯлоб» нашр шуд. Маҷмӯа аз сарсухани тартибдиҳандагон ва намунаҳои назму насри сокинони минтақаи Кӯлоб иборат буда, мураттибон матнҳоро ба жанрҳо ва мавзуъҳои зерин дастабандӣ намудаанд: бахши "Рубоиёт" ба мавзуъҳои "Ҷудоӣ", "Фалак", "Тақдир", "Насиб" ва "Аҷал" тақсим мешавад. Бахшҳои дигар: таронаҳои баҳория, наврӯзӣ, ишқӣ; сурудҳои тӯй, сурудҳои рақсӣ, сурудҳои бачагона, марсия, сурудҳои ғарибӣ, ҳаҷвӣ ва шӯх, сурудҳои айёми меҳнат, сурудҳои таърихӣ, бадеҳа, зарбулмасалу мақолҳо, чистонҳо ва пора аз эпоси "Гӯрғулӣ"-ро дар бар мегирад [119; 120].

Маводи «Фолклори Кӯлоб» аз байни мардумони навоҳии Кӯлоб, Восеъ, Муъминобод, Сари Хосор, Данғара, Кангурт, Фархор, Темурмалик ва ғайра аз тарафи мураттибон, фолклоршиносон, адибон ва донишҷӯён дар солҳои гуногун гирдоварӣ шудааст.

Маҷмӯаи «Фолклори Данғара» аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, Файзалӣ Муродов тартиб дода шудааст, ки асосан фарогири матнҳои фолклорӣ: таронаҳо, бадеҳаҳо, рубоӣ ва дубайтиҳо, чистонҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва афсонаҳо мебошад, ки метавон аз онҳо сурудҳои маросимиро истифода намуд.

Илова ба ин маҷмӯаҳо худи муаллиф дар ҷараёни таълифи диссертатсия аз байни мардум намунаҳои зиёди фолклориро сабт намудааст, ки дар китобу мақолаҳои чопшудааш ҷойгир шудаанд. Қисме аз ин маводи шифоҳӣ маълумот дар бораи як қатор анъанаҳои мардумӣ, аз қабили расму оинҳои тӯйи арӯсӣ, маросими азодорӣ, шарҳи бозиҳо,

шеваи таҷлили идҳои миллӣ ва ғайра мебошанд, ки дар таълифи диссертатсия ба таври васеъ истифода шудаанд.

**Ба гурӯҳи чорум** адабиёте шомил аст, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсия тааллуқ доранд. Вобаста ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ баъзе мақолаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд, ки дар зер намунаҳои нисбатан муҳимтари онҳоро муаррифӣ менамоем.

Маҷмуаи мақолаҳои муҳаққиқ Акобир Абдуллоев ба масъалаҳои фолклоршиносӣ ва мардумшиносии минтақаи Кӯлоб бахшида шуда, дар он оид ба фаъолияти гӯрғулисарои данғарагӣ Муллои Азим, ҳунари созтарошии Саидисломи Устоғулом, маҳорати зинсозии ҳунармандони деҳаи Яккатути ҷамоати деҳоти Корез, донишу таҷрибаҳои кабкпарварӣ, ҷашни Наврӯз, бозиҳои бачагона ва варзиши суннатии мардуми ин ноҳия дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ маълумоти этнографӣ оварда шуда, ба мавқеи бозиҳои варзишии суннатӣ дар рӯзи Наврӯзи Данғара маълумоти мухтасар медиҳад. Ӯ қайд кардааст, ки «дар ноҳияи Данғара бахшида ба ҷашни Наврӯз бозиҳои зиёде гузаронида мешавад ва он ҳама бахри болидарӯ гардонидани кӯдакону наврасон, барои якдигарфаҳмӣ, меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқат, хушҳолӣ ва аз дилҳо бурун кардани кибру ғурур ва пеш аз ҳама хотирмону шавқовар гузаронидани иди Наврӯз доир карда мешаванд» [20].

Соли 2017 китоби “Фарҳанги ғайримодии халқи тоҷик” (шумораи 4), ки натиҷаи экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносии кормандони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоотро аз навоҳии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон фаро мегирад, тавассути нашриёти “Аржанг” аз чоп баромад. Дар ин маҷмуа якчанд мақола ба фарҳанги мардуми ноҳияи Данғара бахшида шудаанд [116].

Дар ин сафар муҳаққиқ Д. Раҳимов дар бораи бозиҳои бачагонаи мардуми Данғара, аз ҷумла чиликдангал, хурӯсҷанг, тухмҷанг, гӯштингирӣ, бандкашӣ, дастхобонӣ, буҷулбозӣ, макмакбозӣ, лухтакбозӣ, бандпарак, чормағзбозӣ, сақобозӣ маълумоти мухтасар

дода, ёдрас мешавад, ки бозиҳои анъанавии бачагона дар ин минтақа хеле кам шуда, зарурати муфассал омӯхтанро доранд [116].

Ҳамин тариқ, паҳлӯҳои гуногуни расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии минтақаи Кӯлоб, хусусан ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва истиқлолият дар асарҳои илмӣ ва фолклоршиносӣ иникос шуда, аз нигоҳи таърихӣ пурра омӯхта нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи лоиҳаи нақшаи дурнамои шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, барои солҳои 2021-2025 «Мардумшиносии Тоҷикистон» ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ, маълумоти этнографӣ ва осори фолклорӣ, инчунин мушоҳида ва суҳбатҳои мустақим расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғараро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, дурустии масъалаҳои таҳқиқшавандаро мушаххас карда, маълумоти тоза дарёфташударо ба доираи илмӣ ворид намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи рисола иҷрои чунин вазифаҳоро зарур мешуморад.

– дар асоси адабиёти ҷуғрофӣ ва таърихӣ муайян намудани масоили ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳияи Данғара;

– омӯзиши анъанаи ҷашни Наврӯз дар Данғара дар давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ;

– таҳлили маросими хонадоршавӣ дар Данғара;

– муайян намулани маросими таваллуди кӯдак;

– мушаххас намудани расму анъанаҳои азодорӣ;

– муайян намудани намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ дар ноҳияи Данғара;

– таҳлили бозиҳои бачагону наврасони ноҳияи Данғара.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот ҷашну маросимҳо, расму оинҳо, бозиҳо, таърих ва фарҳанги мардуми ноҳияи Данғара дохил мешавад.

**Мавзу (предмет)-и таҳқиқот.** Баррасии расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024), дар асоси адабиёти илмӣ, ёддоштӣ, асару мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва маълумоти шифоҳӣ мебошад.

**Давра ва марҳилаи таҳқиқот.** Давраи таҳқиқот замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолиро фаро гирифтааст. Сарҳади поёнии он аз соли 1924 оғоз ёфта, охири он ба соли 2024 рост меояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила дар шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ давоми солҳои 2021-2025 ба тавсиб расидааст.

**Марҳилаи якум** - солҳои 2021-2022-ро дар бар мегирад. Ин марҳила аз унвонҷӯйи шуъбаи мардумшиносӣ, этнология ва мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 07 – Мардумшиносӣ, этнология ва анторопология шудан, интихоби мавзуъ, интихоби роҳбари илмӣ, ҷамъоварии мавод, омӯхтан ва таҳлили мавзуъ, навиштани муқадимма, боби аввали рисола, интишори як қатор мақолаҳо оид ба мавзуи интихобнамуда ва иштирок дар конференсияҳои сатҳи гуногун иборат мебошад.

**Марҳилаи дуюм** – солҳои 2023-2024-ро дар бар гирифта, дар ин муддат боби дуюму сеюми рисола ҷамъбаст мегардад. Як қатор мақолаҳои илмӣ ба табъ расонда шуданд. Роҳбари илмӣ иваз гашт. Дар ин марҳила ҳамчунин, минуми номзадӣ аз фанҳои «Забони хориҷӣ» ва «Таърих ва фалсафаи илм» супорида шуд.

**Марҳилаи сеюм** – аз моҳи январ то сентябри соли 2025-ро дар бар мегирад. Дар ин давра минимуми номзадӣ аз фанҳои «Таърихи умумӣ» ва аз рӯи тахассус супорида шуда, рисола ба анҷом расид. Ба рисола

баъзе ислоҳҳо даровар да шуда, пурра таҳқиқ мегардад, хулосаи кори диссертатсионӣ бароварда, автореферати кор анҷом дода мешавад. Рисола барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

**Ҳудуди ҷуғрофиёи таҳқиқот.** Ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғараро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назаррявии рисоларо корҳои илмӣ таҳқиқотии олимони таърихшинос, мардумшинос ва осори фолклоршиносону ҷомеашиносони шуравӣ ва замони истиқлолият ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқ аз усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ – таърихӣ, таҳлили иҷтимоӣ –таърихӣ, мушоҳидавӣ ва мусоҳиба истифода шудааст. Таҳқиқоти мавриди назар дар доираи омӯзиши мардумшинсӣ, таърих, ҷуғрофия ва фарҳангшиносӣ сурат гирифтааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Ба сифати пойгоҳи таҳқиқот чунин манбаъҳо истифода гардиданд:

– таҳқиқотҳо, осори илмие, ки ба таъриху ҷуғрофияи Данғара ва минтақаи Кӯлоб марбут ҳастанд;

– асарҳои илмие, ки дар асоси нигоштаҳои мардумшиносон ба мавзуҳои расму анъана, ҷашнҳо ва бозиҳои мардумӣ бахшида шудаанд;

– адабиёте, ки роҷеъ ба масъалаҳои фолклорӣ, этникӣ ва касбу ҳунар алоқаманд мебошанд;

– маълумотҳои муҳиме, ки дар рафти сафарҳои инфиродии диссертанд ва суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия ба даст омадааст,

Сарчашмаҳо мувофиқи талаботи илмӣ бо баёни хулосаҳои шахсӣ истифода гаштаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба таҳқиқи баррасии расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғара бахшида шудааст. Инчунин, навовариҳои таҳқиқот дар нуқоти зерин баён мегардад:

– ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва мадании мардуми ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор дода шуд;

– ҷанбаҳои ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия муайян гардид;

– таҷлили ҷашни Наврӯз дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифт;

– баргузории тӯйи домоду арӯсӣ дар ноҳия омӯзиш ёфта, рафти он бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон муқоиса карда шуд;

– маросими таваллуди тифл пажӯҳиш ва арзёбӣ гашт;

– расми мурдадорӣ таҳқиқ гашта, аз рӯи мушоҳида ва маълумоти додаи сокинони ноҳия бо тарзи хронологӣ муфассал баён карда шуд;

– аҳамияти расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ гардид;

– расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ ҳамчун омилҳои таъсиргузор ба ҳаёти мардум мавриди омӯзиш қарор ёфт;

– сифатҳои иҷтимоии сокинони ноҳия дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва робитаи ногусастанӣ доштан бо анъанаю бозиҳои суннатии тоҷикон таҳлил гардид.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

– Иду ҷашнҳо, ки аз замонҳои қадим оғоз ёфта, давраи тӯлонии таърихро то замони мо дар бар гирифтаанд, дар шакли иҷро ва ё амали эҷодиёти суннатии мардум як бахши ҳаёти анъанавии миллат мебошанд;

– маросимҳои мардумӣ ҳамчун намунаҳои фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи ҳаёти халқро мепайванданд ва барои ваҳдату ягонагӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ ва мустаҳкам шудани муносиботи қавмӣ ва худшиносии миллӣ воситаи муҳим мебошанд;

– анъана, паҳлуҳои гуногуни рӯзгори мардум, расму оин, маишат ва ғайраро фаро гирифта, хислатҳои руҳии миллат ва ё гурӯҳи қавмҳои маданияташон бо ҳам наздикро, ки дар миқёси як ноҳия сукунат доранд, инъикос мекунад;

– анъана ё суннат аз таъриху фарҳанги халқ сарчашма гирифта, дар раванди таърихи ноҳия аз рӯйи моҳият устувор мебошад;

– бозиҳои бачагона маҳсули эҷоди мардуми ноҳия ва минтақа буда, аз таъриху фарҳанги халқ маншаъ гирифта, дар ташаккули шуури миллат нақши муҳим мебозанд;

– урфу одат, расму ойинҳо ва бозиҳои мардумӣ як навъ унсурҳои маданӣ буда, дар заминаи падида ва ҳодисаҳои ҷамъиятие, ки дар давраҳои муайяни таърихӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара ва минтақаи Кӯлоб рух додаанд, ба вуҷуд омада, аз насл ба насл ба мерос расидаанд.

**Аҳаммияти назарявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ин рисола бори аввал мукаммал ва мушаххас дар бораи расму анъана ва бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони ноҳияи Данғара паҳн гардидаанд, маълумоти муфид додааст. Ахбори дақиқ оид ба мардумшиносӣ дар ноҳияи Данғара ва умуман минтақаи Кӯлоб хеле кам дастрасанд ва ин рисола метавонад барои пажӯҳишгарон маводи дилхоҳ пешкаш намояд. Илова бар ин, натиҷаҳое, ки дар ин рисола ба даст оварда шудаанд, метавонад барои иҷрои таҳқиқотҳои мардумшиносии дигар минтақаҳои Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, онро ҳамчун сарчашма барои омода намудани дастуру воситаҳои гуногуни таълимӣ дар бахшҳои мардумшиносии фанҳои таъриху география, этика, эстетика ва фарҳангшиносӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот бо таҳлили суҳбатҳо, дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо бо методологияи муносибати системавии консепсияи илмии ташхисӣ асоснок карда шуда, ба методҳои таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назарявӣ ва таҷрибавӣ такя мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба равияи илмҳои таърихӣ дохил буда, ба шиносномаи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ

07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби илмӣ.** Тамоми зинаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ, мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии таҳлил, усулҳои баҳодиҳӣ саҳми худро гузоштааст. Хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмӣ омода нумуда, рӯйи чоп овардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Тавсиби натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия дар маводи конференсияҳои илмию амалии ҷумҳурявии зерин ба иҷро расидааст: Анъанаҳои мардумии хонадоршавӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2021) / «Мақолоти таърихӣ» / Маводи конференсияи ҷумҳурявӣ. – Душанбе: “Шоҳин-С”, 2022. – С. 45-59; Тӯйи домоду арӯсӣ дар байни сокинони ноҳияи Данғара (дар замони истиқлолият) Конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи “Заминаҳои илмӣ-назарявӣ ва таърихию фалсафии ҳифзи арзишҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” бахшида ба эълон гардидани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ”. – Данғара 8 июни соли 2024. – С. 203-208; Фарқият, ҳолат ва нигоҳи мардум нисбат ба мазорҳо ва гӯронидани майит (дар мисоли ноҳияи Данғара) // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмӣ – назарявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир». – Данғара 13-уми июни соли 2025. – С. 165 – 169; Маросими «Ашаглон»-и ростина дар Данғара // Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи «Роҳҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир». – Данғара 13-уми июни соли 2025. – С. 152 – 15.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи этнология ва антропологияи таърихии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи

А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Протоколи № 10 аз 1 декабри соли 2024) муҳокима ва барасӣ гаштааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқарароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 мақолаҳои илмӣ аз ҷумла: 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда ва 2 китоби илмӣ-оммавӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, номгуи адабиёт (259 номгӯ), замима (расмҳо) иборат буда, дар ҳаҷми 199 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст.

# БОБИ 1. ҶАНБАЪҲОИ ҶУҒРОФӢ, ТАЪРИХӢ ВА ТАҶЛИЛИ ҶАШНҲО ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА

## 1.1. Маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия

**1.Маълумоти ҷуғрофӣ.** Яке аз олимони барҷастаи Шарқ Ибни Халдун гуфтааст: «Вижагиҳои ҷисмӣ ва руҳии инсон маҳсули муҳити ҷуғрофӣ мебошад» [6, с.156]. Аз ин чунин хулоса бармеояд, ки анъанаҳои мардумӣ низ ба муҳити ҷуғрофӣ вобастаанд.

Омӯзиши ҷуғрофия ва табиату иқлими ноҳияи Данғара, асосан, дар охири асри XIX оғоз шудааст.

Аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ ноҳияи Данғара васеъу фарох буда, дар қисми ҷанубу ғарбии Тоҷикистон ҷойгир аст. Дар дигаргуншавии табиии релефи ноҳия дарёи Оби Тоҳир [201, с.3] бо шохобҳояш, дарёчаҳои Данғара, Қурӯғ ва Саргазон таъсир расонда, он аз қисмати шимолу шарқ то ба ҷануби ноҳия мегузарад. Қисмати байни ду тарафи дарёро ҳамвориҳои фарох ташкил медиҳанд. Дар қисмати шимол, дар тарафи рости дарё теппаҳои пасту баланд ҷойгиранд, ки онҳо то ба қаторкӯҳҳои Вахш ва Сарсарак мерасанд. Дар байни теппаҳо ва кӯҳҳо хамиҳо, ҳамвориҳо ва даштҳои Данғара, Нони Катта, Себистон, Очовар, Калташур, Лоҳур, Кабкрав, Лойлуқ, Олимтой (Оламитой) [101, с.37] воқеъ мебошанд.

Мувофиқи маълумоти «Энсиклопедияи советии тоҷик» дашти калонтарини ноҳия - дашти Данғара мебошад, ки аз доманаи қаторкӯҳи Вахш (дар шимол) оғоз ёфта, то ба охири кӯҳи Морон ва доманаи кӯҳи Тирак расида, дар ҷануб онро пуштакӯҳи Олимтой иҳота кардааст. «Дашти Данғара аз шимол ба ҷануб ба масофаи 45 километр тӯл кашидааст. Паҳноияш дар шимол 16-17 километр, дар ҷануби водии дарёи Оби Тоҳир 2-3 километр мебошад.

Дашти Данғара пастхамии байникӯҳӣ буда, бо мурури замон бо обовардҳои дарё ва селобаҳо пӯшида шудааст. Сатҳаш ҳамвору ба самти

ҷануб тадриҷан паст шуда меравад. Баландиаш дар шимол 900 метр ва дар ҷануб аз сатҳи баҳр 500 метр баланд мебошад» [127, с.224].

Аз рӯи маводҳои “Атласи Тоҷикистон” қисми ғарбии ноҳияро кӯҳи Тирак, қисми ғарбу шимолро қаторкӯҳи Сарсарак, қисми шимолиро қаторкӯҳи Вахш, ва тарфи шарқиро кӯҳи Морон ишғол кардаанд. Баландии миёнаи кӯҳҳо 1500-2000 метр мебошад. Қуллаи баландтаринаш 2302 метр (Сарсарак) ташкил медиҳад [34, с.66].

Иқлими ноҳия континенталӣ буда, тобистонаш гарми хушк ва зимистонаш муътадил аст. Ҳарорати миёнаи июл 26-28 С° гарм, январ 0-2 дараҷа сард мебошад [34, с.54-55].

Ноҳияро аз се тараф кӯҳҳои паст иҳота намуда, як тарафаш ба сӯйи биёбонҳо ва нимбиёбонҳо кушода аст. Яъне ҷойгиршавии ноҳияи Данғара дар қисмати ҷануб ба сарҳади минтақаҳои нимбиёбонӣ мерасад, ки ин иқлими даштҳоро муътадили хушки континенталӣ мегардонад.

Роҷеъ ба тақсимоти маъмурӣ ва ҳудудии қаламрави имрӯзаи ноҳияи Данғара дар ибтидои асри XX баъзе маълумот дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр гаштааст. Аз ҷумла, соли 1906 корҳои тадқиқотии олими рус А.Е. Снесарёв [106, с.17; 187, с.1, 149] аз чоп мебарояд, ки он хусусияти оморӣ-иқтисодӣ дошта, ба омӯзиши бекигариҳои қисмати кӯҳии Аморати Бухоро - Бухорои Шарқӣ [43, с.513] бахшида шуда буд. Дар қисмати асосии асар маълумотҳои ҷуғрофӣ дар бораи роҳҳои тиҷоратӣ, пулҳою ағбаҳои ин минтақаҳо оварда шуда, дар баробари бекигариҳои Қаротегину Дарвоз, инчунин сарҳадҳои бекигариҳои Кӯлоб ва Балҷувон, ки ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғара ба онҳо шомил буд, муайян карда шудаанд.

Чуноне ки аз ин таҳқиқот маълум мешавад, масоҳати имрӯзаи ноҳияи Данғара ба бекигарии Балҷувон (қисми зиёд) ва Кӯлоб (қисми кам) таалluқ доштааст, ки онро якҷоя бо дигар навоҳии водиҳои Ҳисору Вахш «Бухорои Шарқӣ» меномиданд ва он ба ҳайати Аморати Бухоро шомил буд. Ҳудуди ҳозираи ноҳияи Данғара аз рӯи тақсимоти маъмурӣ ба се амлокдорӣ: Пушинг, Тутқавул ва Олимтой дохил шуда,

амлокдории Пушинг ва Тутқавул ба бекигарии Балҷувон [130, с.14] ва амлокдории Олимтой бошад, ба бекигарии Кӯлоб мутааллиқ буд, ки байни ин амлокдориҳо калонтаринаш Пушинг ба ҳисоб мерафт.

Баъди ташкил ёфтани ИҶШС соли 1926 дар шаҳри Тошканд асаре дар бораи ноҳиябандии тамоми Осиёи Миёна аз чоп баромад, ки яке аз ҷилдҳои он дар бораи таърихи Бухорои Шарқӣ бахшида шуда буд [108, с.20; 79]. Мувофиқи маълумоти ин асар Данғара дар солҳои 1921-1924 ба ҳайати туманҳои Балҷувон ва Кангурти вилояти Кӯлоб шомил будааст [108, с.20].

Солҳои 1930-1932 Данғара тобеи ноҳияи Кангурт гардида, 8-уми июли соли 1932 ноҳияи мустақили Данғара ташкил меёбадд [18, с.57; 110, с.178], ки мувофиқи он қаламрави имрӯзаи Данғара то соли 1936 бо номи Оқсу ёд мешуд [127, с.224]. Ба ҳайати он деҳшӯроҳои Оқсу, Булён, Иғрон, Макеев, Сангтӯда дохил буданд [127, с.224]. Он вақт ноҳия 21 ҳазор аҳолӣ дошта, сокинонаш дар 90 деҳаи хурд зиндагӣ мекарданд. [127, с.224]. Мувофиқи гуфтаҳои калонсолон, он вақт дар деҳаи Оқсу идораҳои давлатӣ, нуқтаҳои қабули маҳсулот, гарнизони аскарони сурх ва муассисаи ислоҳотӣ мавҷуд буд.

Мувофиқи таҳқиқоти Ҷ.Ҳ. Талбаков Данғара то соли 1938 ба гурӯҳи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дохил мешуд. Солҳои 1944-1947 он дар ҳайати собиқ вилояти Қӯрғонтеппа, солҳои 1947-1955 ва солҳои 1974-1992 дар ҳайати собиқ вилояти Кӯлоб ва аз моҳи августи соли 1955 то соли 1973 ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ буд [110, с.178].

«Соли 1993 вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа муттаҳид карда шуданд ва он номи Хатлонро гирифт» [78, с.20]. Ноҳияи Данғара аз ҳамон сол дар ҳайати вилояти Хатлон шомил гардид

Маркази ноҳия шаҳраки Данғара мебошад, масофаи он то пойтахти ҷумҳурӣ-шаҳри Душанбе 100 км ва то маркази вилояти Хатлон-шаҳри Бохтар 76 киллометрро дар бар мегирад.

Ноҳияи Данғара дар шимол бо шаҳри Норак, дар шарқ бо ноҳияҳои Темурмалик ва Восеъ, дар ғарб бо ноҳияҳои Ёвон, Абдураҳмони Ҷомӣ ва

Леваканд, дар ғарбу ҷануб бо ноҳияҳои Кӯшониён, Вахш ва дар ҷануб бо ноҳияи Фархор ҳамсарҳад мебошад. Масоҳати ноҳия 2,1 ҳазор $км^2$ буда, он аз шимол ба ҷануб 140 км, аз шарқ ба ғарб ба масофаи 100 км тул кашидааст[1].

Алҳол мувофиқи маълумоти идораи омории ноҳия Данғара аз 1 ҷамоати шаҳрак ва 8 ҷамоати деҳот иборат аст:

1. Ҷамоати деҳоти Лолазор, марказаш деҳаи Чорсада.
2. Ҷамоати деҳоти Лоҳур, марказаш деҳаи Тоҷмаҳал.
3. Ҷамоати деҳоти Пушинг, марказаш деҳаи Аличон.
4. Ҷамоати деҳоти Исмат Шарифов, марказаш деҳаи Хуррамзамин ( собиқ Ҷартеппа).
5. Ҷамоати деҳоти Корез, марказаш деҳаи Рахшонзамин (собиқ Данғараи Боло).
6. Ҷамоати деҳоти Себистон марказаш деҳаи Себистон.
7. Ҷамоати деҳоти Оқсӯ, марказаш деҳаи Файзбахш.
8. Ҷамоати деҳоти Сангтӯда, марказаш деҳаи Гулистон.

**2. Омӯзиши бостоншиносӣ.** Омӯзиши таърихи ноҳияи Данғара аз ҷониби муаррихону бостоншиносон ҳанӯз аз солҳои 40-уми асри XX оғоз ёфтааст. «Соли 1942 бостоншиноси Шуравӣ П.И. Смоличев дар қаламравии ноҳия таҳқиқот гузаронда, чанд ёдгории таърихӣ, аз ҷумла мақбараи Мавлоно Тоҷиддин, оромгоҳи Шайх Шақиқи Балхӣ, қалъаи Золи Зар ва дигаронро омӯхт [186, с.93-97]. Баъдтар омӯзиши мунтазами ноҳияи Данғара аз солҳои 1950-1960 оғоз шуда, таҳқиқоти ёдгориҳои таърихию фарҳангии он аз тарафи олимон, аз ҷумла А.П. Окладников [169, с.17], В.А. Ранов, Т. Филимонова [38], А. Юсупов [69, с.23], Н.М. Виноградова [38], Х. Муҳиддинов, Р. Маҳмадшоев [71; 72], Э.А. Юркевич [198, с.114-124], Ю. Яқубов [200, с.109-137; 201, с.1-3], Т.М. Атаханов [140, с.52-58], Е.П. Денисов [45], Е.А. Давидович [44], Д. Довудӣ [47] ва дигарон анҷом дода шуд.

---

1 Маълумот аз харитаи иқтисодии Тоҷикистон. – Душанбе: 2018.

Кофтуковҳои бостоншиносии солҳои баъдӣ низ аз тарафи олимони соҳа давом дода шуд, ки дар натиҷа дар мавзеъҳои Золи Зар, Қисироб (Оби Хусрав), Пушинг, Паркамчӣ, Иғрон, Дараи Шӯр, Оғзи Кичик (Даҳани кӯчак), Сойи Сайёд, Тутқавул, Хушманзар, Остона, Торбулоқ ва дигар ҷойҳо боқимондаҳои замонҳои асри санг (60-50 ҳазорсолаи пеш аз милод), биринҷ ва оҳан (ҳазорсолаҳои III-I пеш аз милод) кашф гардиданд.

Дар давраи истиқлолият низ як катор корҳои бостоншиносӣ зери роҳбарии академик Ю. Яқубов бо ҳамкории давлати Фаронса (роҳбараш Матилд Элен) дар ёдгориҳои антиқа: Золи Зард, Пушинг, Ғиҷовак гузаронида шуд. Айни ҳол дар ёдгориҳои таърихии ин ноҳия аз ҷониби бостоншиносони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва бостоншиносони кишварҳои хориҷӣ, хусусан Фаронса экспедитсияҳои муштарак гузаронида шуда истодааст.

**2. Сарчашмаҳои хаттӣ.** Дар сарчашмаҳои таърихӣ маконе, ки ҳоло бо номи ноҳияи Данғара ёд мешавад, дар гузашта бо номҳои: Данғара, Тамлиёт ва Дашти Кӯлак зикр меёбад. Хусусан, дар асари ҷуғрофии асри X «Ҳудудд-ул-олам» омадааст: «Борсориғ, Мунк, Тамлиёт шаҳракҳоеанд хурд ва бисёрнеъмату ободон ва мардумони ҷангианд» [11, с.119]. Ал-Истахрӣ ва Ибни Ҳавкал навиштаанд: «Тамлиёт аз Пули Сангин дар дурии чор фарсах (24 км) дар роҳи корвонгузари Мунк воқеъ гаштааст» [43, с.198].

Аз рӯйи хулосаи таърихшинос Э.А. Юркевич харобаҳои Тутқавул шаҳри қадимаи Тамлиёт буда, тавассути он роҳи корвонгузари Мунк мегузашт [198, с.114-124; 198, с.52-58]. Ин роҳ Шумону Вашгирдро бо Хутал пайваст мекард. Шаҳри Тамлиёт, ки аз ҷиҳати стратегӣ дар он даврахо дар ҷои муҳим - дар чорроҳаи корвонгузар ҷойгир буд, борҳо зери тохтутози душманони аҷнабӣ монда буд. Дар асри XIII урдуи муғул бо роҳбарии Чингизхон [41, с.503-506] Тамлиётро пурра хароб мекунад.

Дар сарчашмаҳо омадааст: «Хароб карда шудани Тамлиётро бори аввал кори дастаҳои Бӯритегини турк (Иброҳим ибни Наср) [41, с.455],

дар нимаи дуюми асри XI, ки ӯ дар ин ҳуҷумаш аз Шумон (Ҳисор) то Ҳулбук пеш рафта, ҳама ҷоро ғорат карда буд, дониста мешавад. Харобии пурраю ниҳоии Тамлиёт бошад, кори дастаҳои хунхори Чингиз дар соли 1220 мебошад. Зеро тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар ин сол Чингиз ба Кангурту Сомон ҳуҷум карда, онҳоро пурра хароб карда буд» [42, с.10].

Муаррихи шаҳир Мирхонд [9; 43, с. 257] ки дар асараш «Равзат-ус сафо» дар хусуси лашкаркашиҳои Чингизхон маълумоти муфассал овардааст, номи Тамлиётро зикр накарда, чунин навиштааст: «Ва чун хотири Чингизхон аз харобии Тирмиз фориғ гашт, ба ҳудуди Лангурт (Кангурт) [19] ва Сомон рафт. Ва зимистон дар он ҷо раҳли иқомат афрохта, ба куштану кандан ва тохтан он диёрро низ (аз вуҷуди одамону ободонӣ) пок сохт».

Ҷувайнӣ [43, с.257] низ айнан ҳамин хабарро оварда, ба ҷойи Лангурт Кангурт [19] ва номи «Сомон»-ро «Самон» зикр намудааст. Муаррих Ғ. Ғоибов навиштааст: «Гумон меравад Самон ё Сомон деҳаи ободоне дар наздикиҳои Данғараи ҳозира бошад» [43, с.258].

Бори аввал вожаи Дашти Кӯлак дар асари муаррих Шарафуддин Алии Яздӣ «Зафарномаи Темурӣ» [7] вомехӯрад ва маълум мегардад, ки мавзеи Данғараро дар асри XIV Дашти Кӯлак меномиданд. Алии Яздӣ мегӯяд: «Амир Ҳусайн ва ҳазрати соҳибқирон (Амир Темур) аз он ҷо ба ҷониби Солисарой (ноҳияи Панҷи ҳозира) убур намуданд ва мутаваҷҷеҳи Хатлон шуданд. Аз чӯл гузашта дар мавзеи Дашти Кӯлак хайма заданд» [43, с.369].

Номи Дашти Кӯлак баъдҳо ҳам то асри XVI боқӣ мемонад. Масалан, Мирзо Ҳайдари муғул дар асараш «Таърихи Рашидӣ» дар бораи топоними ватани Мавлоно Тоҷиддин, яъне Дашти Кӯлак борҳо ёдовар гаштааст. Ӯ аз Дашти Кӯлак «ба ғайр аз деҳаи муътабари Пушинг» ҳангоми ҷанги байни Бобуру султонҳои ӯзбаки Ҳисор «боз чун мавозеи машҳури Хатлон» аз он ёд кардааст [43, с.369].

Ҳамчунин, дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд [9], ки дар он ҳодисаву воқеаҳои миёнаҳои асри XIV (солҳои 1359-1360), давраҳои мубориза Темурланг [41, с.533-552] барои ба даст овардани қудрат сабт гардидаанд, бо топоними Дашти Кӯлак дучор меоем. Алии Яздӣ ин мавзеъро «Дашти Кӯлак» ва бори дигар «Дашти Қуланг» зикр намудааст [7; 43, с.287]. Тибқи навиштаи Алии Яздӣ, Амир Темур ва Амир Ҳусайн аз Солисарой (ноҳияи Панҷ) «мутаваҷҷеҳи Хатлон шуданд ва ба чул даромада, аз чӯл гузашта, мавзеи Дашти Кӯлак мухайями нузули фархунда гаштанд...». Ва дар ҳамин мавзеъ «Шербаҳром ба сӯи Балҷувон равон шуд» [6]. Азбаски аз Дашти Кӯлаки мазкур Шербаҳром ба сӯи Балҷувон рафтау Темур ба душманаш дар Пули Сангин ҳуҷум бурдааст, пас маълум мешавад, ки Дашти Кӯлак дар ҷойи кунунии Данғара воқеъ будааст, зеро аз Данғара роҳ ба сӯи Кангурт ва Балҷувон мерасад.

Номи Дашти Кӯлак дар катибаи санги қабри дахмаи Шайбониён дар Самарқанд низ сабт шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки «яке аз писарони Муҳаммади Шайбонӣ-Муҳаммад Султон с. 1514 дар Дашти Кӯлаки Хатлон (Данғараи имрӯза) кушта шудааст» [115, с.28].

Олимон дар бораи топоними «Дашти Кӯлак» ақидаҳои гуногун доранд. Ба ақидаи муаррих Ғолиб Ғоибов Дашти Кӯлак мавзеи ободе будааст, дар наздикии Данғараи имрӯза [43, с.287]. «Дашти Кӯлак ҳамчун номи мавзеъ дар асри XVII аз байн рафтааст. Дар сарчашмаҳои таърихии асрҳои XVII-XX ин ном тамоман ёд нагаштааст» [62, с.170]. Ба ақидаи муаррихи шинохтаи тоҷик Ю. Яқубов Дашти Кӯлак ҳамин Золи Зард (наздики деҳаҳои Чоркӯл ва Корез) мебошад.

Дар асрҳои миёна яке аз деҳаҳои калону ободи ноҳия Пушинг буда, дар бисёр сарчашмаҳои таърихӣ аз он ёд мешавад. Аз ҷумла, соли 912-и ҳиҷрӣ (1506-1507) Мирзо Ҳайдар дар асари «Таърихи Рашидӣ» [17] ин номро зикр намудааст [43, с.369].

Соли 910 / 1504-1505, вақте ки Шайбонихон [39, с.583-590] Мовароуннаҳр ва баъзе манотиқи Хуросонро ба тассаруфи худ

медарород, шоҳзодаҳои темурӣ ба Бадахшону Афғонистон фирор менамоянд [2]. Мирзо Ҳайдари муғул, ки он вақт 9 сол дошт, бо устоди худ аз Ҳисор ба Дашти Кӯлак [92, с.114-115; 124, с.68] омада, дар деҳаи Пушинг, ки «яке аз курайётҳои (деҳаҳои) муътабари Хатлон будааст, дар хонаи арбоби вай, ки ба Хоҷа Ҳабибуллоҳ машҳур буд, чанд рӯз таваққуф мекунад» [17; 2, с.21; 43.].

Деҳаи дигаре, ки дар сарчашмаҳои таърихии асрҳои миёна бисёр ёд шудааст, марҳала (корвонсарой)-и Кӯлон (ҳоло деҳаи Себистон) мебошад. Муллифи «Фазоили Балх» нисбати ҷои шаҳодати орифи машҳур Шайх Шақиқи Балхӣ менависад: «Ва Шақиқ ба иззи шаҳодат мушарраф шуд ба марҳалаи Кӯлон миёни Хатлон ва Вашгирд» [123, с.130-131]. Ибни Асир чунин нигоштааст: «Дар ин сол (194) Шақиқи Балхии Зоҳид дар ғазои Кӯлон... кушта шуд» [124, с.64].

Тибқи маълумоти «Таърихи Ҳумоюн»-и Содиқхоҷаи Гулшанӣ «ҷамъияти аҳолии ин вилоят мутаҷовиз аз даҳ ҳазор хонавор аст. Ҳамаи онҳо тоҷиканд» [43, с.546]. Дар он вақт Данғара тавобеи Кангурт буд ва хулоса кардан мумкин аст, ки аҳолии шимоли ноҳияи Данғара ҳама тоҷикон будаанд.

**3. Маълумоти сайёҳони рус дар бораи Данғара.** Аввалин сайёҳи рус, ки дар бораи ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғара маълумот додааст ин Н.А. Маев мебошад. Ӯ соли 1875 ба қисмати чапи дарёи Вахш (марзи имрӯзаи Данғара) гузашта, дар бораи Пули Сангин, деҳаҳои Кулли Сӯфиён, Талхоб, Гулӯи Зиндон ва табиати кӯҳи Себистон маълумот додааст [164, с.349-463]. Мувофиқи ахбори Н.А. Маев: «Барои он, ки рафтуои байни кишвари Ҳисор ва бекигарии Балҷувону Кӯлоб каме беҳтар гардад, собиқ сарвари Ҳисор Яқуб қушбегӣ[1] қад-қади Вахш аз Пули Сангин то деҳаи «Дюрткаул» (Тутқабул- С.Ф.) роҳи нав сохт [164, с.349-463].

Ҳамчунин, оид ба бекигарии Балҷувон ва ҳудуди имрӯзаи Данғара ахбороти географӣ ва таърихиро дар асари сайёҳ ва географи рус В.И.

1 Яқуббекро Н.А. Маев дар асараш чун мӯйсафеди фавқулода боақлу созанда баҳо додааст.

Липский «Бухорои кӯҳӣ» (Горная Бухара) дарёфтан мумкин аст [64, с.268]. Сайёҳ дар асараш дар бораи деҳаҳои Кангурт, Пушинг, Сангтӯда, табиат ва аз ҷумла пистазорҳои Данғара маълумот додааст.

Соли 1908 профессор А.В. Нечаев аз даштҳои Данғара гузар намуда, таассуроти худро дар асараш «По горной Бухаре» навиштааст [82, с.67]. Нечаев дар бораи деҳаҳои Сангтӯда, Саргазон маълумот дода, ҳатто аксҳои ин деҳаҳоро дар асараш овардааст. Дашти Данғараро ӯ Саргазон ном бурда, онро чун чарогоҳи васеъи пуралафу дорои чорвои зиёд ва кӯҳи Морон (Ҷелонтоғ) - ро серҷангал қайд кардааст [82, с.67].

**4. Замони Шуравӣ.** То давраи барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ деҳаи калонтарину ободтарини ноҳияи Данғара Пушинг ба ҳисоб мерафт. «Дар он айём дар Пушинг 11 осёб, 5 ҷувоз, 8 дӯкони чармгарии пойафзол, дӯконҳои оҳангарию кандакорӣ, 3 мадраса ва 6 масҷид вуҷуд доштааст» [43, с.258; 191]. Аввалин сохторҳо дар ноҳияи Данғара баъди сарнагун шудани аморати Бухоро маҳз дар деҳаи Пушинг барпо гардидаанд [245].

Дар охири солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юми асри XX барои азхудкунии заминҳои навкорами Данғара аз ҷумҳуриҳои гуногуни ИҶШС ҷавонони комсомол фиристода шуданд. Соли 1929 бо қарори махсуси Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП (б) дар Данғара аввалин ва калонтарин дар Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон ва Осиёи Миёна- совхози «Намуна» (баъдан Данғара) созмон ёфт [124, с.491-492]. Дар он солҳо совхоз дар ихтиёри худ 35 ҳазор гектар замин дошт. Моҳи марти соли 1930 аввалин маротиба барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ба Данғара чор трактор ҷудо гашта, тавассути «Қӯрғонтеппа бо роҳи Лоҳур ба Данғара оварда шуданд» [8, с.72]. Дар ҳамон сол (1930) бо тракторҳо 600 гектар заминро шудгор намуда, аз ҳар гектар ба андозаи 12 сентнерӣ ҳосил ғундоштанд.

Аввалин тракторчиҳо фиристодагони мардуми рус буданд. Барои ҷалб ва тайёр кардани тракторчиҳо аз байни мардуми маҳаллӣ, аллакай, дар аввали солҳои 1930-юм дар ноҳия МТС (Шабакаи мошину трактор)

ва дар назди он курсҳои кӯтоҳмуддати тракторчигӣ ташкил гардид [53, с.105]. Баъди азхудкунии заминҳо дар совхози «Данғара» ва тарғибу ташвиқ мардуми маҳаллӣ дар гӯшаҳои гуногуни ноҳия таъсисёбии колхозҳо шуруъ шуд.

Бо сабаби нарасидани қувваи корӣ дар азхудкунии заминҳо сокинони деҳоти кӯҳсори ноҳияҳои Кангурт, Сари Хосор ва Балҷувонро ба водии Данғара (муҳоҷирони ихтиёрӣ) ҷалб намуда, ба ташкилёбии аввалин колхозу артелҳои хоҷагии деҳаҳо асос гузоштанд [58, с.253].

Душманони сохти нав, хусусан босмачиҳо аз онҳое, ки ба қавлашон аз кофирҳо кор меомӯхтанд, сахт қасосгирӣ мекарданд. «Баҳори соли 1931 дар дашти беканори Олимтой фиристодагони комсомол Володя Михайлов ва Саша Алексеев кушта шуданд» [124, с.90].

«Дар ибтидои соли 1931 саркардаи босмачиҳо Иброҳимбек, ки дар Афғонистон қарор дошт, бо ду ҳазор одамони худ бо баҳонаи ба Тоҷикистон баргардонидани 5 ҳазор оилаҳои гӯё ба зӯрӣ ба Афғонистон бадарға шуда, аз дарёи Панҷ гузашта ба сӯи Данғара равона мегардад» [57, с.653, 656, 657, 661, 666-668]. Зарбаи аввал ба Иброҳимбек дар мавзеи Найзабулоқ (Қисироб)-и ноҳия зада мешавад. Иброҳимбек баъдтар ҷанги Найзабулокро ёд оварда, мегӯяд: «Ман 10 сол ба муқобили лашкари сурх ҷангидаам. Вале ягон ҷангро мисли он ҷанг надидаам» [57, с.666-668].

5-уми майи соли 1931 дар рӯзномаи «Красная звезда» мақолае ба чоп мерасад, ки тибқи он «дастаи Иброҳимбек борҳо дар кӯҳҳои Чолтов, Сарсарак ва Рангони ноҳияи Данғара бо аскарони сурх хунрезиҳо кардааст» [155].

Мувофиқи маълумоти сокини ноҳия Ҷ. Ҷамилов соли 1932 авввалин колхозҳои ғаллакорӣ дар даштҳои Данғара бунёд ёфт [252]. Сокини ноҳия Шамсуллоев Х. илова кард, ки аз сабаби кам будани аъзоёни колхозҳо раисон ва фаъолони колхозҳо ба деҳаҳои кӯҳсори Кӯлли Суфиён, Кангурт[19], Сари Хосору Балҷувон барои ташвиқоти муҳоҷирати ихтиёрӣ мерафтанд [253].

Маорифи халқ дар солҳои 30-юм роҳи душвореро тай мекард. То ин давра аллакай дар 20 деҳаи ноҳияи Данғара мактабҳои советӣ сохта шуда буд [184].

22-юми июни соли 1941 Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз гардид. «Аз ноҳияи Данғара дар ин ҷанг 2230 нафар ҷанговарон фиристода шуда, 1264 нафари онҳо дар майдонҳои набард ҳалок гардиданд. Аз байни фиристодагон 966 нафарашон ба Ватан баргаштанд [124, с.110].

Аз байни фиристодагони ноҳияи Данғара Исмат Шарифов «аз моҳи феврал то июни соли 1944 дар муҳорибаҳои шаҳрҳои Харков, Уман ва дарёи Днепр иштирок карда, дар озод кардани шаҳри Умани РСС Украина ба гирифтани унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф гардид» [128, с.107]. Дар баробари Исмат Шарифов, садҳо нафар шаҳрвандони дигари ноҳияи Данғара бо ордену медалҳои ҷангӣ мушарраф гаштанд.

Охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-уми асри XX дар ноҳия колхозҳои хурд-хурд, ки даҳҳо ададро ташкил медоданд, барҳам дода шуда, ба ҷойи онҳо колхозҳои калон, ба монанди «Аскари Сурх» (баъдан, колхози «Съезди XXII партия» ва пас совхози «Съезди XXII партия»), «Молотов», солҳои 60-ум колхозҳои «Коммунизм», "Ленин", "Каганович" ва Фрунзе ташкил ёфтанд.

5. **Давраи соҳибистиқлолӣ** дар таърихнигории Данғара рангин мегардад. Дар ин давра Данғара ба яке аз калонтарин ноҳияҳои аграрӣ-саноатии Тоҷикистон табдил дода шуда, корхонаҳои калонтарин: ҶМЧ ҶСП «ҶУНТАЙ Син-силу текстил» (дар ҳамкорӣ бо ҶМЧ), НБО-и Сангтӯда-1 (дар ҳамкорӣ бо Россия), НБО-и Сангтӯда-2 (дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии исломии Эрон), Минтақаи озоди иқтисодӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи тиббии Хатлон ва даҳҳо дигар иншооти саноатию маданӣ сохта мавриди истифода қарор гирифта, Данғара симои шаҳрро мегирад.

**Ҳамин тавр**, ҳангоми дастрасӣ ба маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия муайян карда шуд, ки дар бахши ҷуғрофии Данғара

сарчашмаҳои хаттӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо онҳо кам дар шакли пароканда ва нопурра маҳфузанд. Новобаста ба ин, бо истифода аз асарҳои муҳаққиқони тоинқилобии рус, шуравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ ҷанбаъҳои таърихӣ ва ҷуғрофии ноҳияи Данғара мушаххас карда шуд. Ҳамзамон, муайян гардид, ки таърихи Данғара аз асри санг: палеолити боло оғоз шуда, нисбат ба дигар ноҳияҳои Тоҷикистон хубтар омӯхта шудааст. Дар ҳама давру замон дар ҳудуди ноҳия одамон сукунат доштаанд, ки яке аз сабабҳояш шароити мусоиди таббии он дар тӯли таърих мебошад. Данғара дар замони шуравӣ соли 1932 ҳамчун ноҳияи маъмурӣ ташкил ёфта, то кунун ба пешравиҳои назаррас дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ноил гардидааст.

## 1.2.Анъанаи ҷашни Наврӯз дар Данғара дар давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ

Ҳар қавм, халқ ва миллат дорои анъанаву оинҳо ва суннатҳои хоси худ буда, ба ин восита аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Хусусан, тоҷикон аз қадим дорои анаъанаву суннатҳо ва иду ҷашнҳои хос мебошанд, ки то имрӯз онҳоро нигоҳ доштаанд. Яке аз муҳимтарин ва маъруфтарин ҷашнҳои тоҷикон Наврӯз мебошад. Он бузургтарин ва қадимтарин ҷашни мардумони ориёитабор аст, ки собиқаи тулонии таърихӣ дорад. «Дар осори хаттии даврони Сосониён дар баробари зикри номи ҷашнҳои дувоздаҳгона ҷашни Наврӯз низ зикр шудааст» [51, с.59-67].

Донандаи ҷашну маросимҳои авестоӣ академик Ю. Яқубов ба он назар аст, ки «калимаи Наврӯз аз вожаи тоҷикӣ - рӯзи нав реша мегирад ва таърихи на кам аз панҷҳазорсола дорад» [133, с.90].

Дар байни тоҷикони ориёинасл Наврӯз номҳои гуногун дошта, бо як мазмун ва шукӯҳмандии ба худ хос таҷлил мегардад. Фолклоршинос Д. Раҳимӣ дар ин бора менависад: «Мардумони шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Восеъ, Муъминободу Ховалинг, Балҷувону Сари Хосор ва Данғара «Наврӯз»-ро «Сари сол» ё «Иди Соли нав» меноманд» [116, с.52]. Дар

ҳақиқат, дар натиҷаи пажӯҳиши мо маълум гашт, ки дар давраи шуравӣ ва пеш аз он ҳам дар Данғара Наврӯзро бо номи «Сари сол» ҷашн мегирфтанд.

Наврӯз ба аввалин рӯзи моҳи Фарвардин мувофиқат мекунад, ки шабу рӯз баробар мешаванд. Он мутобиқ ба 20-21-уми моҳи март рост меояд, ки мувофиқи пажӯҳиши мо он рӯзро дар Данғара «Офтобтарозу», ё «Офтоб дар тарозу» мегӯянд. Дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд онро рӯзи «Ҷуфтбаророн» [14; 166, с.297] меноманд.

Абурайҳони Берунӣ дар китобаш «Ут-тафҳим» навиштааст, ки «Нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ в-аз ин ҷиҳат "Рӯзи нав" ном карданд, зеро-к пешонаи соли нав аст» [4, с.144].

Умари Хайём дар ин бора дар «Наврӯзнома» чунин гуфтааст: «Каюмарс бингарист, ки он рӯзи бомдод офтоб ба аввали дақиқаи Ҳамал омад, мубадони Аҷамро гирд кард ва бифармуд, ки таърих аз ин ҷо оғоз кунанд» [10, 183].

**Дар замони шуравӣ** идҳои 1-уми январ, 8-уми март, 1-уми май, 9-уми май ва 7-уми ноябр ҳамчун идҳои давлатӣ ботантана ҷашн гирифта мешуданд. Аммо ҷашнҳои миллӣ – Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон ва ҷашнҳои динӣ - хатна, Иди Қурбон ва Иди Рамазон расман манъ буданд, лекин дар ин бора дар адабиётҳо маълумот дастрас нест. Ба ин нигоҳ накарда таҷлили ин идҳо дар доираи мардуми одии минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла ноҳияи Данғара гузаронида мешуданд. Ҳарсола пеш аз саршавии киштукори умумӣ Наврӯз ҷашн гирифта шуда, «Деҳқонони ин ё он деҳа қитъаи каме заминро кишт ва шахси калонсолтарини деҳа тухмиро ба замин пошида, аз нахустин рӯзи баҳор - оғози кишту кор ва ҷашни Наврӯз мужда медоданд» [253].

1. **Вижагиҳои арафаи ҷашни Наврӯз:** Фарҳангшинос Д. Раҳимӣ менависад, ки «Аз маълумоти гирдовардаи мардумшиносону муаррихон ва пажӯҳишҳои муҳаққиқон бармеояд, ки дар Ҷашни Наврӯз ва оинҳову

суннатҳои марбути он ранги сафед аҳаммияти бештаре доштааст» [180, с.102].

Ба қавли граф А.А. Бобринский, ки аз охири асри XIX ахбор додааст: «Дар арафаи ҷашни Наврӯз мардуми Помир бо ҷорӯбҳои махсус хонаро тоза мекунанд, ба китфи якдигар орд мепошанд» [36, с.97-103]. Дар Данғара низ ин одат ҷой дошт, лекин на ба орд, балки хонаҳоро қабл аз фарорасии ҷашни Наврӯз бо сафедхок ё оҳак сафед мекарданд. Ин гуфтаҳоро сокини куҳансолтарини ноҳия Ҷунайд Ҷалилов (с.т. 1920) тасдиқ карда мегӯяд: «То охири солҳои 50-уми асри гузашта, дар деҳоти Данғара ҳангоми фарорасии «Наврӯз» аз кам будани оҳак хонаҳоро бо сафедхок сафед мекарданд».

**2.Кашидани расм дар девори хона бахшида ба иди Наврӯз:** Академик Ю. Яқубов дар бораи Наврӯзи Дарвоз хабар дода, навиштааст: «Дар деҳаи Равнов ва Ёгед дар деворҳои хона (гирди тирезаҳо) бо сафедхок «қадбачаҳо» мекашанд, ки рамзи шумораи одамони хонаанд» [197, с.3]. Дар Данғара бошад, мувофиқи маълумоти сокини деҳаи Талхоб Т. Пиров (с.т. 1927) «кашидани сурати одамро «куфр» шуморида, то солҳои 60-уми асри гузашта дар рӯзҳои наврӯзӣ баъди сафед кардани дохили хона бо рангҳои обӣ ҳар гуна нақшҳое, ки дар ҳунари «гулдӯзӣ» истифода мегардад, мекашиданд» [234]. Сокини деҳаи Кӯлли Суфиён Ф. Холов (с.т.1933) бошад, мегӯяд, ки расмро на дар ҳама хонаҳо мекашиданд, аммо баъзе соҳибхоназанҳои хушзавқ ба ин кор даст мезаданд [247].

**3. Хонатаконӣ:** анъанае дигаре, ки қабл аз Наврӯз дар деҳоти Данғара анҷом дода мешавад, одати хонатаконӣ мебошад. Бонувон гилему палос, бӯрё, болишт, кӯрпаву кӯрпачаҳоро дар рӯзҳои офтобӣ аз хонаҳо берун бароварда, меафшонданд, дар зери нурҳои офтоб мегузоштанд, ки пахтааш мулоим шавад [116, с.54]. Баъди рӯбучин кардани хона рӯзгори хонаро низ шуста, тоза карда, баъд ба хона медароранд. Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки ин одат дар давраи

истиқлолият низ дар ҳама деҳаю маркази ноҳия ҳатмӣ гузаронида мешавад [20, с.112].

Сокини деҳаи Рахшонзамин Аҷик Ашӯров (с.т 1930) мегӯяд: «Солҳои пеш зарфҳои шишагӣ ва сафолиро, ки шикаста ё каф оварда буданд, аз чарие ба поён мепартофтанд» [212]. Сокини деҳаи Ғарғара Қ. Қодиров (с.т.1944) фикри Ашӯровро тақвият дода, мегӯяд: «Ин кор ба хотири он карда мешуд, ки дар соли нав ҳама аз нав бо нияти нав бе шикастҳо оғоз гардад» [224]. Аз гуфтаҳои сокини деҳаи Саъдулло Шарифи ноҳияи Кушониён Туманова Б. муайян кардем, ки ин одат фақат хоси Данғара ва минтақаи Кӯлоб набуда, балки дар ноҳияҳои ба Данғара ҳамсарҳади водии Вахш низ дида мешавад [244].

Сокини деҳаи Кулли Сӯфиён Одинаева М. (с.т. 1935) мегӯяд: «Пеш аз ҷашни Наврӯз занҳо либосҳои зимистонаро тозаю дар сандуқҳо ҷо намуда, дар байнашон барги чанор[1], тухм ё барги қоқи ҳулбаро[2] мегузоштанд [232]. Инчунин, сокини деҳаи Файзбахш Ҷ. Ҳасанов (с.т. 1939) зимни суҳбат иброз дошт, ки ҳуҷраҳоро тоза намуда, барои нобуд ва гурезондани ҳашаротҳои зараррасон алафи қоқи «думи гусола»-ро дар об тар намуда, маҳлули онро дар хона мепошиданд» [250].

**4.Сару либос ва зинати наврӯзӣ:** Дар рӯзҳои наврӯзӣ мардум мекӯшиданд то бо либосҳои тозаву озода ва бо фикру андешаҳои пок соли навро пазироӣ намоянд (расми 1.6). Дар ин бора сокини ноҳия С. Раҳматуллоев (с.т.1931) қайд намуд, ки солҳои авввали давраи шуравӣ ҳама аз карбос ва алочаи дастбоф либоси нав медӯхтанд. Чунки дигар намуди матоъ камчин ва гарон буд [237]. Сокини дигари ноҳия аз деҳаи Корез Х. Салимова (с.т. 1943) дар ин бора чунин гуфт: «Духтаракон саршӯйӣ намуда, модару модаркалонҳо мӯйҳои онҳоро майдабофӣ карда, ба нӯгашон «пахтапилтаи сафед»[3]-ро мебофтанд» [241]. Одинаева М. илова намуд, ки духтаракон ба дастон ҳинои қокро дар чой тар намуда мебастанд. Наварӯсон ба абрӯвон усмаю ба чашмон сурмаи аз

---

1 Барои гурезондани ҳар гуна ҳашарот.
2 Барои хушбӯй гардондан.
3 Пахтапилтаи сафедро аз равғанполак (филтр)-и нави тракторҳо мегирифтанд.

равғани гов омодагаштаи маҳаллӣ[1] ва «сурмаи авғонӣ» мекашиданд» [232].

**5. Аловпарак:** Тавре сокини деҳаи Ҷартеппа (ҳоло Хуррамзамин) Холмаҳмад Шамсуллоев (1922-2023) мегӯяд, солҳои 30-50-уми саддаи XX милодӣ дар деҳаҳои ноҳия, аз ҷумла Такатош, Мундоқ, Ҷартеппа, Пушинг ва ғайра вобаста ба иди Наврӯз маросими «аловпарак» (расми 1.2) гузаронида мешуд, ки чунин буд: "Бегоҳии чоршанбеи охири сол мардум дар майдонҳо, чорраҳаҳо, кӯчаҳо оташ фурӯзон намуда, пиру ҷавон аз болои он се маротиба мепариданд [177, с.156-162]. Аз рӯи гуфтаҳои калонсолони ноҳия баробари ҷаҳидан аз болои *алов* (оташ) дар маҳалҳои Данғара мегӯфтанд: «зардии ман аз ту, сурхии ту аз ман». Дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон инибораро шаклан дигар хел мегуфтанд: «Ранҷурию зардии ман аз ту, сурхию хуррамии ту аз ман». Академик Ю. Яқубов ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, дар ин бора менависад, ки ин тадбир бо умеди омадани соли наку, тани солим ва фаровонии он иҷро карда мешуд, ки онро дар байни мардумони кишварҳои гуногуни эронитабор низ метавон дид [133, с.83].

**6. Маросими гулгардонӣ.** Тавре сокини куҳансоли ноҳия Ҷ. Ҷалилов (с.т. 1920) нақл кард, дар давраи шуравӣ бо рӯидани гулҳои баҳорӣ дар диёри Данғара бачаҳо ба пуштаву домакӯҳҳо ба гулчинӣ рафта, онҳоро ба падару модар, хешовандону ҳамсояҳо тақдим мекарданд, ки онро «гулгардонӣ» меноманд (расми 1.1). Калонсолон аз дасти кӯдакон гулҳои нави баҳориро гирифта, шукри онро мекарданд, ки ба моҳу соли нав расиданд ва ба дидагонашон молида, ба кӯдакони гуловарда дуои нек мегуфтанд [252].

Сокини деҳаи Талхоб Т. Пиров (с.т. 1927) оид ба ин масъал афзуд, ки солҳои пеш кӯдакон дар даст гулҳои худрӯи баҳорӣ-тағорашиканак ва зардак дастаҷамъона ба хонаи хешу ақрабо, аҳли деҳа рафта, аз омад-омади баҳор мужда расонда, таронае мехонданд, ки оғозаш чунин буд:

*Гул овардем ба ин хона, барои соҳиби хона,*

1 Онро инчунин "сурмаи говӣ" низ мегуфтанд.

*Диҳанд бар мо идона, баҳори нав муборак бод.*

Соҳибхонаҳо бошанд, бар ивази ин ҳадияи баҳорӣ ба кӯдакон «севанчӣ» (туҳфа: ширинӣ, донагӣ, мевагӣ ва дигар хӯрдание, ки кӯдакон дӯст медоранд) тақдим мекарданд [234].

Сокини деҳаи Рахшонзамин А. Ашӯров (с.т. 1930) гуфт, солҳои пеш дар деҳаи Рахшонзамин ва деҳаҳои ба он наздик ҳангоми гулҳоро ба соҳибхоназанҳо тақдим кардан чунин сурудро замзама мекарданд:

*Гули сияҳгӯши сеқуша,*

*Миёни гандуму ғӯза,*

*Дилат бар мо намесӯза,*

*Баҳори нав муборак бод!...*

Ин сурудро бача ё духтаре, ки садояш дилнишину баланд буд, хонда, ҳамроҳонаш нақароти суруд – «баҳори нав муборак бод»-ро бо овози баланд якҷоя мехонданд. Соҳибхоназанҳо гулҳои тақдимкардаи бачаҳоро ба дидагонашон молида, шукр мекарданд, ки ба Соли нав расиданд ва ба кӯдакон барои мужда оварданашон кулча, қанд, мавиз, ғӯлинг, тути қоқ, чормағз, тухм ва ғайра «ҳайда» (ҳадия, туҳфа) медоданд [212].

Дар рафти пажӯҳиш маълум гашт, ки чунин ҷашнгирии соли нав-«Наврӯз» фақат хоси Данғара набуда, балки он дар тамоми Тоҷикистон ва аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоб чунин мебошад.

Фарҳангшинос Дилшод Раҳимӣ дар китобаш «Наврӯз – ҷашни замину офариниш» қайд кардааст, ки суннати гулгардонӣ баробари ҷашни Наврӯз таърихи хеле қадимӣ дорад. Он ба устураи Сиёвуш – эзади дар тирамоҳ мирандаву баҳорон зиндашаванда марбут мебошад. Баҳорон, ки аввалин шукуфаи гулҳо мерӯиданд, бачаҳо муждаи зиндашавии худои рустаниҳо – Сиёвушро меоварданд [89, с.72-74]. Академик Ю Яқубов навиштааст: “Дар бораи гулгардонӣ - ҷашни Гули сурх мардумшиносони рус О. Сухарева, М. Пешерева ва Н. Ершов дар Исфара, Бухоро Самарқанду Фарғона маълумот овардаанд, муллобачаҳо ба саҳро рафта, лоларо чида ба шаҳр меоварданд ва бо

суруд дар кӯчаю бозорҳо мегаштанд [133, с.84]. Фарқ аз онҳо дар Данғара писарбачаҳо гули тағорашиканак, зардак ва сияҳгӯш чида, аз баҳор мужда меоранд. Аммо даштҳои ноҳияи Данғара пур аз лола буда, чуноне ки муаллифи “Гоҳнома (тақвим)-и авестоӣ” Ю. Яқубов дар баҳорон саҳроҳои аз гули лола гулгуншудаи даштҳои Данғараро ба назар гирифта, чунин навиштааст: «Ҷашни Гули сурх дар Мазори Шарифи Афғонистон ҳар сол ид карда мешавад. Бинобар ин, хуб мешуд, ки ин ҷашнро дар саҳро, дар Данғара гузаронанд, зеро дар он ҷо заминҳо пур аз лола мебошанд» [133, с.84].

**7. Густурдани хони наврӯзӣ:** Дар баробари сафед кардани хонаҳо мардум сафедиро рамзи нишони хубию хушнудӣ ҳисобида, либосҳои сафед ба бар ва дар рӯйи суфраи наврӯзӣ ғизоҳое, ки сафеданд, аз қабили шакар, шир, ҷурғот ва хӯрокҳои аз ширу биринҷ таҳияшуда мегузоштанд (расми 1.4).

Чуноне фарҳангшинос Д. Раҳимӣ навиштааст: «Дар минтақаи Кӯлоб дар суфраи идона себу сир ва санҷид ҷой дода мешуданд, ки дарунашон сафед мебошад. Аз гӯшти ҷонварон бошад, асосан, мурғ ва моҳиро рӯйи дастархон мениҳоданд, ки онҳо сафедранг ҳастанд» [180, с.102]. Ҳангоми пажӯҳиш маълум кардем, ки ин анъана то ҳоло дар ноҳияи Данғара пойбарҷост.

**8. Хӯрокҳои наврӯзӣ:** Рӯзи охирини арафаи ид занону духтарон барои ороиши хони наврӯзӣ ба пухтупаз машғул мешуданд (расми 1.4). Чӣ хеле Х. Салимова мегӯяд: «Занҳо аз пудина ва дигар алафҳои баҳорӣ самбӯса пухта, нону кулчаҳои кунҷитдор ва чалпаку орзуқҳои равғанин тайёр мекарданд. Хӯрокҳои идона *далда, далдаи ширӣ, дангича, ширбиринҷ, атолаи бурида, оши туппа, пудинаҷӯшак, ойлова* ва чанде дигар пухта мешуд [116, с.56]. Тибқи пажӯҳиш маълум карда шуд, ки кадбонуҳо хӯрокро барвақттар омода намуда, ба хонаи ҳамсояҳои наздик тақсим мекарданд.

**9. Аёдати калонсолон:** Чуноне дар ин бора сокини куҳансоли ноҳия марҳум Э. Буриев (с.т. 1918) гуфта буд: «Саҳар либосҳои нав пӯшида,

калонсолон ба аёдати пиронсолон ва беморони деҳа ё маҳалла ва хурдтаракон ба дидорбинии момову бобоҳояшон мерафтанд. Бобою момоҳо либосҳои нави наберагонро баҳо дода, зебо шуданашонро таърифу тавсиф намуда, ба дасти онҳо ягон ширинӣ медоданд» [213].

**10. «Идгардак»-и занҳо:** Тавре шоҳидони воқеаҳо, хусусан сокини деҳаи Корез Х. Салимова (с.т. 1943) нақл кард, то солҳои 60-ум онҳо дар деҳаи Ҷартеппа (ҳоло Хуррамзамин) зиндагӣ мекарданд. Дар деҳаи онҳо баъди таҷлили иди Наврӯз дар ҳар гузар занҳо бо навбат «идгардак» мекарданд» [241]. Яъне, ҳар рӯз бо навбат занҳо ба хонаи даъватшуда рафта, пас аз тановули ғизо Наврӯзро бо сурудхонию хурсандӣ ҷашн мегирифтанд. Мувофиқи пажӯҳиш ин одат фақат хоси баъзе деҳаҳои Данғара, аз ҷумла Данғараи Боло, Ҷартеппа (ҳоло Хуррамзамин), Шаҳбур, Булёни Боло ва ғ. буда, дар замони истиқлолият низ ин анъана дар он ҷойҳо идома ёфтааст.

**11. Варзиш дар таҷлили Наврӯз:** Оид ба варзиш дар таҷлили Наврӯз санъатшинос Н. Нурҷонов қайд намудааст: «Дар даврони пеш дар шаҳри Кӯлоб бахшида ба Наврӯз дар болои Тамошотеппа сайри калон баргузор мешуд ва он ду ҳафта давом мекард. Он ба қарори беки Кӯлоб дар яке аз рӯзҳои ҷумъа оғоз меёфт. Ҷорчиҳо дар бозору ҷойҳои серодам савора гашта, эълон мекарданд: «Ҳо буродаро, рӯзи ҷумъа сайли подшоҳӣ дар Кӯлоб меша. Хоҳиш ҳаст, ки касе ғиҷҷакӣ боша, тамбурчӣ боша, думбрачӣ боша, байтгу, паҳлавон боша,... ба сайри подшоҳӣ биёяд-е!» [84, с.73-74]

Ин ахбор аз он дарак медиҳад, ки дар минтақаи Кӯлоб солҳои пеш дар рӯзҳои наврӯзӣ мусобиқаҳои варзишӣ пайваста мегузашт. Ин анъана на танҳо дар шаҳрҳои марказӣ, балки дар маҳалҳо низ маъмул буд.

Мувофиқи ахбори сокини деҳаи Хуррамзамин Х. Шамсуллоев, солҳои 40-70-уми саддаи гузашта болои кӯҳи Морон назди мақбараи Ёқуб-Саъба [101, с.148-155] дар рӯзҳои наврӯзӣ ба хотири арвоҳи ин бузургвор додани «оши худоӣ» ва гузарондани мусобиқаи гӯштингирӣ расм гашта буд [253].

Мувофиқи пажӯҳиш муайян кардем, ки солҳои 70-90-ум дар рӯзҳои наврӯзӣ гузарондани тӯйҳои хатнасур ва ташкили мусобиқаи *бузкашӣ* (расми 1.9) аз тарафи сокиноне, ки нисбатан доро буданд, ба ҳукми анъана даромада буд. Ҳамчунин, давоми як моҳ мусобиқаҳои гӯштини тоҷикӣ бо навбат дар деҳаҳои нисбатан сераҳолӣ: Ҷартеппа, Пушинг, Булёни Поён, Булёни Боло, Оқсу, Овзикент ва ғайра гузаронда мешуд.[1] Дар ин маъракаҳо паҳлавонони номии ноҳия: А. Ҳаитов, Ғ. Қаюмов (солҳои 40-70), Р. Аскаров, Ф. Ҳафизов (солҳои 80-90) И. Таваралиев, Ш. Мирзохонов, А. Шамсуллоев (давраи истиқлолият) зӯрозмоӣ мекарданд.

**12. Таҷлили Наврӯз дар солҳои 80-90-ум:** Дар солҳои охири мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ҳангоми таҷлили Иди Наврӯз дар ноҳия баъзе унсурҳои диниро илова карданд[2]. Чуноне сокини деҳаи Пушинг А. Холматов (с.т. 1947) ёд аз он солҳо мекунад: «Дар рӯзҳои наврӯзӣ дар деҳаю маҳаллаҳо бо роҳбарии яке аз бошандагони фаъоли он аз мардум пул ҷамъ намуда, чорвои калони шохдор (буққа) ва қанду мева харидорӣ мекарданд. Дар рӯзи муайяншуда ҳар оилаи маҳалла ба адозаи ҳимматаш нону кулча, ё орзуқу чалпак пухта, ба дастархони ҷашнӣ меоварданд. Чорворо забҳ намуда, аз гӯшташ шӯрбо мепухтанд ва маҳалҳои наздикро ба «оши худоӣ» бахшида ба «сари сол» даъват менамуданд. Муллои гузар баъди хестани ҳар гурӯҳи одамон оёте аз Қуръони карим хонда, ҳамагон шукронаи тинҷию амонӣ ва омадани Наврӯзро мекарданд [245]. Сокини дигари ноҳия Д. Раҳимов дар ин бора илова кард, ки мулло дар охири дуояш орзӯи «ҳама ба Наврӯзи дигар расидан»-ро аз Худо талаб карда мегуфт:

*Эй худованди замину осмон,*
*То ба наврӯзи дигар моро расон» [235].*

Гарчанде чунин ҷашн гирифтани Наврӯз он солҳо хоси Данғара буд, аммо чуноне муҳаққиқ Ю. Яқубов менависад: «Ҷашни Наврӯз, рӯзи ёдбуди арвоҳ - фарӯҳарҳост. Бо ривояти Авасто ҷашни Наврӯз авқоти

1 Аз рӯи ахбори калонсолони ноҳия.
2 Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ ва пурсиши калонсолон.

нузули фарӯфарҳост, ки аз осмон барои дидани бозмондагони худ меоянд. Бинобар ин, панҷ рӯзи аввали Наврӯз ба поккории гӯристонҳо, дуову фотеҳаи сари манзилҳо ва худоиҳо мегузарад» [133, с.90], ки ин ақоиди гузаштагон алҳол дар ноҳияи Данғара роиҷ аст.

**13. Расми Ашаглон:** Яке аз маросимҳое, ки дар рӯзҳои хушксолӣ-камборонӣ гузаронида мешавад ин «Ашаглони ростина" мебошад [185, с.2].

Дар ноҳияҳои шимоли ҷумҳурӣ онро «Сустмомо», «Сустхотун» дар ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоб онро «Ашагулон», «Обпошак» мегӯянд [104, с.451].

Ин чун маросим, хоҳиш, русум дар охири моҳи май ё июн иҷро карда мешавад. «Соле, ки борон кам мешавад, як гурӯҳ занони куҳансол, синну солашон миёнаи шеъру ғазалгӯй, чарбзабон, шӯх (зарофагӯй) либосҳои худро чаппа пӯшида, ба сару рӯяшон сиёҳӣ кашида, хӯсаҳои марду зан (арӯсу домод) тайёр мекунанд. Чун лӯхтакбозҳо ба онҳо либосҳои завқовар (хандаовар) низ мепӯшонанд. Аз тариқи ресмонҳо дасту пойи хӯсаҳоро ба бозӣ медароранд» [104, с.451].

Дар баъзе ҷойҳо сангпуштҳоро сарозер овезон мекунанд. Чӣ хеле дар ин бора муҳаққиқи бовариҳои мардумӣ Д. Раҳимӣ мегӯяд: «Дар ин маросимҳо ҷонварон ҳамчун воситаи асосии боронталабӣ истифода мешаванд. Мардум чунин мепиндорад, ки осмон оҳи ҷонваронро шунида, борон мефиристад. Махсусан, маросимҳои боронталабӣ бо қурбоққа ва сангпушт дар байни мардуми тоҷик маъмул аст» [178, с.33].

Таносуби калимаҳои «қурбоққа», «сангпушт» ва «борон» дар боварҳои аксари мардуми Тоҷикистон як мебошад. Иртиботи ин мафҳумро донишманди рус В.В. Евсюков дар асараш «Устураҳо дар бораи офариниш» чунин шарҳ додааст: «Комилан равшан аст, ки самаранокии замин бе намии ҳаётофар тасаввурношаванда мебошад. Барои ҳамин дар устураҳо махлуқҳои хокӣ-заминӣ ба об иртиботи наздик доранд, махсусан қурбоққа дар асотири бисёр халқҳо ба сифати олиҳаи обҳои ҷаҳонӣ шинохта шудааст [146, с.56].

Муҳаққиқ Р. Аҳмадов менависад: “Дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб, ки ноҳияи Данғара ба он шомил аст, барои гузаронидани маросими «Ашагулон» аз байни мардуми фаъол гурӯҳе ташкил карда мешуд. Ба ҳайати он дойрадастон, лабчангнавозон, таблакчиён, дуторчиён, раққосон низ шомил мешуданд, ки оҳанг навохта, суруд мехонданд” [35, с.27].

Ҳангоми суҳбати рӯ ба рӯ бо сокинони куҳансоли ноҳия Х. Шамсуллоев(с.т. 1922), Ҷ. Ҷалилов (с.т. 1920) ва Т. Пиров (с.т. 1927) маълум гашт, ки дар Данғара ва ноҳияҳои бо он ҳамсарҳад маросими «Ашаглон» дар гузаштаи начандон дур, махсусан солҳои 50-70-уми асри гузашта хеле машҳур буд.

Дар баҳорон ҳангоми вақти кишту кор, ки ҳафтаҳо борон намеборад, дар деҳот яке аз занони чусту чолок, боиффат, соҳиби набераю абера ва бо як никоҳ аз чӯб хуса сохта, ба он куртаи занонаи аксаран рангаш сурх пӯшонда, ба сараш рӯймол мепартофтанд. Мувофиқи пажӯҳиш дар баъзе мавзеъҳо (деҳаҳои Мундоқ, Хуррамзамин, Булёни Поён) ба ҷойи хӯса худи зан нақши «Ашаглон»-ро иҷро мекард.

Сокини деҳаи Рахшонзамин М. Ҳалимова (с.т. 1940) аз он рӯзҳо ёд оварда гуфт, ки ашагулончӣ дар болои сараш ғалберро мегузошт ва аз болояш лӯхтаки чӯбинро гузошта ба он рӯймол мепӯшонд (расми 1.3). Зани бо хӯса (лухтаки чӯбин) ё ин, ки худи «ашаглон» бо ҳамроҳии ду нафар дойрачӣ ва якчанд нафар занон рақскунон хона ба хона гашта, ин сурудро мехонданд:

*Ашаглони ростина,*

*Як бор биҷунбон остина.*

*Ғаллаи сабзум қоқ шидай,*

*Як бор бирезон борона...» [249].*

Сокини деҳаи Булёни Поён П. Қурбонова (с.т. 1948) афзуд, ки ҳар як соҳибхона ба ашаглон ягон намуди хӯрок ё орд, гандум, нахӯд ва ғ. медод. Аз шахсоне, ки дар маркази деҳа ё базмгоҳ ҷамъ мешуданд, се –

чор нафар занони куҳансол дар хонаи яке аз онҳо, ё дар худи майдон барои иштирокчиёни ашаглон *атола*[1] мепӯхтанд» [225].

Сокини дигари деҳаи Булёни Поён А. Далиев (с.т 1950) гуфт: «Қисмати охири маросим дар лаби ҷӯй ё дарёча гузаронида мешуд. Баъди маросими «Ашаглон» ҳамдеҳагон якҷоя дар ҳаққи Бобои деҳқон дуо хонда, дархост мекарданд, ки ба онҳо борон ато фармояд. Пас аз дуохонӣ занону мардон (дар алоҳидагӣ) ба рӯйи якдигар об мепошиданд. Ба сару рӯи ашагулонзан он қадар об мепошиданд, ки ӯ аз хунукии об ҳатто ба ларза меомад» [215].

**Таҷлили Наврӯз дар давраи соиҳбистиқлолӣ.** Бо шарофияти соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ва ташабусҳои наҷибонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон анъанаҳо ва ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Наврӯз зина ба зина бо тамоми сунатҳояш эҳё шуда, ҳар сол тамоми тоҷикон онро бо шукуҳу шаҳомт ҷашн мегиранд.

Муҳаққиқ А. Абдуллоев навиштааст, ки дар ноҳияи Данғара омодагиҳо ба пешвозгирии Наврӯз тақрибан 10-15 рӯз пеш аз оғози ҷашн шуруъ мегардид [20, с.112]. Қабл аз фарорасии ҷашни Наврӯз барои барпо намудани чорабиниҳои наврӯзӣ тамоми кӯчаҳо ва боғи марказии шаҳраки Данғара тозаю озода карда шуда, идона оро дода мешуд.

Бахшида ба ин ид дар ҳудуди Маҷмааи Хуррамшаҳри ноҳия намоиши ҳунарҳои мардумӣ, дастовардҳои сокинони ноҳия, намоиши сару либосҳои миллӣ гузаронда шуда, аз ҷониби ташкилоту муассисаҳо ва кадбонуҳо таомҳо, маҳсулоти хӯрокворӣ, қаннодию хӯришҳои гуногун ба тамошо гузошта мешавад. (расми 1.4). Баъдан намояндагони ҳукумати ноҳия ва меҳмонҳо аз дастархони наврӯзӣ дидан менамоянд. Меҳмонони аз дуру наздик омада дар нишастгоҳҳо ҷой мегиранд[2]. Сипас, гулдухтарону писарон бо либосҳои зебою рангоранг вориди наврӯзгоҳ шуда, шукуҳбахши базми наврӯзӣ мегарданд (расми 1.8).

---

1 Шӯлаи суюқ – тунук.
2 Варзишгоҳи марказии ноҳия дар назар аст.

Бо садои форами мусиқии «Бӯи баҳор меояд...» Ҷашни наврӯзӣ оғоз мегардад. Ровиён тараннуми васфи баҳору Наврӯзро намуда, роҳбарони ноҳия ва намояндагони ҳокимияти вилоят ва ҷумҳурӣ меҳнаткашони ноҳияро табрик гуфта, онҳоро ба муносибати фарорасии Соли нави аҷдодӣ шодбош мегӯянд.

Дар оғоз гулдухтарон дар дастҳо суманак вориди идҷо мешаванд ва дар васфи Наврӯз шеърҳо қироат мекунанд. Сипас, тахти навои мусиқӣ Арӯси сол – Баҳор ва Наврӯзу Бобои Деҳқон ба майдон ворид мешаванд [20, с.116]. Навои мусиқии миллӣ бо садои карнаю сурнай танинандоз мегардад.

Базми наврӯзӣ то нимаи рӯз идома меёбад. Баъд мардум гурӯҳ – гурӯҳ аз Наврӯзгоҳ баромада, ҳангоми вохӯрӣ бо шиносону дӯстон якдигарро бо фарорасии Наврӯз табрик мегӯянд[1].

Наврӯз дар деҳаҳо низ бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегардад. «Дар ҳама деҳаҳои ноҳияи Данғара тарзи гузаронидани ҷашни Наврӯз қариб якранг сурат мегиранд. Аз мушоҳидаҳо чунин ба назар мерасад, ки сабаби якранг ва аз ҳад зиёд монанд гузаронидани ин ҷашн дар ҳама деҳаҳои ноҳияи мазкур маттаҳидии аҳолӣ ва якранг будани урфу одатҳояшон мебошад» [20, с.113].

Ҷашни Наврӯзро дар Данғара ва Кангурти ноҳияи Темурмалик «Иди сари сол» мегӯянд, аммо дар баъзе ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла дар ноҳияи Шамсидини Шоҳин онро «Дарвешона» [200, с.4] меноманд. Дар ин кор раисони маҳаллаҳо ё ҷавонон ҷойи махсусро «наврӯзгоҳ» интихоб намуда[2], барои ҳар кадбону дегдончаи алоҳида месозанд. Ҳар кадбону деги худро гузошта, ягон ғизои идона омода месозад[3].

---

1 Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсии солҳои охир ва наворҳои "Наврӯзӣ"-и шабакаҳои телевизионӣ.
2 Қади роҳ, лаби ҷӯй ё канал, таги дарахтон ё ҷое, ки кандани чагдончаҳо мувофиқат кунад.
3 Баъзан дар хонаҳо тайёр карда, сипас ба наврӯзгоҳ бо дег меоранд.

Аз хонаҳо ба наврӯзгоҳ ҷавонон ё духтарон палосу кӯрпача меоранд ва онро густурда, меҳмононро даъват менамоянд. Ашхосе, ки тасодуфан аз ин макон мегузаранд, аз нони маърака бе насиб намемонад [20, с.11]. Барои пешвози меҳмонон ҷавонони боғайрати чолокро мутасаддӣ мекунанд. Онҳо меҳмононро бо лутфу марҳамат пешвоз мегиранд[1]. Баъди хӯрдани ғизо мӯйсафедон дуою фотеҳа намуда, мардон алоҳида ва занон даста-даста нишаста, хурсандӣ мекунанд. Духтараконии қадрас сурудхонию рақс карда, хӯрсандӣ мекунанд [20, с.11].

1. **Пухтани суманак:** Яке аз суннатҳое, ки дар миёни мардуми ориёиасл, аз ҷумла тоҷикон ва мардуми Данғара имрӯз ҳам пойбарҷост, чанд рӯз пеш ё ҳамзамон рӯзи ҷашни Наврӯз пухтани суманак мебошад, ки дар баъзе минтақаҳои тоҷикнишин онро «саманак» ва «сималак» низ меноманд [192, с.3].

Дар ноҳияи Данғара оғоз аз аввали моҳи март дар лаган ва табақҳои сафолию чӯбӣ гандуми тозаю бенуқсро ба миқдори 2-3 см баландӣ гирифта, дур аз нури тези офтоб барои суманакпазӣ месабзонанд. Онро ҳангоми боронҳои тезгузари баҳорӣ зери борон гузошта, об медиҳанд, то ки сабза тез авҷ гирад. Агар борон нашавад, дар як рӯз ду-се маротиба об *«чилча»*[2] мекунанд. Дар даҳаи дуюми моҳ, вақте сабзаи суманак 2-3 см қад мекашад[3], аллакай суманакпазӣ оғоз меёбад.

Сокини ноҳия С. Раҳматуллоев (с.т. 1931) мегӯяд: «Суманакро дар давоми сол танҳо як вақт – дар рӯзҳои ҷашни наврӯзӣ мепазанд ва бинобар он, ҳар кас кӯшиш мекунад, ки аз ин неъмат бархурдор бошад» [237].

Муҳаққиқ А. Абдуллоев мушоҳида кардааст, ки мардуми ноҳияи Данғара чун одат ду намуди суманакро тайёр мекунанд: суманаки

---

1 Хуш омадед, марҳамат намоед, аз ин тараф гузаред, тоҷи сар, болои дида. Пойафзолҳоро дуруст мегузоранд, дастонро об мегиранд ва ғайра.

2 Обро ба панҷаи даст рехта, бо ҳаракати тез ва ларзондани панҷа қатрагӣ об додан.

3 Агар сабза аз ин баланд гардад, мазаи суманак талх омаданаш мумкин аст, бинобар ин кадбонуҳои ботаҷриба ин ҳолатҳоро ба назар мегиранд.

атолагӣ ва кӯлчагӣ. Аммо дар рӯзи ҷашни Наврӯз дар идгоҳ бештар суманаки атолагӣ мепазанд [20, с.115].

**2. Оштидиҳии қаҳриҳо:** Оине, ки аз давраҳои қадим омадааст, ин оштидиҳии қаҳриҳо мебошад, ки то ҳоло байни мардум риоя мегардад. «Чунин ақидае байни мардуми Данғара мавҷуд аст, ки дар Наврӯз бояд гуноҳҳои якдигарро бахшида, ҳама қаҳриҳо бо ҳам оштӣ шаванд ва касе дар дар дил кинаю кудурат надошта бошад» [20, с.112]. Маъмулан одамони куҳансол дар рӯзи Наврӯз ташаббус нишон дода, шахсони бо ҳам қаҳриро, ки дар ҳамсоягӣ, якҷо кор кардан, ё хешутаборӣ зиндагӣ мекунанд, оштӣ медиҳанд. Бонувони қаҳрӣ низ тавассути зани миёнарав ба хонаҳои ҳамдигар суманак ё «оши соли нав» равон карда, баъди ин дар маъракаҳо бо ҳам дар сухан мешаванд.

Сокини маҳаллаи № 8 Азимов Фаёз (с.т. 1957) қаҳригиро дар байни маҳаллаи худ маҳкум ва гуноҳ дониста, ба ҷавонон таъкид мекард, ки касе инсони худотарс аст, бояд *қаҳрӣ* нагардад. Ӯ мегуфт: «нафаре, ки бо ту қаҳрӣ мегардад, аз тарси Худо ту аввалин шуда даст дароз кун. Агар ӯ «саломи туро алек нагирад», гуноҳ аз гардани ту соқит мешавад, лекин гуноҳ дар гардани ӯ мемонад». Дар ин рӯз ба беморону камбизоатон аз тарафи шахсони саховатпеша додани кумакпулӣ ва озуқа дар давраи истиқлолият чун дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон ба ҳукми анъана даромадааст.

**3.Бозиҳои мардумӣ дар ҷашни Наврӯз:** «Ҳар сол ба муносибати ҷашни Наврӯз мардуми ноҳияи Данғара бозиҳои варзишию анъанавиеро аз қабили гуштингирӣ, бузкашӣ, бандкашӣ, ҳойравӣ ва ғайра доир менамоянд» [20, с.117]. Дар рафти ҷашн духтарчаҳои нисбатан хурдсол сангчилбозӣ (3.3), бандпаракон мекунанд [102, с.242, 248]. Наврасон ва бачагон ба ҷӯшу хурӯш омада, дар давоми ҳамон рӯз ҳар гуна бозиҳои суннатӣ ба мисли: «аловпарак», «тути тал», «бандкашӣ», «адмирно», «тухмбозӣ» «хурӯсҷанг», «кабкҷанг», «дастхобонӣ» ташкил мекунанд [20, с.116]. Дар ин бозиҳо «шарти «бараку гирак», яъне бурду бохт, тухм, хурӯс, кабк ё чизи мағлубшударо нафари ғолиб мукофот мегирад» [102,

с.242, 248]. Бояд гуфт, ки ин бозиҳо қадимӣ буда, рамзи ҷавонмардию қувваи бозуро тақозо менамоянд. Аз рӯи гуфти калонсолон тухм-шаффофию қувват, хӯрус – тоқатпазирию ғолибӣ, кабк – зебоию пуртоқатиро нишон медиҳанд.

**4. Ҷаҳонишавии Наврӯз.** Боиси ифтихор аст, ки дар иҷлосияи 64-уми Созмони Милали Муттаҳид аз 18-уми феврали соли 2010 бо ташаббуси якчанд давлати ҳавзаи Наврӯз аз ҷумла Тоҷикистон ҷашни Наврӯз ҳамчун иди байналмилалӣ қабул шуда, ба феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО дохил гардид.

Вобаста ба ин 21-уми июли соли 2010 ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйирот дароварда шуда, ба ҷойи ибораи «Ҷашни Наврӯз», «Иди байналмилалии Наврӯз» ворид гардид, ки он ҳар сол 21-24-уми март ҷашн гирифта мешавад. Ҳамчунин, бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рамзи Наврӯз таҳия шуд» [159, с.2].

**Хулоса:** Расми **ашаглон** то солҳои 70-уми асри гузашта дар байни мардуми Данғара ҳангоми камбориш омадани сол гузаронда мешуд. Ин маросим ба фасли баҳор, боронгарӣ ва кишту кор марбут буда, ба эътиқоди мардум алоқаманд мебошад.

Иди Наврӯз дар **давраи шуравӣ** дар ноҳияи Данғара бо суннатҳои хос таҷлил карда мешуд. Қисми зиёди анъанаҳои наврӯзӣ дар Данғара дар ин давра ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар маҷмуъ мувофиқат мекард. Тафовутҳо дар муқоиса ба дигар навоҳии ҷумҳурӣ дар ҷузъиёти суннатҳои ин ид ба мушоҳида мерасид. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки халқи тоҷик дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ наврӯзро дар тули таърих, новобаста аз маҳдудиятҳо таҷлил мекарданд.

Ҳангоми омӯзиши **таҷлили Наврӯз дар давраи соҳибистиқлолӣ** муайян карда шуд, ки Наврӯз бузургтарин ва қадимтарин ҷашни мардумони ориёитабор буда, дар фарҳанги мардуми тоҷик он бо номҳои Иди соли нав, Сари сол ва Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Калимаи Наврӯз аз ду ҳисса - «нав» ва «рӯз» сохта шуда, маънои рӯзи нав, рӯзи

аввали фасли баҳорро мефаҳмонад, ки дар миёни мардуми Данғара низ онро чун Наврӯз, оғози соли нав, оғози фасли баҳор мефаҳманд. Дар давраи истиқлолият “Наврӯз”-и Данғара бо шукӯҳу шаҳомати нав, бо ба инобат гирифтани меъёрҳои хоси наврӯзӣ, ки дар тамоми манотиқи кишвар таҷлил карда мешавад, дар сатҳи ноҳиявӣ ва маҳаллӣ ҷашн гирифта мешавад. Аммо дар рафти таҳқиқот муайян шуд, ки таҷлили ҷашни “Наврӯз”-и Данғара дар муқоиса бо дигар минтақаҳои кишвар каме тафовутҳои дорад. Ин тафовутҳо бештар дар унсурҳои табиӣ, оростани дастурхони наврӯзӣ, пухтани таъомҳо, суннатҳои мардумӣ ва маросимҳои хоси маҳал дида мешавад.

# БОБИ II. МАРОСИМҲОИ АНЪАНАВИИ МАРДУМӢ ДАР БАЙНИ СОКИНОНИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

## 2.1. Ҷашни арӯсӣ дар ноҳияи Данғара

Ҷашни арӯсӣ маросими муҳими иҷтимоисозии оилавӣ буда, аз якчанд марҳила иборат аст, ки чунин мазмун доранд: синну соли никоҳӣ, гаҳворабахш, хостгорӣ, ақди никоҳ байни хешу табори наздик, фотиҳа, хонадомод.

Маъракаҳои пеш аз никоҳ дар хонаи арӯс аз сарӯпобарӣ, сарупобинон, маслиҳати тӯй, тӯйҷаҳд, саршӯён, ордтақсимкунӣ ё нонпазон иборат аст.

Маъракаҳои пеш аз никоҳ ва баъди он дар хонаи домод аз сартарошон, либоспӯшӣ, шаҳбарон ё домодбарон, шаби никоҳ, дидани ҷиҳози арӯс, ҷойгаҳандозон, шаби висол, арӯсбинон, равғанрезон ё рӯғангирон, рӯбинон, чодарканон, домодталбон ё ҳафтабарӣ иборат аст.

Маросими тӯй дар байни мардуми тоҷик яке аз суннатҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар асарҳои бахше аз мардумшиносони рус ва тоҷик: М. С. Андреев [31, с.522], Н.А. Кисляков [61], Н.Х. Нурҷонов [109, с.239], Ф. Зеҳниева [54] лаҳзаҳои тӯйҳои минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб, ки ба анъанаҳои мардуми Данғара ниҳоят наздик мебошад, нишон дода шудааст.

«Ҳар як бахши ҷараёни ҷашни арӯсӣ сар то по бо лаҳзаҳои бадеӣ, фолклорӣ, санъати мусиқӣ ва фалаки даштию роғӣ зинат ёфтааст, ки аз маънавиёти ғании мардуми тоҷик дарак медиҳад» [103, с.110-111].

Бинобар ин, гуфтаҳои олимон ва маводҳои этнографии ҷамъоваришудаи хешро ба эътибор гирифта, маросими тӯйи мардуми Данғараро ба чунин давраҳо ҷудо намудан мукин аст.

1. Хостгори кардан; 2. фотиҳатӯй; 3. тӯйи калон; 4. арӯсбинакон; 5. ҳафтабарӣ.

**1.Синну соли никоҳӣ.** Дар дини Ислом синни балоғати духтар аз 9-солагӣ ва писар аз 12-солагӣ мебошад [54, с.61]. Бинобар ин, то таъсис ёфтани Ҳокимияти Шуравӣ дар байни тоҷикони манотиқи Бухорои Шарқӣ духтаронро дар 12 ва писаронро аз 15-солагӣ хонадор мекарданд [31, с.121], ки мувофиқи гуфтаҳои калонсолон дар ноҳияи Данғара низ ин анаъана вуҷуд дошт. «Барвақт хонадор кардан дар минтақаи Кӯлоб ҳатто то солҳои 30-юми асри XX давом дошт» [253].

Мардумшинос А. Мардонова яке аз сабабҳои бармаҳал хонадоркуниро дар солҳои ибтидои давраи шуравӣ дар он мебинад, ки дар баъзе оилаҳо марги кӯдакон бармаҳал буд. Ва агар дар чунин оилаҳо духтар таваллуд мешуд, падару модар ваъда медоданд, ки дар ҳолати намурдани кӯдак ӯро бармаҳал ба писари камбағале аз кундаи худашон медиҳанд [67, с.10].

«Таносуби синнусолии байни никоҳшавандаҳо 7-8 ва сатҳи охир то 10 солро ташкил медод. Кӯшиш ба харҷ дода мешуд, ки никоҳшавандаҳо ҷавону бо синну сол наздик бошанд, чуноне мардум мегӯяд: «гул ба гул» афтанд» [143, с.66].

Баъди пурра барпо гаштани Ҳокимияти Шуравӣ ва ташкил ёфтани сохти колхозӣ синни ақди никоҳ барои духтар 17 ва писар 18 муайян карда шуд [154]. Аммо чӣ хеле сокини ноҳия А. Абдурабов мегӯяд, бо сабаби он ки аксари аҳолӣ шаҳодатнома дар бораи қайди таваллуд надоштанд, онро фақат пеш аз бастани ақди никоҳи шаҳрвандӣ аз рӯи маълумотномаи пизишкон (духтурон) мегирифтанд [209]. Мисоли ин гуфтаҳоро дар навиштаҳои мардумшиносон Н.А. Кисляков, А.К. Писарчик мебинем: «Дар Дарвозу Қаротегин духтаронро баъзан то 2-3 сол калон нишон дода, шаҳодатномаи таваллуд мегирифтанду боз ҳам барвақт ба шавҳар медоданд» [109, с.35].

Қисме аз пиразанҳо мегӯянд: *вақте ба шавҳар дода шуда будем, ба кӯча баромада, бо ҳамроҳии духтарҳо бозиҳои кӯдакона мекардем.* Синну соли духтарҳо ба 12-13 ва писарҳо ба 17-18 расида, бо ҳам хонадор мешуданд. Ин ҳодисаҳо дар байни сокинони дигар ноҳияҳои

минтақаи Кӯлоб низ ба мушоҳида мерасид [103, с.112]. Ин раванд аз рӯи шаҳодати калонсолони ноҳия ҳатто то охири солҳои 50-уми асри XX роиҷ буд. Оила барпо кардани ҷавонписар аксар вақт ба ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоии аҳли хонадоне, ки ӯ дар он зиндагӣ мекард, вобаста буд[1]. Сокини деҳаи Себистон С. Маҷитова (с.т. 1937) мегӯяд: «Дар синни 18-солагӣ зан гирифтани ҷавонписар то солҳои 80-ум қариб, ки мушоҳида намешуд. Аммо дар синни 18-солагӣ ба шавҳар баромадани духтарон ҳодисаи муқаррарӣ буд» [228]. Сокини дигари ноҳия аз деҳаи Рахшонзамин М. Ҳалимова (с.т. 1940) илова кард: «Духтароне, ки аз синни 20 боло мешуданд, шавҳар карданашон бисёр вақт ба таъхир андохта мешуд. Яъне, хостгорҳо дари хонаи онҳоро кам мекӯфтанд» [249]. Дар чунин ҳолат мегуфтанд, ки «бахташ бастагӣ» ва барои «бахткушоӣ» ба мулло муроҷиат мекарданд, то ки бахти духтарро кушояд [67, с.15].

Фарқ байни аксари ҳамсарҳои ҷавон 2-5 солро ташкил медод, аммо гоҳо синну соли якхела «гавҳорабахшшудагон» низ дида мешуд [109, с.2].

**2.Гаҳворабахш.** Муҳаққиқ Х. Сафаров навиштааст: «Дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (собиқ Шӯрообод) солҳои пеш агар дар ду оилаи бо ҳам наздик дар яке писар ва дар дигаре духтар таваллуд мешуд, падару модари тарафайн барои боз ҳам наздик шудан фарзандонашонро гаҳворабахш эълон мекарданд ва баъди ба балоғат расидан онҳоро бо ҳам хонадор мекарданд» [103, с.112].

Гаҳворабахш аз замонҳои қадим «дар байни тоҷикони тамоми минтақаҳои Тоҷикистон паҳнгашта буда, бо номҳои гуногун: «Танбахшон» (Гумбулоқ, Элок), «доманчок» (Файзобод, Ёвон), «номзад» (Зарафшон), «риштабанд» (Фориш), «куртапӯшӣ» (Сангвор) [67, с.6] ва ғ. ном мегиранд.

---

1 Бинобар баланд шудани маҳри духтар дар байни мардум, солҳои 60-80-уми асри XX, на ҳар ҷавонписар барвақт зан гирифта метавонист.

Мардумшинос Е.М. Пешерова чунин навиштааст: «Дар Яғноб писарбачаро бо духтарча бо навбат дар як гаҳвора хобонда онҳоро «гавҳорабаш» карданд» [85].

Мардумшинос А. Мардонова дар ин бора гуфтааст, ки дар Ромит ва Файзобод иҷрои маросими «гаҳворабахшон» - нимникоҳа ҳисобида мешавад [67, с.7]. Бино ба таҳқиқти Р. Ҷумъаев ин одат дар байни хешони наздик бештар ҷой дорад. Мақсад аз ин кор риштаи хешу табориро боз ҳам мустаҳкам намудан аст. Баъзан ин кор дар байни бегонагон низ дида мешавад, ки мақсад аз ин ба оилаи намунавӣ риштаи хешу таборӣ пайваст кардан мебошад [122, с.43].

Мардумшиос М.С. Андреев овардааст: «Ҳолатҳое мешуданд, ки баъди таваллуд шудани духтар кӯдак ба ягон беморӣ гирифтор мегардид. Волидайни кӯдак ӯро ба писари ягон ҳамсоя ё хеш «гавҳорабахш» мекарданд. Ин бо хотири он карда мешуд, ки духтарчаро «қувваҳои фавқутабиа аз офатҳо нигаҳ доранд» [31, с.120].

Тарзи «гаҳворабанд» кардан ҳам гуногун мешавад. Мисол, дар баъзе қисматҳои минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла дар байни роғиёни ноҳияи Шӯрообод (ҳоло Шамсиддин Шоҳин) тарзи дигари гаҳворабахш, ки кундапартоӣ ё кундапайванд ном дорад, дида мешавад [103, с.112-113]. Дар байни сокинони Яғноб бошад, онро «доманҷо» мегӯянд. Қудошавандаҳои оянда аз як тараф лаби куртаи духтар ва писарбачаи 1-2 соларо бо ҳам баста, аз тарафи дигар чок мекарданд. Бо ҳамин номзадии онҳо расмӣ мешуд [137, с.14].

Дар давраи шуравӣ дар байни бошандагони Данғара низ «гаҳворабахш» кардани фарзандон дар ҳукми анъана буд. Сокини деҳаи Рахшонзамин М. Ҳалимова (с.т. 1940) мегӯяд: «Гаҳворабахш кардани кӯдакон дар ноҳияи Данғара дар синни 4-6 моҳагӣ то 2,5-3-солагии писарбача ва то 2- солагии духтарча гузаронида мешуд» [249].

Ҳангоми пажӯҳиш аз гуфтаҳои калонсолони ноҳия маълум гашт, ки дар ноҳияи Данғара баъди гаҳворабахш кардан байни қудоҳои оянда доду гирифт сар мешавад. Дар рӯзҳои иду маросимҳо оилаи писардор ба

духтардор тухфахо ба мисли курта, рӯймолча, тухм, ширинихо ва амсоли инхоро пешниход менамуд. Бо калон шудани духтар арзиши тухфахо меафзуд.

Ҳанчунин, муайян кардем, ки «гахворабахш» дар баъзе ҳолатҳо вайрон карда мешуд. Дар ин бора муҳаққиқ Х. Сафаров навиштааст: «Дар «Гахворабахш» ҳолатҳое мешавад, ки ҳангоми ба балоғат расидани писар ё духтар яке аз онҳо қарордоди гахворабахшро рад мекунанд. Он гох тухфахое, ки ба духтар оварда шуда буд, пурра аз хонаи духтардор гирифта мешуд. Ғайр аз ин, ҳам духтар ва ҳам писар маломати зиёде мешуниданд» [103, с.113-114].

Русуми «гахворабахш» қадимӣ буда, мардуми Данғара то дер гоҳ ин анъанаи худро нигоҳ медоштанд.

Аслан «гахворабахш» кардани духтарча то солҳои 90-уми асри ХХ байни сокинони ноҳия дида мешуд, лекин бо вуҷуди он солҳои охир он кам ба чашм мерасид. Дар давраи соиҳбистиқлолӣ он пурра аз байн рафтааст.

**3.Акди никоҳ байни хешу табори наздик:** Мардумшиносон А.К. Писарчик ва Б.Х. Кармишева дар асарашон дарҷ намудаанд: «То инкилоби октябр никоҳи хешутаборӣ дар байни тоҷикон анъана буд, чунин мешумориданд, ки он хушбахтӣ меорад, арвоҳи гузаштагон онро дастгирӣ мекунад ва он аз ҷиҳати иқтисодӣ *қулай* (мувофиқ) мебошад» [174, с.95]. Дар Данғара низ чун дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон анъанаи никоҳи хешу табори наздик: бо холабачаю холадухтар, амабачаю амадухтар, тағодухтару тағобача ва духтару писари амак «чун дар ҳама малакатҳои мусулмонӣ аз давраҳои қадим расм гардида буд» [31, с.121]. Гарчанде ин дар давраи истиқлолият аз рӯи қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст [154], аммо аз рӯи расму оини мусулмонӣ дуруст шуморида шуда, ба ҳукми анъана даромадааст.

Акди никоҳи хешутаборӣ махсусан то солҳои 90-уми асри ХХ ба хотири «аз қавм, кунда, решаи худ гирифтани келин» [67, с.10] зиёд ба чашм мерасид. Ҳатто авлодҳое буданд, ки «ба хотири нигоҳ доштани

бойигарии оила ва анъанаҳои авлодӣ аз доираи авлодашон берун келин намегирифтанд» [87, с.65]. Онҳо зарбулмасали мардумӣ «реша дорӣ-андеша дорӣ»-ро мисол меоварданд [67, с.11].

Ба андешаи пизишкон дар ҳолати никоҳи хешу таборӣ фарзандони касалманду маъюб нисбатан зиёд таваллуд мешаванд. Тавре дар чунин ҳолат дар водии Зарафшон мегӯянд: «Агар шохчаи як дарахтро бо дарахти дигар пайванд кунӣ, меваи хуб медиҳад» [48, с.50]. Бинобар ин солҳои охир дар натиҷаи аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ манъ кардани акди никоҳи хешутаборӣ ва фаҳмондадиҳии оммавӣ, ин раванд дар Данғара чун «дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон кам гашта истодааст» [87, с.64-66].

4. **Интихоби арӯс:** То солҳои 90-уми асри XX келини ояндаро падару модари домод интихоб мекарданд. Домод барои интихоби арӯс он қадар ҷуръат намекард. Агар арӯс аз дигар ҷой интихоб мегашт, домод ӯро бори аввал фақат таги чодар медид. Волидайни домод бештар ба сифатҳои хоси духтар мароқ зоҳир мекарданд. Чи хеле сокини деҳаи Корези ноҳия Холдона Салимова (с.т. 1943) мегӯяд: «Пеш аз ҳама покизакорӣ, одобу кирдор, кордонӣ, зебою бофаросат буданаш ва ҳатто гузаштагонашро низ ба назар мегирифтанд». Ин раванд дар ноҳияҳои ба Данғара ҳамсоя низ дида мешавад. Мисол, дар ноҳияи Файзобод мегӯянд: «Аспа аз аспдор бигиру духтара аз зотдор» [67, с.11].

Муҳаққиқ Х. Сафаров менависад, ки дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин волидайни домод махфӣ пурсон мешуданд, ки магар арӯс нон, хӯрок пухта метавонад, аз уҳда кардани чорво мебарояд ё не? [103, с.114]

Сокини ноҳияи Фархор М. Кабирова (с.т. 1930) бошад, мегӯяд, ки дар итихоби арӯс пеш аз ҳама погизакорӣ, одобу кирдор, кордонӣ, зебою бофаросат будани ӯро ва ҳатто гузаштагонашро ба назар мегирифтанд [221].

Ҳангоми интихоби арӯс бештар хулқу атвори модарашро ба инобат мегирифтанд. Ва ҳангоми интихоби арӯс мақоли «модар чӣ гуна, духтар намуна»-ро, ки дар кӯҳистон маъмул аст, доимо пеши рӯ меоваранд.

Ҳолатҳое мешуд, ки аз тарафи писардор ба хонаи духтардор нафаре аз хешони наздик бо баҳонае омада, аз ҷою манзил ва зиндагиашон бохабар мегашт. Ё баракс, чӣ хеле мардумшинос О.А. Сухарева навиштааст: «Баҳри хуш гузаштани ҳаёти духтар бо домоди оянда аз ҷониби хонаи арӯс додар ё хоҳараш ё ин ки ягон хеши наздикаш ба хонаи домод ташриф меовард» [188, с.172-176]. Ин рафтор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон дида мешавад.

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ дар ин ҷода каме дигаргуниҳо ба назар мерасад. Домод арӯси ояндаашро худаш интихоб мекунад (расми 2.1). Баъди интихоби арӯс падару модари писар бо маслиҳати қаблӣ ба хостгорӣ меравандʼ[1]. Пеш аз он ки ба хостгорӣ раванд, модари домод ва модари арӯс якдигарро омӯхта, байни худ маслиҳати пешакӣ мекунанд, ё духтари калони хона бо модараш аввал барои дидани арӯси оянда мераванд. Ин раванд солҳои пеш дар байни мардуми Қаротегин ва Дарвоз низ ҷой дошт, ки мардумшинос Н.А. Кисляков онҳоро «*келунхушкунон* ё *арӯсбинон»* гуфтааст [109, с.30].

5. **Хостгорӣ:** Баъди он, ки ду ҷавон азми хонадор шуданро мекунанд, ё падару модари ҷавон писаронро хонадор карданӣ мешаванд, касеро ба хонаи арӯс барои хостгорӣ мефиристанд, ки дар байни сокинони Данғара чун дар ҳама минтақҳои Тоҷикистон қатъӣ риоя мегардад [31, с.122]. Аслан, дар қайди ҳаёт будани падару модар ин корро онҳо иҷро мекунанд. Чи хеле сокини ноҳия М. Тоқсанов (с.т. 1957) мегӯяд: «Дар набудани падару модар бародару апа, амма, тағою амак ё ягон хеши дигар низ онро иҷро менамояд» [243]. Дар ҳар минтақа хостгорро ҳар гуна ном мегиранд.

Дар Данғара хостгорҳоро чун дар дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб хостгор ё *осақол* (оқсақол), роғиёни ноҳияи Шамсиддин Шоҳин бошанд, «овсақол» мегӯянд [103, с.115]. Ҳамчунин, дар байни тоҷикони Осиёи

---

1 Ҳолатҳое мешаванд, ки писар дилдода дорад ва албатта ба маҳбубаи худ хонадор шудан мехоҳад, аммо аксаран падару модар дар ҳолати маҳбуба надоштани писарашон, келиниояндаро пешакӣ интихоб карда, бо маслиҳати оилавӣ ба хонаи духтардор барои хостгорӣ мераванд.

Марказӣ, гапрасон (Дарвоз), хуча, кадхудо, хуҷа курук (Нуробод, Тоҷикобод), хоҷа хитоб ё хоҷа хуҷин (Рашт, Вахё), хоҷаравон (Сох); завҷӣ ё завҷихӯронак (Самарқанд), ба хешӣ рафтан (Ҳисор, Файзобод, Варзоб, Ромит) ва ғайра ном мегиранд, ки асли ин калимаҳо «мӯйсафед», «хеш гаштан», «ахбордиҳанда» ва «хостгор»-ро мефаҳмонад [67, с.19].

Муҳаққиқ Н. Х. Нурҷонов менависад: «Пеш аз ҳама барои хостгорӣ рӯзи мувофиқ интихоб карда мешуд. Аксаран рӯзи чоршанбе ё шоми панҷшанбе, ки рӯзҳои нек ба шумор мераванд, ба хостгорӣ мераванд» [109, с.26-37]. Рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанберо тоҷикони Самарқанд низ рӯзҳои барои хостгорӣ бахосият мешуморанд, ки онро муҳаққиқи рус О. А. Сухарева қайд кардааст [188, с.172-176].

Гарчанде интихоби рӯз дар давраи шуравӣ ба инобат гирифта мешуд, дар давраи соиҳбистиқлолӣ риоя намегардад. Дар ин бора чӣ хеле сокини деҳаи Сафорӯд Г. Салимова (с.т. 1955) мегӯяд: «Ҳама рӯз рӯзи Худост - гуфта, на ҳама ба ин русум эътибор медиҳанд ва аслан мардум рӯзҳои истироҳатро интихоб намуда, ба хостгорӣ мераванд» [240].

Баъзан барои хуб амалӣ гаштани кор тарафи домод ягон шахси муътабарро, ки дар пеши қудои оянда соҳиби ҳурмату эҳтиром аст, ҳамроҳи худ мебарад. Ин кор дар аксарият халқу миллатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ риоя мегардад. [31, с.122].

Дар суннати бисёр халқҳо, асосан, тарафи домод ба хонаи духтардор ба хостгорӣ меравад [31, с.123], ки дар ноҳияи Данғара низ ин амал пойбарҷост.

Баъзан хулқу атвори ҷавоне ба падару модари духтар маъқул меафтад. Онҳо кӯшиш мекӯшанд то домоди ояндаро хостаи дил гиранд[1], лек ҳеҷ гоҳ барои хостгорӣ ба хонаи писардор намераванд.

Сокини деҳаи Себистон С. Маҷитова (с.т. 1937) дар ин бора мегӯяд: «Барои хостгорӣ оқсақолон бо маслиҳати пешакӣ ва гоҳо бе маслиҳат

---

1 Ин кор асосан, аз хотири он карда мешавад, ки духтари бокира тезтар бо обрӯ хонаи падарро тарк кунад, аз дигар сӯ, тарафи духтардор домоди ояндаашонро мехоҳанд баобрӯю пулдор бубинанд.

мераванд. Духтардор барои хостгорон дастархон густурда, хӯрок меоранд. Баъди хӯрдани ғизо тарафи домод ба хонадор, муроҷиат карда, суоли анъанавиро медиҳад: шумо намепурсед, ки мо барои чӣ ба хонаи шумо омадем? Духтардор ҷавоб медиҳад: Дар хонае, ки духтари калон аст, рӯзе дарашро касе мекӯбад. Пурсидан айб нест. Хуш, бо чӣ мақсад омадед? Тарафи домоди оянда писарашро таъриф намуда, сифатҳои хуби ӯро мегӯяд ва матлабашро баён месозад» [228].

Сокини дигари ноҳия аз деҳаи Пушинг А. Холматов (с.т. 1947) зимни суҳбат гуфт: «Агар падару модари духтар розӣ бошанд, тарафи домодро меҳмондорӣ намуда, дар вақти хестан туҳфаҳои овардаи онҳоро муваққатан нигоҳ медоштанд ва ба хостгорон дар навбати худ туҳфа ва савғотӣ инъом мекарданд» [245]. Аммо дар ҷавоб ба хостгорон мегуфтанд, ки бо хешу ақрабо маслиҳат карданашон лозим аст ва бинобар ин метавонанд баъди якчанд рӯз пас боз ташриф оранд[1]. Мардумшинос М. Шовалиева низ ин нуқтаро қайд карда навиштааст: «Аммо агар розӣ набошанд, тарафи домодро «баумед» намекунанд ва он савғое, ки хостгорон оварда буданд, ба онҳо баргардонида медиҳанд, ки ин маънои розӣ набудани тарафи духтардорро мефаҳмонад» [126, с.97].

Дар давраи шуравӣ, махсусан солҳои 60-80-ум тарафи арӯс *иззат мепоид*[2] ва 4-6 маротиба писардор ба хонаи духтардор барои хостгорӣ мерафт [67, с.20][3]. Ҳар бор падари домод қанду қандалот ва 6-10 кулчаи хурд гирифта мерафт. Дар охир тарафи духтардор дастархони хостгорҳоро кулчаю қалама, қанду ширинӣ ва болояш 1-2 тикаи либос «сафедӣ» монда, ба хонаи ҷавон равон мекард ва бо ин ҳаракатҳо мефаҳмонд, ки барои қудо шудан розӣ мебошад.

---

1 Дар байни як ҳафта, ё 10 рӯзе, ки тарафи духтардор маслиҳат медиҳанд, онҳо бо пурсидани шахсони шинос ва хешу табор, домоди ояндаро меомӯзанд, ки ба чӣ кор машғул асту ягон хислати бад надошта бошад ва ғайра.
2 Агар ба як бор хостгорӣ рафтани тарафи домод духтарашро медод, гӯё худ ва духтарашро дар назди ҳамсояҳо паст мезада бошад.
3 Дар байни тоҷикони Самарқанд дар ин бора одате ҳаст: вақте хостгорҳо бори аввал ба хонаи духтардор мераванд, барои он, ки падару модари духтар мулоим гашта, розигӣ диҳанд, ноайён дар таги кӯрпача наҷосати хар ё сақич мегузоранд.

**6. Фотиҳа (Фотиҳатӯй)** маросими пеш аз тӯй буда, дар хонаи духтардор мегузарад. «Гузаронидани ин маросим дар байни ҳама тоҷикон ҳатмӣ шуморида мешуд» [67, с.32]. Онро дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ҳар гуна ном мегиранд. Мисол, дар Ҳисор «нумолакдарон» ё «сафедӣ додан» меноманд [67, с.20].

Дар фотиҳатӯй танҳо якчанд хеши наздики духтар даъват шуда, аз ҷониби домод падару модар, хостгор ва ё ягон хеши наздик иштирок мекунанд. Соҳиби хона ду намуди хӯрок ва нонпазон мекунанд. Солҳои пеш аз ҷониби писардор қанду ширинӣ ва сафедӣ, ягон либос матоъ барои момою модар ва барои худи арӯс рӯймолу калуш меоварданд.

Пас аз хӯрдани хӯроки шом волидайни домод ва арӯс бо ҳам нишаста, дар бораи доду гирифти қалинг суҳбат мекарданд [152, с.180-223].

Мардумшинос И.И. Зарубин додани қалингро чунин шарҳ додааст: «Додани қалинг дар анъанаҳои мардумони гуногуни олам мушоҳида мешавад ва онро дар ҳама ҷо чун ҷуброн ба хотири аз даст рафтани коргар аз хонаи арӯс медонанд» [148, с.91-96].

Муомилоти додану гирифтани қалинро дар ноҳияи Шамсидин Шоҳини минтақаи Кӯлоб мардумшинос Х. Сафаров чунин шарҳ додааст: «Вақте ки байни қудоҳо қалингро муайян мекунанд, аз тарафи домод падараш мегӯяд: барои тарбия намудани духтар ва ҳаққи шири модараш ба шумо коре, ки аз дасти мо меояд, иҷро мекунем. Модари арӯс бошад, дар ҷавоб мегӯяд, "ҳеҷ гап не, як духтар буд додем, фарзанди мо акнун фарзанди шумо мешавад".

Падари домод боз мегӯяд: қудо, таомули бобою бобокалонҳо чунин аст, ки бояд як чиз ним чиз ба хонаи арӯс биёрем» [103, с.116]. Аз рӯи пурсиши калонсолони ноҳия муайян карда шуд, ки дар Данғара низ чунин тарзи муомилот ҳангоми доду гирифти қалинг бо каме тағйирот дар амал аст.

Қалинг дар давраи шуравӣ ба се қисм ҷудо мешуд:

1. Ашёи гаронбаҳо ва чорвои калон.

2. Сарупо, ки аз сару либосворӣ ва пойафзол иборат буд.

3. Маҳсулоти хӯрокворӣ: равған, биринҷ, қанд, чой, ҳезум ва ғайраҳо [67, с.33-36].

Баъд аз тамом шудани фотиҳа тарафи писар дар тараддуди ҷамъ кардани молу матоъ ё қалинги фармудаи қудо мешавад, ки ин рафтор дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар ноҳияи Шуғнон, ки он дар навиштаҳои мардумшинос З. Юсуфбекова омадааст, дида мешавад [132, с.101].

Баъзе касоне, ки шароити зиндагиашон дар давраи шуравӣ нисбатан хуб буд, ё соҳиби ягон мансаб буданд, қабули сарупоро нисбати худ нолоиқ шуморида: «Ба пули духтар кӣ бой шудааст, ки ман мешавам», – гуфта, эътибор намедоданд [67, с.21-22]. Дар чунин ҳолат тарафи домод кӯшиш мекард, ки худро дар пеши чунин «қудои босаховат» паст назанад. Чунин рафтор дар байни сокинони бисёр минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар Қаротегин ва Дарвоз дида мешавад, ки мардумшиносон Н.А. Кисляков, А.К. Писарчик дар асарашон қайд кардаанд [109, с.34-35].

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ фотеҳатӯй дар байни бошандагони ноҳияи Данғара каме ранги дигарро гирифт. Баъди як бор ба хостгорӣ рафтани падару модари ҷавонписар ба хонаи духтар агар тарафи духтар савғои овардаи онҳоро қабул намуда, онҳоро «баумед» карда бошанд, баъди чанд рӯзи дигар, бо маслиҳати пешакӣ (байни қудозанҳо), бо ягон хеши наздикашон ба хонаи духтар савғо, аз ҷумла гӯшвораи тилло гирифта, боз ба хостгорӣ мераванд. Ин дафъа тарафи духтардор чун дар давраи шуравӣ «ворисони духтар» (бобо, момо, ака, додар...)-ро низ даъват менамоянд. Бо маслиҳати ҳамдигар тарафҳо аҳди қудогӣ баста, духтарро ба писар «фотиҳа» мекунанд[1]. Модари писар ба гӯши духтар гӯшвораи тиллоро овехта, ӯро мебӯсад ва бо ӯ шинос мешавад.

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ  қалинг аз чунин қисмҳо иборат гашт:

---

1 Баъди фотиҳа кардан духтар “побанд”-арӯсшаванда шуморида мешавад.

1. Ашёи рӯзгор: ҷевони либос (шифанер), кати хоб (диван), оинаи бақад.

2. Миқдори муайяни пул (маблағ).

3. Якчанд сару либос ва пойафзол барои модар ва арӯс[1] .

**7.Хонадомод:** Хонадомод гирифтан аслан аз замонҳои пеш байни мардуми тоҷик расм буд, ки шарҳи он, аз ҷумла дар китоби «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз»-и мардумшиносон Н.А. Кисляков ва А.К. Писарчик омадааст [109, с.27]. Ин раванд махсусан то солҳои 60-уми асри XX бо сабаби камбизоат будани мардум ва дода натавонистани маҳри зан бештар ба чашм мерасид. Яке аз сабабҳои хонадомод гаштан нодорию камбизоатӣ буд. Домоди камбағал дар хонаи хусур 2-3 сол хизмат карда, баъди адои маҳр метавонист оилаи худро ҷудо намояд. Сокини деҳаи Хуррамзамин (собиқ Ҷартеппа) А. Салимов (с.т. 1957) дар ин бора гуфт: «Аммаи ӯро Аҳмад ном марди камбағал дар охири солҳои 40-уми асри XX ба занӣ гирифта, ба ивазаш ҳар рӯз гову моли падарашро дар доманаи кӯҳ нигоҳубин карда, дар бозгашт аз кӯҳ дарзаи ҳезум меовардааст. Аҳмад дар хонаи хусураш се сол хонадомод будааст. Дар вақти ҷуфти замин ва дарави гандум низ ёрӣ мекардааст. Ба ивази хизмати хубаш волидайни арӯс бо ӯ муносибати хуб доштаанд» [239].

Хонадомод дар давраи соиҳбистиқлолӣ низ байни сокинони ноҳия ҷой дорад, лекин фарқ аз солҳои 40-50 уми асри XX дар он аст, ки он вақтҳо гарчанде дар хонадон фарзанди писар бошад ҳам, аммо ба хотири он, ки духтар бе шавҳар намонад ва хизматгори иловагӣ доштан, мардони камбағалро хонадомод мегирифтанд. «Дер хонадор шудани духтар ва дар ҳамсоягӣ мардеро безан будан *вубол* ва *зомин* дониста мешуд» [252]. «Ҳоло бошад, он оилаҳое «хонадомод» мегиранд, ки дар хонадонашон насли писар нест ва аслан хонадомод ягон хешу табор - бештар хешу табори падариро мегиранд, ки *пас аз сари падару модар хонаву дар бегона нашавад*» [243]. Ин раванд натанҳо дар Данғара, балки дар дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дида мешавад. Чӣ хеле

---

1 Аз рӯи пурсиши сокинони ноҳия ва мушоҳидаҳои шахсӣ.

муҳаққиқ Х. Х. Сафаров навиштааст: «Дар чунин ҳолат хонадомод шудани писар бо ризоияти падару модари ӯ вобастагӣ дорад» [103, с.117].

**Маъракаи пеш аз никоҳ дар хонаи арӯс**

**1. Сарупобарӣ (Бурдани қалин ва сарупо).** Ин маърака дар гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон дар давраи шуравӣ вуҷуд дошт ва чӣ хеле мардумшинос М. Шовалиева навиштааст: он «бо номи ҷиҳозбурон, чокбурон, порчабурон, матоъбурон, ҷомабурон ё сарупобарон маъруф буд» [126, с.98]. Дар ҳама қисматҳои ноҳияи Данғара дар ин маърака гарчанде калимаи *қалингро* истифода баранд ҳам, аммо онро «сарупобарӣ» ё «сарупобарон» ном мегиранд. Мардумшинос А. Мардонова қайд кардааст, ки калимаи «қалин» ё «қалинг» туркӣ буда, истифодаи он дар байни тоҷикон дар давраи шуравӣ пайдо шудааст. Пеш аз он ба ҷои «қалинг» тоҷикон калимаи «кола»-ро истифода мебурданд» [67, с.37]. Сокини деҳаи Корез Х. Салимова (с.т. 1943) мегӯяд, ки ин корро барои омода гардонидани ҷиҳози навхонадорон ва сару либоси онҳо мегузаронанд. Дар *сарупо* «ҷамъи либосҳои ҳадяшавандаро дар назар доранд, ки аз тоқӣ ё рӯймол барои занҳо саркарда, то пойафзорро дар бар мегирад» [241].

Ҳангоми пурсишҳои саҳроӣ ба мо муайян гашт ки дар бурдани «сару по» ва қалинг байни тоҷикон ва гурӯҳҳои этникие, ки дар ноҳия зиндагӣ мекунанд, хусусиятҳои умумӣ дида мешавад, аммо вижагиҳои хосси қавмҳо низ назаррас мебошад [207; 226].

Дар давраи шуравӣ 2-3 мард (падар, бобо, писари калон, ё ягон хеши наздик) ва 2-3 зан аз тарафи домод бо маслиҳати пешакӣ «сару по» ва қалингро гирифта ба хонаи қудои оянда мерафтанд. Духтардор якчанд хешу табори наздикашро даъват карда, дастархони тӯёна ва 2-3 хӯрок омода мекард. Баъди хӯрдани зиёфат ва аҳволпурсии якдигарӣ, молу матои аз тарафи домодовардаро ба хонаи алоҳида гузаронида, ба ҳозирин аслан занҳо нишон медоданд. Чунин рафтор дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ дида мешавад, ки дар мақолаи муҳаққиқ Ҳ. С. Айдаров дарҷ ёфтааст [135, с.139]. Дар ин вақт чуноне сокини ноҳия С.

Раҳматуллоев (с.т. 1931) мегӯяд: «Мардон дар гӯшае нишаста, менигаранд ва занҳо байни худ дар бораи қабули *сарупо* баҳс мекарданд. Агар ягон камбудие мешуд, модари домод бо падараш маслиҳат мекарданд ва оварданашро баъдан ба гардан мегирифтанд» [237]. Гоҳо чунин мешуд, ки ба гардан намегирифтанд ва дар байн падари духтар даромада, занашро маҷбур мекард, ки дигар шикоят накунад [135, с.140]. Аз рӯи суҳбати калонсолони ноҳия баъзан ҳолатҳое мешуд, ки қудоҳо бо ҳам «забон» наёфта, сарупоро бармегардонданд. Аммо баъзе падару модарон тамоми сарупо ва «қалинг»-и тарафи домодовардаро боз харҷи худи духтар мекарданд. Мардумшинос Ф. Д. Люшкевич инро дар байни тоҷикон омӯхта гуфтааст: «Аз қалинг фақат номаш мондаасту халос» [163, с.13].

Истилоҳи қалинг дар аксари минтақаҳои тоҷикнишин бо вижагиҳои хосси маҳал, бо тағйири андаке қариб якранг аст. Муҳаққиқи рус И. Зарубин аз рӯи пурсишҳои саҳрои̣ «сарупо»-ро ҳаққи тӯйу ҳаққи меҳмонон ва қалингро ҳаққи арӯсшаванда гуфтааст.

Дар водии Хуф ва деҳаҳои ба он ҳамсоя русуми бурдани қалинг ва «сару по»-ро «амал» ва маҳсулоте, ки барои маросими тӯй ба хонаи арӯсшаванда мебурданд *кухм* мегуфтанд [20]. «Мардумшинос З, Юсуфбекова калимаи *кухм*-ро аз феъли *кхтов* «куштан» медонад, он маҳсулоти муайян, аз ҷумла гӯшт, равған ва ғалладонаро, ки барои хонаи арӯс истифода мегардад, дар бар мегирад» [135, с.135].

Мувофиқи мушоҳидаҳои мардумшинос М. С. Андреев баъди қабули *кухм ва қалинг* дар водии Хуф [30, с.114] ва деҳаи Элоки собиқ ноҳияи Оби Гарм (ҳоло Файзобод), водии Шуғнон як ҳолати шӯхиомез барқарор гашта, тарафи арӯс меҳмонони тарафи домодро ба рӯю мӯйяшон об ва орд пошида, сафед мегардонидаанд. Ҳатто агар ба касе ин муомиларо роиҷ намедонистанд, ӯ шухӣ карда мегуфтааст, ки барои моро сафед кардан дар хонаи қудо орд намондааст [135, с.139]. «Сафед кардани сари меҳмонон» дар ҳама манотиқи Данғара низ расм мебошад,

аммо на бо орд, балки баъд аз хестан пораҳои матоъи сафедро ба тори сарашон партофта, бо ин амал гӯё*, сарашонро сафед мекунанд*[1].

Мардумшинос Ф.Д. Люшкевич қалингбарии тоҷиконро омӯзиш намуда, ба хулосае меояд, ки дар он аслан иваз намудани туҳфа байни қудоҳо ба амал меояд [163, с.58].

**2.Сарупобинон:** Маъракаи сарупобинон баъд аз сарупобарӣ дар хонаи духтардор гузаронида мешавад. Сокини деҳаи Себистон С. Маҷитова (с.т. 1937) мегӯяд: “Ин маъракаи занона буда, дар он занҳои ҳамсоя ва хешу тобори наздики духтар иштирок мекунанд. Дар он «сару по» - ро ба намоиш ва баҳс монда, баъд зиёфат медиҳанд” [228].

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ «сару по» бурда нашавад ҳам, лекин тарафи духтардор занҳои ҳамсоя ва хешони наздикро даъват карда, зиёфат мебороянд [227].

**3.Маслиҳаттӯй.** Он як рӯз пеш аз тӯйи калон гузаронида мешавад. Онро дар водии Ҳиссор «маслиҳатошӣ» мегӯянд [67, с.39]. Мақсади гузаронидани ин маърака аз он иборат аст, ки тӯйдор бо ҳамсояҳо ва хешони наздик рафти тӯйро бо ҳам маслиҳат кунанд. Ба нафарони даъватшуда мувофиқи ҳавсала ва лаёқаташон иҷроиши кореро вазифадор мекунанд. Нафари кордонеро сардори маърака таъин мекунанд. Сипас, масъалаи кадом гузар ё гӯшаи деҳаю маҳалларо ба маърака даъват карданро дида мебароянд. Инчунин, ба ҳар нафар иҷрои коре, ба мисли оби чойро ҷӯшондан, ош пухтан, меҳмононро қабул кардан, шаҳмард (вараи шаҳ) шудан ва ғайра супориш мешавад, ки чунин корҳо дар гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон низ дида мешавад [132, с.104].

**4.Тӯйҷаҳд:** Дар рӯзи муайяншуда хешу табор ба воситаи «тӯйхабаркун» [2] ба тӯй даъват карда мешуданд [67, с.46]. Даъватшудагон тӯйхабаркунро «муборак бошад», – гуфта туҳфае[1] медиҳанд.

---

1 Шояд, замоне дар Данғара низ бо орд тани меҳмонро сафед кардан расм буд ва ибораи сари меҳмонро сафед кардан аз он замонҳои пеш ба шакли ҳозира даромадааст.
2 Он метавонад: худи тӯйдор, фарзанд, ё ягон каси наздики хонавода бошад.

Шахсони наздики хонадон (апаю хоҳар ва акаю додар) як-ду рӯз пеш ба тӯй меомаданд. Даъватшудагон ба тӯй туҳфаи тӯёна бо номҳои «ҳайдаи тӯй»[2] ва «сафедии тӯй»[3] меоварданд. Баъди тӯй хонадор ба ҳар «тӯякӣ» «сафедӣ аз тӯй» – гуфта «сару по»[4] ва *чочала*[5] печонида, медоданд.

**5.Ордбезон:** Дар пухтани нон ба тӯйдор ҳамсояҳо ёрӣ мерасонанд. Барои ин дар давраҳои шуравӣ занҳо маросими дастҷамъонаи «ордбезон» ё «сурфакушоён» [91, с.106] гузаронида, орд мебехтанд ва нону кулча ва орзуқ (озуқ) [117, с.907] мепухтанд. Дар вақти бехтани орд занҳо мисраҳои зерин:

*Тақ-тақи элак маname,*

*Шуи кепак манам.*

*Чиликаки дармандам,*

*Латта биёр бибандам...*

ва дигар мисраҳои шӯхиомезро ба забон меоранд» [67, с.41].

Ҳангоми пурсишҳои саҳроӣ маълумамон гашт, ки: «Зани солхӯрдае, ки дар чунин корҳо таҷрибаи ғанӣ дорад, дуою фотиҳа карда, кадбонуҳои гузарро аз рӯйи шароит ва лаёқаташон ба вазифаҳо тақсим мекунад. Ду ё се нафар хамир мекунанд, дигарӣ нон *зувола* мегирад ва нафарони дигар дар чагдон нонро мепазанд. Пухту пази нон то нимашаб давом мекунад [238].

Дар замони соиҳбистиқлолӣ дар хонаводаи доро даъват кардани кадбонуҳои касбӣ ба тӯйҳо ба ҳукми анъана даромад.

---

1 Он солҳо додани рӯймоли миён, курта, ҷома, ё рӯймолчаи бинӣ, ки канораҳояш турбофӣ шуда буданд расм буд. Дар давраи истиқлолият додани пул ба ҳукми анъана даромад.

2 Чорвои хурд ( баъзан хеши наздик гӯсола ё тайлоқ низ ҳайда мекард) ё пул медод.

3 Ягон пораи матоъ, рӯймоли занона ва қанду дигар анво.

4 Пораи матоъ ва рӯймол барои зан, курта ё ҷомаю ҷелак барои мард ва чочала: гӯшт, қанд, конфет ва нони чапотию орзуқ.

5 Дар пораи матоъ нони чапотӣ, орзуқ, пораи гӯшти пухта, конфету дигар анворо якҷо печондашударо чочала мегуфтанд.

## Маросимҳои пеш аз никоҳ

**1.Арӯсталбон:** Ин маросим пеш аз никоҳ гузаронида шуда, ба он якчанд дугона ё ҳамсинфи арӯс аз тарафи ҳамсояҳои қадрдон ё хешони наздик даъват карда мешаванд. Онро ба мақсади хушҳол кардани арӯс аз тарафи қадрдонҳо мегузаронанд. Дар он духтарон рақсу бозӣ ва сурудхонӣ мекунанд. Арӯсталбонро дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон «дугонаталбон», «духтарталбон», «ҳинобандон», «чойгаштак» ва ғайра ном бурда [67, с.41], бо каме таъғйирот нисбати сокинони ноҳияи Данғара мегузаронанд.

Солҳои охир гузаронидани арӯсталбон кам ба чашм мерасад.

**2. Саршӯён:** Ин маросими қадимаи тоҷикон буда, пеш аз бастани ақди никоҳ бо мақсади бахту саодат орзу кардан ба арӯс ташкил карда мешавад. Он дар тамоми минтақаи Кӯлоб ва он «ҷойҳое, ки «тоҷикони кӯлобӣ» истиқомат мекунанд, гузаронида мешавад» [67, с.42].

Мардумшинос Н.М. Николский ҷой доштани «саршӯён»-ро дар байни тамоми миллатҳои Осиёи Марказӣ ва мардуми рус мушоҳида кардааст [83, с.44].

Пеш аз саршӯён зани солори бобаракат ба сари арӯс шир рехта, ба ӯ бахти сафед орзӯ мекунад, ки ин расм дар байни сокинони бисёр минтақаҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дида мешуд [39, с.143]. Саршӯёне, ки дар хонаи падару модар пеш аз никоҳ гузаронида мешавад, маънои худро аз тамоми гуноҳҳои «кабираю сағира» пок сохта, ба оиладорӣ қадам ниҳоданро дорад [249]. Ин маросим бо хондани суруд гузаронида мешавад. «Суруд аз муколамаи занҳо, арӯс ва дугонаҳои ӯ иборат аст.

Дугонаҳо ба савти доира ҷур шуда, суруд мехонанд ва мерақсанд:

**Дугонаҳои арӯс мегӯянд:** Гуларӯсак сар бишӯ.

Пага ваъдай рафтанай.

**Арӯс мегӯяд:** Сарма шуста чӣ кунум?

Ношустанум беҳтарай.

**Дугонаҳои арӯс мегӯянд:** Сарша намешӯяде,

Хонай оташ беҳтарай.

**Арӯс:** Сарма бофта чӣ кунум,

Набофтанум беҳтарай...» [119, с.15]

Алҳол ин маърака дар байни бошандагони ноҳия кам гузаронида мешавад. Аммо чуноне сокини ноҳия С. Одинаева (с.т. 1960) мегӯяд: «Саршӯён дар тамоми минтақаи Кӯлоб гузаронида мешуд. Кампирон ва занҳои миёнасол онро дар ёд доранд, ки ягон маъракаи тӯй бе он намегузашт» [233].

**3.Сартарошон:** Маросими пеш аз никоҳӣ буда, дар хонаи домодшаванда пеш аз рафтан ба хонаи арӯс, дар байни ҳама мардуми тоҷик гузаронида мешавад [67, с.47]. Солҳои пеш дар кӯҳистон бо сабаби шабҳои торику зулмот ин маърака дар вақти пешин гузаронида мешуд. Барои ин маърака махсус устои сартарош даъват карда мешуд.

Санъатшинос Н. Нурҷонов менависад: «Пеш аз саршавии сартарошон падари домод бузеро барои бозии бузкашӣ инъом мекард» [109, с.39]. Сокини ноҳия С. Раҳматуллоев (с.т. 1931) дар ин бора чунин гуфт: «Дар миёнаи ҳавлӣ кундаи баландиааш 45-50 см-ро гузошта, дар болояш кӯрпача монда шаҳро мешинонданд. Дар гардани шаҳ рӯймолеро баста, ду тарафи дигарашро ӯ бо дастонаш дошта меистод. Дар пеши пои домод як рӯймоли нақшини дигар паҳн мекарданд, ки хешу табор қанду чормағз ва дигар туҳфаҳои овардаашонро дар он гузоранд» [237]. Вобаста ба ин мардумшинос Е.М. Пешерова навиштааст: “Ба рӯймоли назди домод тоҷикон қабзаи пахтаро «сафедӣ» мепартофтанд, ки бахти домоду арӯс сафед гардад [172, с.178]. Н.А. Кисляков бошад, навиштааст барои дар оянда кӯдакдор шудани оилаи нав тухм мегузоштанд [61, с.98].

Ин тарзи гузаронидани сартарошон дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин низ ба мушоҳида мерасад [103, с.120]. Ҳаммонандиҳо бо мардуми Ҳисор низ дида мешавад, ки мардумшинос А. Мардонова дар ин бора ба таври зайл қайд кардааст: «Устои сартарош дар дасти рост теғро дошта истода, бо ҳазлу шӯхӣ намудан кори худро *сар* мекард ва ҳамон лаҳза ҳофизон

мусиқӣ навохта, ба сурудхонӣ оғоз мебахшиданд» [67, с.47], ки чунин буд:

**Яккахон:** Сартарошонеме, метарошонеме...

**Саровоз:** Устои ланги сартарош,

Сара погиза тарош.

**Ҳамовоз:** Гулон, гулон, теғ намегзарае,

Очаи шаҳ нумол биёр.

**Саровоз:** Устои ланги сартарош,

Сара покиза тарош... [107, с.170]

**Дигар**

**Саровоз:** Эй ҳати шаҳ чӣ гуфтӣ,

Монанди гул шукуфтӣ.

**Ҳамовоз:** Шаҳи мо шаҳакай,

Мирбачаи Даштакай... [119, с.15]

Дар ин ҳангом падару модар хоҳару бародар ва меҳмонону ҷӯраҳои домод, қанд, чормағз туту мавиз ва дигар анвои бо худ доштаро болои рӯймоли дар замин густурда мегузоштанд. Мардумшинос А. Мардонова навиштааст: «Аз рӯи анъана бо дасти холӣ-*сиёҳ* ба тӯй намераванд» [67, с.52].

«Дар шаҳри Кӯлоб ва гирду атрофи он ҳангоми сартарошон сурудҳои «гулон гулон», «теғ намегзара», «эй очаи шаҳ теғ намегзара» - мехонданд» [233].

«Баъди анҷоми маъракаи сартарошон анвои болои рӯймол ғуншударо касе ҷамъ намуда, ба сартарош медод. Мӯйи сари домодро бошад, ба зери дарахти сабзе «мегӯронданд» [212].

Ибтидо аз солҳои 70-уми асри гузашта то давраи соиҳбистиқлолӣ домод пеш аз тӯй мӯйи сарашро тарошида, ё дар сартарошхонаҳо ба тартиб даровarда, дар рӯзи тӯй «сартарошон»-ро аз рӯи анъана мегузаронанд. Чӣ хеле муҳаққиқ Р. Раҳмонӣ навиштааст: «Дар давраи истиқлолият ҳангоми иҷрои ин маросим мӯйи сари домод-шаҳро наметарошанд, аммо иҷрои он чун анъана давом дорад» [96, с.17].

Маросими сартарошон дар давраи истиқлолият фарқ аз давраи шуравӣ 10-15 дақиқа давом мекунад ва болои рӯймоли партофта на анвои хӯрданӣ балки, пул мепартоянд.

**4.Либоспӯшии домод (Сару либоси тӯёна):** Мувофиқи маълумотҳои пирамардону солорзанҳо вақтҳои пеш барои писар либосҳои домодӣ омода мекарданд. Либоси таг аз матои карбос омода мегашт. Домод баъд аз либоси таг шалвор, ки аз матои бумазӣ тайёр мешуд, мепӯшид. Шалвор бо банди эзор баста мешуд. Либосҳои домодӣ аз бозорҳои Файзобод ва Ҳисору Фарғона харидорӣ мегардид [132, с.107]. Солҳои 30 - 90-уми асри XX модарону бибиён барои фарзандонашон барои тӯйи арӯсу домодӣ сарулибоси миллӣ медӯхтанд[1]. Домодҳо ҷомаи беқасаб[2] пӯшида, дар сар тоқии чакани тоҷикӣ ё «кӯлобӣ», аз болои он саллаи сафед (ба хотири «бахт сафед бошад») мемонданд[3]. Чуноне дар ин бора муҳаққиқ Р. Ҷумъаев навиштааст: «Қисмати аввали салларо дар дохил гузошта, охирашро ба болои шонаи дасти рости шаҳ мегузоштанд» [122, с.68]. Мардумшинос А. Мардонова навиштааст: Сару либоси домодро тарафи арӯс равон мекард, ки он «либоси шоҳона» ном дошт [67, с.50].

Сокини деҳаи Рахшонзамин А. Ашӯров (с.т. 1930) мегӯяд: "Ҳолатҳое мешуд, ки домоди камбағал сару либоси домодиро омода карда наметавонист". Мардумшинос Широкова дар ин бора навиштааст: "Дар чунин ҳолат кумаки ҳамсояҳо - «ҷомаи талбида» ё «ҷомаи кироя»-ро истифода мебурданд [125]. Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки гуфтаҳои боло дар ҳудуди Данғара низ ҷой доштааст.

Алҳол дар давраи соиҳбистиқлолӣ домод дар тан костюму шим ва кӯртаи сафед пӯшида, ба гардан галстук мебандад.

**5.Шаҳбарон – домодбарон:** Тарафҳо дар рӯзи муайяншуда хешовандони худро ба тӯй даъват мекунанд [145, с.30-32]. Саҳар дар

---

1 Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ.
2 Ҷамаи пахтагин: тораш нимабрешими рангаи рах-рах, астараш аз матоъи гулдори пахтагӣ.
3 То солҳои 70-уми асри XX баъзан бо як сару либоси ба шаҳ зебанда, дар давоми якчанд сол чанд туйро мегузарониданд, аммо сару либоси арӯсро падару модар ҳатмӣ омода мекарданд.

хонаи ҳарду қудо барои ҳамсояҳо оши наҳор дода мешавад[1]. «Омадани меҳмонон баъди соати 9 оғоз мегардад. Наздики соати 11 барои «домодбарон» - рафтани домод ба хонаи арӯс кас фиристода, соати омаданаш муайян карда мешавад. Тарафи арӯс ба «фиристодаи домод» курта, ё ҷома тухфа мекунад. Баъди бо меҳмонон додани оши наҳор, наздики нисфирӯзӣ мувофиқи соати муайяншуда домод барои рафтан ба хонаи арӯс тайёр мешавад» [215].

Бо иҷозаи «калони тӯй» ҳофизон сурудхониро оғоз мебахшанд:

*Шаҳам дар минбарай,*

*Болои тахти зарай.*

*Шаҳи зарднумоле,*

*Чашмои шаҳ хуморе.*

*Мо орзу дорем,*

*Шаҳ кай биёя суворе...* [119, с.16]

Ба ин васила ҳофизон барои даъват намудани хешу табори домод шеърҳои нав ба нав замзама мекунанд, модар ё ягон хеши наздик дар «сари шаҳ» *чошак* мечошанд. Пас мулло ё шахси калонсоли дар маърака ҳузурдошта бо таклифи падар ё ягон хешованд ба шаҳ дуою фотиҳа медиҳад. Ҳофизон бо суруди:

*Шаҳи ман меравaде,*

*Навшаҳи ман меравaде...* аз рафтани шаҳ ба хонаи арӯс хабар медиҳанд. Ин анъана чи хеле муҳаққиқ Зеҳниева навиштааст: дар байни аксар минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла Ҳисор, Дарвоз, Ромит, Варзоб, Қаротегин ва ғайра дида мешавад [54, с.56]. Ҳамроҳи домод ҳамсинфону рафиқон, хешу табори ҷавон, якчанд зан ҳамчун «янга»[2], падар ё касе ҷои ӯро ивазкунанда, ки дар рафтан ба хонаи қудо сардори маъракаи тӯй (калон) интихоб мегардад, мераванд (расми 2.2) [220].

---

1 Дар ин матн даврaи 4 -ум дар назар дошта шудааст.

2 Занҳое, ки аз тарафи домод ба хонаи арӯс ва аз тарафи арӯс ба хонаи домод ҳамчун меҳмон равон карда мешаванд, дар тӯйҳои Данғара “янга” мегӯянд. Янгаҳоро бояд тарафҳо “сарупо” карда равон кунанд.

Аз рӯи мушоҳидаҳо наздик ба хонаи арӯс дар ягон кӯчаи танг ҷавонписарон (аз ҳамсояҳои арӯс) пеши «роҳи шаҳ»-ро арғамчин гирифта, аз онҳо «шаҳтоз» талаб мекунанд. Мардумшинос А. Мардонова ин одатро дар ноҳияи Совет (ҳоло Темурмалик)-и минтақаи Кӯлоб низ мушоҳида кардааст [67, с.54]. Падари домод ё калони маърака ба онҳо бузғолаеро, ки барои ин кор ҳамроҳ оварда буданд, тақдим мекунад. Ҷавонон роҳро кушода, сипас бузғоларо дар шабнишине, ки ташкил мекунанд, кушта, пухта, истеъмол мекунанд.

Сокини деҳаи Сафорӯд Э. Исматов (с.т. 1951) мегӯяд: «Солҳои пеш ҳангоми ба хонаи арӯс омадани домод ӯ рӯймолчаи нақшинеро[1] дар даст гирифта, бо он даҳону бинияшро аз рӯи шарм дошта меистоду дар саҳни ҳавлӣ базму бозӣ танинандоз мегардид» [220].

Домодро ҳамроҳи шаҳмардон аз болои пойандоз[2] гузаронида, аз қисмати болои ҳуҷра мешинонанд. Падари арӯс назди меҳмонон даромада, «хуш омадед ба кулбаи мо», – гуфта, ду даст пеши бар мегирад. Домод бо шаҳмардон ҳангоми даромадани падари арӯс ва дигар хешу таборон аз рӯйи ҳурмат ҳатман аз ҷой бармехезанд.

Аз рӯи анъана дар хонаи дигар дугонаҳои арӯс ҷамъ шуда, ӯро саршӯёни рамзӣ карда, чунин сурудро замзама мекунанд:

*Шӯяк, шӯяк шӯякуш,*

*Холаи саршӯякуш*

*Оста бизан шонаро,*

*Накана як мӯякуш...* [119, с.16]

«Баъди хӯрдани таом ба дастархони назди шаҳ дар се лаълии калон «элак»: дар яке қафаси (кундаи) синаи чорворо пухта, дар дуи дигар барои домоду шаҳмардон туҳфаю қандалот ва тухми рангкардашуда меоранд. Шаҳмардон туҳфаи домодро ба ӯ ва дигар туҳфаҳоро байни

1 Чунин рӯймолчаҳоро аслан, арӯс ҳамчун туҳфа барои домод дӯхта, дар вақти фотиҳа бастан ба домод тақдим мекарданд.

2 Ду пораи мадоъ, ки болои ҳам дар погаҳи дар зери пои шаҳ ва шаҳмардон партофта мешавад. Якум аз так гулдор, дуюм аз боло ки сафеду симдор (матоъи парча) бояд бошад.

худ тақсим карда, ҳар кас ба андозаи ҳиматаш ба элакҳо пул мепартоянд [211]. Бояд гуфт, ки ин анъана дар давраи истиқлолият низ дида мешавад.

Вақте арӯсро ба хонаи домод меоранд, дар пеши ронанда сарчилаб[1] нишаста домоду арӯсро ба ҷойҳои дидании ноҳия барои акс гирифтан ва тамошо мебаранд. Дар хонаи домод барои аз мошин фаровардани арӯс «сарчилаб»-и як микдор маблағ медиҳанд.[2]

6. **Ақди никоҳ:** Дар рӯзи тӯй домод ҳатман мӯйи сарашро метарошид, ё паст карда, ба тартиб медаровард. Бо мӯйи дарози сар никоҳ кардани ҷавонро раво намедиданд[3]. Дар асри XX никоҳи шаръиро дар қаламрави Данғара танҳо шабона мегузаронданд. Ин анъана дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон ба мисли баъзе ноҳияҳои Бадахшон низ расм буд, ки дар ин бора муҳаққиқи рус А.А. Бобринский чунин қайд кардааст: «Бегоҳӣ халифа анъанаи ақди никоҳро иҷро мекунад ва домоду арӯс баъди ин зану шавҳар шуморида мешаванд» [36, с.86, 92]. Аммо дар нигоштаҳои мардумшинос М.С. Андреев мебинем, ки дар водии Хуфи Бадахшон дар ибтидои асри XX духтарони бокираро рӯзона ва бевазанҳоро шабона никоҳи шаръӣ мегузарондаанд [30, с.175], ки алҳол дар Данғара низ чунин мебошад.

«Маросими никоҳро кӯшиш мекарданд, ки пӯшида ва ё аз тарси *ҷоду кардани наварӯсон* танҳо дар байни хешони наздики домоду арӯс гузаронанд» [67, с.70].

---

1 Солҳое, ки нақлиёти автомобилӣ набуд, арӯсро савори асп ба хонаи домод меоварданд ва бо сабабе, ки на ҳама духтар аспро идора карда метавонист, барои бехатарӣ касе аз хешони наздикаш ҷилави аспро дошта, ӯро то хонаи домод меовард. Он касро "сарчилаб"-и арӯс мегуфтанд. Ин анъана қадима аст ва баъди нақлиёти автомобилӣ пайдо шудан ҳам касеро сарчилаби арӯс гуфта, дар пеш мешинонанд.

2 Ба ӯ қолинчаи пойандоз ва 100-200 сомонӣ тухфа медиҳанд. Дар деҳот ба ҷои пул баъзан чорвои хӯрд медиҳанд.

3 Ҳодисаҳое ҷой дошт, ки домодро бо муйи сари дароз ба хонаи арӯс оварда, сипас бо талаби падари арӯс пеш аз ақди никоҳ бастан бурда, сарашро аз нав паст карда овардаанд.

Солҳои охир ақди никоҳи расмиро дар тарабхона, ҳангоми гузаштани тӯйи арӯсӣ мебанданд. Никоҳи шаръиро бошад, дар хонаи падари арӯс мегузаронанд[1].

Никоҳи шаръиро вақтҳои охир ду тарз: «бобигӣ»[2] ва «тарзи навин»[3] мегузаронанд. Бо тарзи навин арӯсу домодро рӯ ба рӯ нигоҳ дошта, мулло хутбаи никоҳро мехонад [114, с.27]. Онҳо барои розӣ буданашон дар шоҳидии якдигар пурсида мешаванд. Тарзи «бобигӣ» бошад, баъди хондани хутбаи никоҳ аз тарафи мулло ду нафар ҳамчун шоҳид даъват карда мешавад. Шоҳидон розигии арӯсро дар ҳуҷраи дигар мепурсанд ва баъд омада, назди мулло рост истода, шоҳидӣ медиҳанд.

Дар давраи шуравӣ раванди никоҳ дар баъзе маврид тӯл мекашид. Арӯс ба зудӣ номи вакилро намегуфт. Бисёртар ба арӯс дугонаҳояш монеагарӣ мекарданд[4]. Ин расму одат дар қисмати шимоли Тоҷикистон низ дида мешуд, ки дар ин бора муҳаққиқ Г. Эшонқулов аз никоҳи сокинони Хуҷанд дар солҳои 70-уми асри XX ёдовар гашта, навиштааст: «Баъзан никоҳ 2-3 соат ва аз ин ҳам зиёд тул мекашид. Ҳамагон ризогии арӯсро шунида, «ҳа боракалло» гӯён ба ӯ аҳсан мегуфтанд» [59, с.66].

Баъди бастани ақди никоҳ домоду арӯсро волидайн кӯшиш мекунанд, ки то 40 рӯз танҳо нагузоранд. Ин рафторро муҳаққиқи рус Снесарёв чунин баҳо додааст: «Инро ба хотири он мекунанд, ки аз домоду арӯс насли хуб бароядд. Бефарзандиро дар байни мардум на камбудии ҷинсӣ ва на ҳатто ҷазои Худо, балки таъсироти қувваҳои аҳриманӣ мешуморанд [106, с.77-78].

---

1 Дар давраи соиҳбистиқлолӣ баъзан вақт барои он ки рафти никоҳ тинҷ ва беғалоғула гузарад, никоҳ ва зиёфати шаҳмардонро якчанд рӯз пеш аз тӯй дар хонаи арӯс мегузаронанд.

2 Давраи шуравӣ дар назар дошта шудааст.

3 Давраи истиқлолият дар назар аст.

4 Дар як ҳуҷра 20-25 нафар бо ном дугонаҳои арӯс духтарони ҳамсоя ва ҳамсинфонаш ҷамъ мешуданд. Гарчанде тарафи домод онҳоро розӣ кунонда маблағи муайяне дода бошанд ҳам, лекин дарҳол розӣ шудани арӯс гӯё қадри ӯро паст мезада бошад, розигиашро то як ҳисси шаб кашол медоданд.

**7.Ҷиҳози арӯс:** То солҳои 60-уми асри гузашта аз рӯи гуфти калонсолон аз ашёи рӯзгор арӯс ба хонаи домод: як гилем ё намад, табақ, коса, офтоба, як кӯрпаи хобу кӯрпача ва болишту як сандуқ меовард.

Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки солҳои 70-90-ум баъди беҳтар гаштани сатҳи иқтисодӣ - иҷтимоии мардум духтар дар навбати худ ба хонаи домод вобаста ба дороиву сатҳи зиндагии волидайнаш як ҷевони пӯшок, як ҷевони *шикастаборгузорӣ* (ашёи рӯзгор), ду сандуқ, як қолини калон ё ду қолини хурд, гилем, як ё ду *даврии* гулдӯзӣ [102, с.184], пардаҳои дар ва тиреза, 8-10 кӯрпаи калон, 5-6 кӯрпачаи барпаҳн, 12-14 *кӯрпачаи якандоз* (барборик), 4-6 *тагсари* (болишт)-и калон, 4-*тагсари* (болишт)-и майда барои болои диван, 18 – 20 *тагсари* (болишт)-и майдаи гулдӯзӣ, 2 сандуқи калон, 1 сандуқча барои таги тагсаричаҳо ва ғайра меовард[1].

**8.Арӯсбарон:** Ҳангоми пажӯҳиш оид ба ин бахш маълум гардид, ки пеш аз он ки арӯсро ба хонаи домод баранд, ӯ бо гиряю нола ба пеши пои падараш афтоданӣ шуда, бо ин амал вонамуд мекунад, ки ӯ хонаи падарро тарк карданӣ нест. Ӯ ночор ин хонаро тарк мекунад ва падар ба ӯ дуои нек диҳад, то ки бахти худро ёбад. Падар духтарро аз ин кораш боздошта, аз пешонаи ӯ мебӯсад ва ба ӯ бахту саодат орзу намуда, дӯои нек мекунад.

Барои баровардани арӯс аз хонаи падар ҳофизон суруди «барор-барор» - ро мехонанд, ки чунин аст:

*Барор бароруш кунене,*

*Зудтар бароруш кунене.*

*Рӯзи худо бегаҳ шудай,*

*Зудтар бароруш кунене...* [119, с.15]

Чуноне сокини ноҳия Т. Эшонқулов (с.т. 1949), ки солҳои қаблӣ дар тӯйҳо барандагӣ ва ҳофизӣ мекард, гуфт: «Ба воситаи чунин сурудҳо ҳофизон падару модари арӯсро мефаҳмонданд, ки вақти рафтан шудаасту духтаратро тезтар барои баровардан рухсат деҳ» [257].

---

1 Мувофиқи суҳбатҳои саҳроӣ бо калонсолон ва мушоҳидаи шахсӣ.

Касоне, ки аз тарафи падару модари арӯс *дугонаи арӯс* (қофилаи арӯс) таъин шудаанд, бо арӯс ба хонаи домод мераванд. Солҳои пеш вақте ки арӯсро аз кӯчаҳои деҳа мебурданд, ҳама хурду калон болои бомҳо баромада, манзараи арӯсбаронро тамошо мекарданд, ки он дар навиштаҳои муҳаққиқ Р. Ҷумъаев низ зикр ёфтааст. [122, с.88].

Вақте домоду арӯс ба дарвозаи кушодаи ҳавлии хонаводагии домод наздик мешаванд, ҳофизон боз ба сурудхонӣ медароянд:

**Саровоз:** Шаҳ омаду шаҳ омад,

Шаҳи рафта боз омад.

**Ҳамовоз:** Мири ҷон хуш омадӣ,

Мирзои ҷон хуш омадӣ...

Навбати дуюм номи домодро мегиранд [119, с.16].

Барои аз асп фаромадани арӯс аз тарафи домод кӯшиш мешавад, аммо ба ин «сарчилаб», ки шахси маҳрами арӯс (тағояш) таъин шудааст [67, с.59], монеъа мешавад. Падари домод ба ӯ ҷома, миёнбанд (солҳои охир миқдори муайяни пул, ё чорво) тақдим мекунад. Баъди розӣ гаштани «сарчилаб» бо кӯмаки янга ё холааш арӯс аз асп (ё аз мошин) фароварда мешавад[1]. Дар пеши пои арӯс чун анъанаи қадима ягон чорво «хун» (забҳ) карда мешавад[2].

Ба сари домоду арӯс *чошак* мечошанду аз болои пойандоз бо пои рост онҳо *бисмиллоҳ...* - гуфта, мегузаронанд. Ҷавонони чаққон баъди гузаштани домоду арӯс ба кашидани пойандоз ҷаҳд мекунанд. Лаҳзае домоду арӯс дар пеши тахт меистанд [132, с.114]. Сипас, шаҳу арӯсро ба хонае, ки волидон барои наварӯсон тайёр карда, мувофиқи урфу одат чодар задаанд, медароранд. Онҳоро бари якдигар монда, *почуқакон* (арӯсу домод пойи якдигарро бо навбат зер мекунанд) карда, сипас *туфлибаророн* мекунанд (духтараке туфлиҳои арӯсро аз пояш мебарорад). Баъди ин зани серфарзанди бобаракату таҷрибадоре, ки фақат як никоҳро дидааст (аз ҳисоби хешони наздик), чодарро зада буд,

---

1 Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ.
2 Солҳои 80-90-уми асри XX чорворо зинда медоданд.

даъват шуда, бо дуои *«Аъузу биллоҳи минаш шайтониравҷим. Бисмилоҳир раҳмонир раҳим. Ба ҳаққи таги чодари Биби Фотимаи Заҳро Худованд бахти сафеду умри дароз, тани сиҳату хонаи ободашон диҳад. Шаҳу арӯси ба пайи қадамшон кунаву сербачаву качашон куна. Худованд қуша пиршон кунав, хизмати падару модарашона кунан. Омин аллоҳу акбар» [116, с.71]* барои навхонашудагон бахти сафед металабад.[1]

Модари домод асалоб ё қандоб оварда, аввал арӯс, сипас шаҳбача ва баъд иштирокчиёни хурсандиро аз он мечашонад.[2] Пас аз ин, ба дасти домоду арӯс кӯдаки то яксолаи солимро мегузоранд, ки ин рафторро сокини ноҳия С. Одинаева (с.т. 1960) чунин шарҳ дод: «Ин орзуи хоҳиши кӯдакдор гаштани онҳоро дар зиндагии оянда мефаҳмонад» [233]. Баъд аз ин боз як шахси зиндагидидаро барои дуодиҳӣ даъват мекунанд (хоҳ мард бошад, хоҳ зан). Баъди дуои хайр домоду арӯсро ба таги чодар медароранд [67, с.67].

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ вобаста ба беҳ гаштани шароитҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мардум дигаргуниҳо ба амал омада, солҳои охир пас аз тамом шудани рақсу бозӣ дар хонаи арӯс, домоду арӯсро ба тарабхона, сипас баъди тамом шудани базм ҳардуро ба хонаи домод меоранд.[3]

**9.Ҷойгаҳандозӣ:** Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки дар рӯзи аввали якҷо шудани домоду арӯс онҳоро дар ҳуҷраи алоҳида ҷойгаҳ меандозанд. Ҷойгаҳ зери чодар андохта мешавад [31, с.175]. Ҳуҷраеро, ки ҷойгаҳи домоду арӯс густурда мешавад, *арӯсхона* меноманд [67, с.89]. Ба тартиб даровардани арӯсхона аз тарафӣ ду зан: яке аз тарафи домод ва дигаре аз тарафи арӯс иҷро мегардад. Ҷойгаҳи андохташударо *тахт, ҷ*ойгаҳандозро бошад, *кӯрпаталзан* мегӯянд. Хизматҳои онҳо сипас бо туҳфа-*тахтона* қадрдонӣ мешавад [67, с.89]. Болои кӯрпачаҳои нарм ҳатман такпарто (простин) аз сони сафед партофта мешавад. Дар солҳои

1 Баъзан агар дар маърака ягон шахси куҳансоли муътабар ҳозир бошад, аз ӯ низ баҳри навхонадорон дуо дархост мекунанд (С.Ф.)
2 Маънои ширин гузаштани ҳаёти ин ду навҷавон ва аҳли оиларо дорад.
3 Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ.

аввали давраи шуравӣ дар шаби аввал ба навхонадоршудагон ба ҷойи сон суфи сафед мепартофтанд, ки бо худ овардани он аз тарафи арӯс ҳатмӣ буд [12; 48, с.70]. Он солҳо дар қисман ҷойҳо ба ҷойгаҳи домоду арӯс танга, ширинӣ ва меваи хушк низ мегузоштанд [126, с.103], ки яке аз анъанаҳои тӯй буда, чунин мешуморанд, ки гӯё онҳо дорои қувваҳои сеҳрангез мебошанд [105, с.78].

**10.Шаби висол:** Баъди як ё ду рӯзи тӯй «янгаҳои арӯс» аз хонаи домод мераванд. Дар ин шаб муносибати маҳрамона иҷозат дода мешавад [103, с.129]. Модари арӯс ё момояш барои тасдиқи бокирагии духтараш дар хонаи домод мемонад. Дар даҳлез барои ғусли бадан баъди «хонадорӣ кардан» - и домоду арӯс оби гарму сачоқҳои нав мегузоранд. Агар бо ҳам наздикшавии домоду арӯс дар рӯзҳои аввал ба амал наояд, модари арӯс ба хонааш рафта, бегоҳии ҳар рӯз ба хонаи домод меояд ва шабро он ҷо мегузаронад. Далели бегуноҳии арӯс такпарто (простин) аз сони сафед мебошад. Баъди бо ҳам наздикшавии домоду арӯс, қудозанҳо байни ҳам онро тасдиқ ё муҳокима мекунанд[1].

**11.Рӯйбинон (Арӯсбинон).** Он дар байни тамоми тоҷикон маъмул буда, онро инчунин бо истилоҳҳои «келинсалом» (Хуҷанд, Конибодом, Шаҳристон, Қашқадарё), «оши янгаҳо» (Ургут), «рӯкушод» ва «рӯкушоӣ» (Фориш), «рӯнамоӣ» (Бухоро), «рӯйбинак» (Исфара), «рӯкушоён» (Мастчоҳ) ва ғайра ном мебаранд [50, с.275-277]. Дар ноҳияи Данғара онро аслан «рӯйбинакон» мегӯянд.

Тавре сокини ноҳия С. Одинаева (с.т. 1960) мегӯяд: «Руйбинон ойини суннатии занонаи тоҷикон мебошад, ки пас аз овардани арӯс дар хонаи домод баргузор мегардад. Рӯйбинон як навъ расми шинос кардани арӯс бо аҳли хонаводаи домод, ҳамсояҳо ва хешу табори наздик ба шумор меравад» [233]. Рӯйбинон дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо каме тағйирот мегузарад [67, с.95]. Мисол, дар Файзобод писарбачаи ҳафт -

---

1 То ҳал гаштани ин масъала, модари арӯс (дар ҳолати зинда будан, момо низ) дар хонаи домод меҳмон мемонад ва баъди ҳал гаштан, барои зиндагии минбаъдаи арӯс ба ӯ насиҳат карда, сипас ба хонааш меравад (Ин амал дар Данғара ҳатмӣ шуморида мешавад).

ҳаштсола бо навдаи дуқушаи бед, дар деҳаҳои Элок ва Қалъаи Нави ҳамин ноҳия писарбачаи се - чорсола бо кӯмаки модараш бо навдаи дуқушаи дарахти мевадиҳанда рӯймол ё рӯқилакро аз рӯйи арӯс мекӯшоянд. Дар Бартанги ВМКБ бошад, ҳангоми рӯйбинон писарбачае, ки падару модараш барҳаётанд се маротиба аз камонғулак тир мепаронад.

Дар ноҳияи Данғара аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ ва гуфтаи сокини ноҳия Ҳ. Шарифова рӯбинон дар рӯзи дуюми ба хонаи домод омадани арӯс гузаронида мешавад. Пагоҳӣ дар байни ҳамагон духтараке бо ду навдаи сабзи олуча рӯймоли арӯсро боло намуда, рӯяшро мекушояд [255]. Тавре муайян шуд, ҳаммонандиҳо дар ин русум дар ноҳияҳои ҳамсарҳад бо Данғара бештар дида мешавад.

Баъди кушодани рӯйи арӯс дастони ӯ «равған» гирифта мешавад, бинобар ин дар гурӯҳе аз ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб онро «рӯғанрезон» ва дар баъзе деҳаҳои Варзоб он бо истилоҳи «дастравғанкунӣ» низ маъмул аст» [49, с.313].

Ин анъана қариб дар ҳама ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб якхела гузаронида мешавад. Чуноне муҳаққиқ А. Аминов дар ин бора навиштааст: «Барои анъанаи «рӯбинон»-ро гузарондан суфаи хамиркуниро партофта, як табақ орд ва тахмин 2 литр равған омода карда, дасти арӯсро «равған» мегиранд. Арӯс ордро аз элак гузаронда, дастонашро болои орд нигоҳ медорад ва модар ё апаи домод ба дастони арӯс равғанро мерезад. Сипас, аз равғани рехта ва орди бехта арӯс хамири кулчаи равғанин тайёр мекунад» [136, с. 63].

Ҳангоми хелидани хамир хушдоман ба келин дуо дода мегӯяд: «Хонаву дардор шавӣ, сербачаву серкача шавӣ» [104, с.129].

Муҳаққиқ А. Аминов қайд кардааст, ки дар ноҳияи Восеи минтақаи Кӯлоб мувофиқи нақли гӯяндагон пештар барои санҷидани маҳорати арӯс ӯ бояд *зувола* шӯрида, атола ё хамирош мебурид. Агар атолаи буридаи ӯ чӣ қадаре, ки дарозу борик меомад, ҳамон қадар баҳои баланд мегирифт» [136, с.64].

Аз рӯйи гуфтаҳои деҳаи Сафорӯди Данғара Г. Салимова (с.т. 1955) баъди тайёр кардани хамир дастони арӯсро шуста, хешу табори тарафи домод (модар, апа, хоҳар ва аммаю хола...) ба арӯс тухфаҳо аз қабили рӯймол, атр, ангуштарин, гӯшвор ва ғайра тақдим намуда, ӯро мебӯсанд [240]. Модари арӯс ҳам ба хешовандони тарафи домод тухфаҳои худро тақдим мекунад ва сипас, арӯс ба корҳои рӯбучини хона мегузарад.[1]

Дар ноҳияи ба Данғара ҳамсарҳад Восеъ «баъди анҷоми маросими равғанрезон занону духтарон дойразаниву сурудхонӣ менамоянд» [136, с. 65].

Ҳангоми суҳбатҳои саҳроӣ муайян карда шуд, ки дар давраи шуравӣ тӯйҳо дар аксари минтақаҳои ноҳия бо ҳам монанд мегузаштаанд. Аммо, сокини ноҳия С. Одинаева, ки аз шаҳри Кӯлоб ба Данғара арӯс шуда омадааст, гуфт, ки дар шаҳри Кӯлоб пас аз ин ҳама марди солхурдае, оётеро хонда, «мардбахшон» мекунад.[2]

Дар ноҳияи Данғара ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки чунин анъана роиҷ набуда, аммо «маросими кушодани рӯйи арӯс - рӯйбинон на танҳо дар байни тоҷикон, балки дар байни қавму миллатҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон дида мешавад» [67, с.95].

**12.Торканон ё чодарканон:** Расму оини марбут ба чодар дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон қариб, ки ҳамшабеҳанд. Чодарро солҳои пеш аз карбос, алоча ва бахмал омода месохтанд [172, с.183]. Алҳол аз матои шоҳӣ ё бахмал тайёр мекунанд. Баъзан чодарҳо гулдӯзӣ шуда, бо банд ва охири банд бо пупакҳои ранга оро дода мешаванд.[3] «Чодарро дар кунҷи хона рӯ ба сӯи қибла зани фарзанддори дар зиндагӣ муваффақ мезанад» [116, с.70]. Муҳаққиқ Г.И. Эшонқулов дар ин бора навиштааст: Дар

---

1 Ин рамзист, яъне дигар арӯс аъзои ҳамин хонадон аст ва яке аз корҳои муҳиме, ки арӯс мекунад, ин тоза нигоҳ доштани хона мебошад.

2 Маънӣ: минбаъд арӯс баъди гузарондани маъракаи “мардбахшон”дар ин хонадон шахси баробарҳуқуқи ин оила мегардад ва пасон хайре, ки минбаъд дар ин хонадон карда мешавад, ба арвоҳи гузаштагони арӯс низ мегузарад. Мувофиқи ақидаи баъзеҳо гуё, ки агар ин анъана гузаронида нашавад, арӯс дар ин хонадон ба мисли хизматгор мемонда бошад.

3 Ҳангоми пажӯҳиш дар якчанд тӯй иштирок намуда, онро муайян сохтем.

Хуҷанд чодарро зан ё мӯйсафеди фарзанддори боobрӯ бо санги қайроқ бо хандаю хушҳолӣ мезанад, то тамоми ҳаёти навхонадорон хушнуд гузарад [59, с.76]. Чуноне ки мебинем, дар ин русум ҳаммонандиҳо байни навоҳии Данғараю Хуҷанд то ҷое дида мешавад.

Муҳаққиқ Х. Сафаров навиштааст: «Чодар ҳамчун воситаи «муҳофизат» аз ҳар гуна неруи бад истифода мешавад. То кандани чодар зану шавҳари ҷавон дар хонае, ки чодар зада мешавад, хуфту хоб мекунанд [103, с.130]. Муҳаққиқи рус Г.П. Снесарёв низ бо чунин мазмун навишта: «Чодар аз рӯйи бовариҳои қадима *навхонадоршудагонро аз ҳар гуна қувваҳои бад муҳофизат мекунад* [106, с.77-78].

Ҳангоми пажӯҳиш мӯайян шуд, ки дар баъзе деҳаҳои ноҳияи Данғара чодарро аз 3 ҳафта то 2 моҳ нигоҳ медоранд. Баъди он, ки домоду арӯси ҷавон то андозае бо ҳамдигарӣ унс мегиранд, онро мекананд. Аммо сокини ноҳия С. Маҳмадшоева (с.т. 1956) мегӯяд: «*Чодар ҷойи ҷамъшавии қувваҳои бад буда, онҳо дар таги чодар туй медиҳанд.* Бинобар ин «чодарканон» ҳарчӣ тезтар иҷро шавад беҳтар аст. Зеро бисёр истодани он хосияти хуб надорад» [227]. Ҳангоми кандани чодар зане, ки чодарро зада буд ба маърака даъват мешавад. Баъди кандани чодар маросими тӯйи домоду арӯсӣ пурра анҷом мёёбад.

Мардумшинос А. Мардонова навиштааст: дар Кӯлоб, Кангурт ва Фархори минтақаи Кӯлоб чодар баъди тӯй дар «даст»-и арӯс мемонад, ё дигар намояндаи ин оила онро истифода мебарад [67, с.74].

Мувофиқи пажӯҳиш муайян намудем, ки як чодарро дар чандин маъракаҳои тӯй истифода мебурдаанд.

**13.Домодталбон:** Домодталбонро дар Данғара «ҳафтабарӣ» низ мегӯянд.[1] Вобаста ба шароити падару модари арӯс ин русум пас аз 2 то 4 моҳ анҷом дода мешавад. Волидони арӯс барои «домодталбон» кас мефиристанд. Аксаран бародарҳои арӯс ин амалро иҷро мекунанд. Баъди тайёрӣ дидан домоду арӯс, падару модар, якчанд хешони наздик

1 Баъди домодталбон арӯс як ҳафта дар хонаи падару модар дар меҳмонӣ меистад. Бинобар ин, онро “ҳафтабари”- и арӯс низ меноманд.

ва як ё ду рафиқи домод аз рӯйи маслиҳати пешакӣ ба хонаи падару модари арӯс ташриф меоранд. «Ҳангоми ба хонаи арӯс расидан бо нияти нек шудани пайи қадами домод пойандоз партофта мешавад. Баъд аз гузаштани домоду арӯс ёру ҷӯраи домод барои гирифтани он часпу талош мекунанд» [103, с.130].

Баъди хӯрдани зиёфат домулло фотиҳа хонда, ба ҳамаи иштирокчиёни маърака зиндагии хушу гувороро орзу ва ба ҷамъомадагон як рӯймолӣ туҳфа мекунанд. Дар давраи шуравӣ ба домод ҷома, тоқӣ ва рӯймоли миён низ туҳфа карда мешавад [54, с.59].

Ҳамин тавр, сокинони ноҳияи Данғара дар доираи фарҳанги миллии худ сохтори хело ҳам муносиби таърихии оиладориро барпо кардаанд. Он сертаркиба буда, дар доираи фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мардумӣ сохтори хеле муносиби анъанавиро дорост. Ба истиснои баъзе хусусиятҳои фарққунандагӣ, ки ба вижагиҳои мардумии он вобаста аст, бо мардумони дигар минтақаҳои Тоҷикистон, ҳамрангиҳои зиёдеро соҳиб мебошанд.

Оилаҳои мардуми Данғара чун аксари минтақаҳои Тоҷикистон сертаркиба ва падарсолорист. Он аз бобоҳою бибиҳо, падару модар, фарзандон ва дигар табақаҳои хешутаборӣ иборат буда, ҳар яке дар тарбияти инсони комил барои ҷомеа саҳмгузоранд.

Муҳимтарин ҷашни хонаводагӣ тӯйи арӯсӣ аст, ки чандин марҳиларо фаро гирифта, хеле бошукӯҳ гузаронида мешавад.

**Ҳамин тариқ,** ҳангоми омӯзиши бахши **ҷашни арӯсӣ дар водии Данғара** муайян карда шуд, ки дар Данғара он бо хусусиятҳои хоси худ, ки бештар ба ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб шабоҳат доранд гузаронида мешавад. Дар рафти пажӯҳиш муайян карда шуд, ки қисме аз анъанаҳои ҷашни домоду арӯсӣ вобаста ба пешрафти ҷамъият нисбати давраи шуравӣ дар давраи соиҳбистиқлолӣ дигаргун шудаанд. Хусусан, дар маросими сартарошон, ки сари домодро метарошиданд, имрӯзҳо танҳо рамзӣ иҷро мешавад. Маросими саршӯёни арӯс, ки дар давраи шуравӣ машҳур ва ҳатмӣ буд, дар давраи истиқлолият кам, танҳо баъзан дар

деҳот гузаронида мешавад ва баракс вобаста ба беҳ гаштани шароити иқтисодӣ-иҷтимоии мардум арӯс дар “толори ҳусн” оро дода мешавад. Шаҳтозгирӣ низ қариб пурра аз байн рафтааст. Дар давраи шуравӣ бештари оилаҳо бо ташабуси падару модар барпо гашта, тӯй дар ҳавлии хонаводагӣ гузаронида мешуд, дар замони соиҳбистиқлолӣ бошад, аксари ҷавонон аз рӯи интихоби шахсӣ бо ҳамсари ояндаи худ хонадор мешаванду тӯйу сур дар тарабхонаҳо мегузарад.

Маросимҳое, ки то давраи тӯйи домоду арӯсӣ ва баъд аз он доир карда мешаванд, дар ин бахш ифодаи худро ёфтаанд.

## 2.2. Маросими таваллуд

Маросимҳои марбут ба тифл ҳанӯз дар батни модар будани он оғоз меёбад. Модарони ҳомила барои солим таваллуд кардани тифл як силсила расму ойинҳоро ба ҷо оварда, баъзе бовару эътиқод ва анъанаҳоро риоя менамоянд.

«Дар гузашта дар манотиқи гуногуни тоҷикнишини Осиёи Марказӣ дар таваллуд ва тарбияти тифл саҳми момодояҳо басо калон буд. Момодояҳо – «кампиракони зоянда» дар ҳар деҳаву маҳаллаи тоҷикон буданд ва як навъ табибони суннатӣ ба шумор мерафтанд» [49, с.587-592].

Баъди таваллуди кӯдак ҳар касе, ки дар рафти он иштирок дошт, метавонист аввалин шуда аз падару модар ва хешони модари ҷавон *ҳайда*[1] гирифта, соҳиби *севинчӣ* [23, с.69] гардад.

Момо ва furбобоҳо якдигарро бо таваллуди набера табрик намуда, дарҳол туҳфа, аз қабили конфет, сақич ё ягон намуди мевагӣ ба касоне, ки аз пешашон мебароянд, хоҳ шинос бошад, хоҳ не, чӣ хеле мардумшинос А.С. Андреев қайд кардааст: «шумо ҳам ин шаҳди ширинро чашед» – гуфта, тақдим мекунанд [31, с.52]. Дар ҳудуди Данғара кӯдаки навзодро бо лаҳҷаи кӯдакон «нинӣ» ё «нинича» мегӯянд. Кӯдак-ниничаи аввалро барои баровардани чиллааш, тавре А. Андреев қайд

1 Ҳайда – ҳадия. Минбаъд касе, ки аз таваллуди кӯдак хабар ёфт аз дигар наздиконаш низ, ки таваллуди кӯдакро интизорӣ мекашиданд “ҳайда” мегирад. Ҳар кас ба ҳайдагиранда бо қадри имконаш пул, курта, ё чизи дигар инъом медиҳад.

кардааст, ба хонаи падари зани ҷавон мебурданд. [31, с.70] Баъди овардани тифли навзод кӯдакони гузар барои *чочалагирӣ*-ҳадиягирӣ меомаданд, ки бино ба таҳқиқоти муҳаққиқ Х. Сафаров ин одат дар дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб низ ба назар мерасад [103, с.131].

**2. Номгузорӣ.** Унсурулмаолии Кайковус овардааст: «Бидон эй азизи ман, ки агар Худо туро писаре диҳад, аввал номи хуб ба вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққҳои падарон яке ин аст» [8, с.85]. Бинобар ин дар ноҳияи Данғара низ чун дар ҳама манотиқи Тоҷикистон падарон ба фарзандон номи хуб гузоштанро қарзи падарии худ мешуморанд.

Дар давраи шуравӣ мардуми Данғара кӯшиш бар он мекарданд, ки ба фарзандони худ номҳои ба пайғамбари Ислом ва ёрони ӯ алоқаманд: Муҳаммадҷон, Алимуҳаммад, Умаралӣ, Усмон; номҳои нек: Сафо, Вафо, Солим, Ҳаким ва ғайраро гузоранд. Муҳаққиқ Д. Раҳимӣ дар бораи номгузориҳои мардуми тоҷик навиштааст: «Агар кӯдак дар рӯзи ҷумъа, ки дар оини мусулмонӣ саиди рӯзҳо шуморида мешавад, таваллуд мешуд Ҷумъабой, Ҷумъагул ва дар моҳи сафар Сафаралӣ, Маҳмадсафар, Сафармо, дар рӯзҳои зебои фасли баҳор аслан ба духтаракон Гулғунча, Савзбаҳор, Гулизор ва ғайра ном мегузоштанд» [178, с.85], ки ин тартиби номгузорӣ дар Данғара низ то давраи истиқлолият ҷой дошт.

Мардум дар баробари ин ба фетишизм [178, с.33-41], шугун [88, с.20] ва махлуқоти асотирӣ [179, с.20-36] аз қадим боварӣ доштанд. Бино ба боварҳои мардумӣ «мавҷудоти хаёлӣ-парӣ, момо, муаккал, чилтанҳо, чилдухтарон, арвоҳи ҷойҳои муқаддас, руҳҳои «ҳурмузӣ» ё «раҳмонӣ» доранд. Дев [76, с.34-45], албастӣ [76, с.56-62], ҷинну аҷина [76, с.70-87], ғӯл, аламон, бало, лашкар, войт, ол, воҳима ва ғайра, ки ба рӯҳҳои «аҳриманӣ»- «шайтонӣ» дохил мешаванд» [75, с.10], ба ҳаёти минбаъдаи кӯдак таъсиргузоранд. Кӯдаке, ки аз модар бемор таваллуд мешуд, ё модаре, ки кӯдакашро гирифта наметавонист, сабаби онро ба ҳамин қувваҳо алоқаманд медонистанд. Бинобар ин солҳои нисбатан пеш (махсусан то солҳои 80-уми асри XX) дар Данғара «фетишӣ кардани номи кӯдак маъмул буд» [178, с.39-40]. Масалан, барои он ки кӯдак

тандурусту дарозумр бошад, ба ӯ номи ҷисмҳои сахт ба мисли санг, тилло, пулод (Сангинмурод, Сангиной, Сангак, Пӯлод, Тиллобой); номи олотҳои бурандаи рӯзгор аз қабили табар, теша, дос (Таваралӣ, Тешабой, Достибек) [101, с.244-251]; номи **ҷонварони пурзӯр** монанди шер, гург (Шералӣ, Гургалӣ, Бурӣ, Буригул,); **номҳои «паст»** аз ҷумла: хас, хошок, кулух, партов, камол, пахол (Аҷик, Хасак, Хошок, Партовбӣ, Камола,); **дар заминаи эътиқод ва меҳр** ба ҳайвону ҳашароту паранда чун: Малах, Майна, Тутӣ, Мусича, Кабк ва ғайра [40, с.4], вобаста ба ранги муйи сар ва рӯ: Зард, Зардак, Сабзина, Кабуд...; **номҳои назарногир** ба монанди Фақир, Каҷала, Чағир, Парда ва ғайра номгузорӣ мекарданд [157, с.115-122]. Чунин номгузорӣ дар байни дигар минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар Қаротегину Дарвоз дар давраи шуравӣ ҷой дошт [109, с.68]. Яъне: «Мардум мақсаду орзуи худро бо вожаҳои муайян ифода карда, ном месозанд ва ба таъсири мусбии он бовар доранд» [109, с.39]. Ин раванд дар минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла дар Данғара дида мешавад, аммо хело кам.

Мардумшинос А. Мардонова борҳо ба суннати номгузории тоҷикони водии Ҳисор, аз ҷумла «кӯлобиҳо»-е, ки дар Ҳисор зиндагӣ мекунанд таваҷҷуҳ карда, аз ҷумла гуфтааст: «Агар занеро, ки бисёр фарзандонаш вафот кунад, охирин писари худро «Ҳамроҳ» ном мегузорад, ки ҳамроҳи падар бошад; «Агар зан бачамур бошад, номи кӯдакашро «Истад» мемонад, ки намурда истад» [67, с.71].

Дар давраи истиқлолият гузоштани номҳои қадимаи аҷдодони тоҷик: Парвиз, Хусрав, Сиёвуш; номҳои некӣ: Орзу, Умед, Нурбону ва ғайра ба ҳукми анъана даромадааст.

3. **Чиллабарорӣ:** Ин русум дар байни тоҷикони аксари минтақаҳои Тоҷикистон вуҷуд дорад. Муҳаққиқ А. Сӯфизода анъана ва одатҳои мардуми Сари Хосори минтақаи Кӯлобро мавриди омӯзиш қарор дода, менависад: «Дар Сари Хосор[1] вобаста ба таваллуди кӯдак одате маъмул

---

1 Пешомадони қисме аз сокинони имрӯзаи ноҳияи Данғара аз мавзеи Сари Хосор мебошанд.

буд, ки онро «зачабонӣ» меномиданд. Дар шеваи Кӯлоб ба ин шакл не, балки ба шеваи «зачавонӣ» ифода меёбад. То чилрӯза шудани тифл кӯдаку модарашро нигаҳбонӣ мекунанд ва дар ин муддат онҳоро танҳо намегузоранд, ки ду сабаб дорад. Якум то ин муддат модари бемор набояд ба корҳои вазнин машғул шавад, зеро риоя накардани ин муҳлат зан бемори *зача* (зардча) мегардад, ки аз он раҳоӣ ёфтан душвор аст. Дуюм мувофиқи урфу одати қадимӣ *аз ҳар гуна хавфу хатар ва қазову қадар* эмин мондани модар ва тифли навзоди он» [107, с.132].

Дар вақти *бонӣ* (нигоҳубин) кардани зани «зача» ба ӯ хӯрокҳое мехӯронанд, ки миҷозашон гарм бошад. Бештар тухмбирён, наботчой, атолаи равғанӣ (гардсӯз) ва тарҳавло медиҳанд. Хӯрокро бо равғани зард ё зағер омода мекунанд. Ҳар рӯз якчанд маротиба кӯдак ва модарашро испанду аҷик дуд медиҳанд.[1]

Рӯзи ҳафтаи тавлиди кӯдакро рӯзи муборак мегӯянд. То чиллаи кӯдак баромадан 5 муборак мегузарад. Ҳангоми пажӯҳиш муайян гашт, ки дар рӯзи муборак кӯдак ва модарашро махсус эҳтиёт мекунанд, танҳо намегузоранд, бегоҳ албатта хонаро *испанддуд* мекунанд, шаб чароғро хомӯш намекунанд. Пушти гавҳора ягон марди калонсоли хона мехобад.[2] То солҳои 80-90 -уми асри гузашта дар рӯзҳои муборaки тифли навзод момодояе, ки занро зоёнда буд, шабро ҳамроҳи ӯ мегузаронд[3]. Ин иқдом махсусан дар деҳот дар ҳукми анъана буд. Муайян карда шуд, ки дар Данғара муқоиса бо баъзе минтақаҳои Тоҷикистон дар шаби муборaки тифл чароғро хомӯш намекунанд [31, с.54]. То баромадани чили кӯдак ҷойи хоби онро нисбатан равшан нигоҳ медоранд.

---

1 Ин кор бо мақсади нест кардани ҳар гуна вирусҳо иҷро мешавад. На ҳар кас чӣ хосият доштани аҷику ҳазориспандро медонистанд, лек мардум аз давраҳои қадим мушоҳида менамуданд, ки бо дуд додани онҳо касалиҳои сироятӣ тез аз байн мераванд. Бинобар ин, чунин мешумурданд, ки бо иҷрои ин амал таъсироти қувваҳои фавқултабиа низ нест мегардад.

2 Чунин мешуморанд, ки дар рӯзи муборак ҷину парӣ ва албастӣ дар танҳо гузоштани кӯдак ба ӯ зарар мерасонанд.

3 Ҳангоми пажӯҳиш муайян карда шуд, ки: минбаъд момодоя “мома”-и кӯдак ҳисоб меёбад. Ӯ дар рӯзҳои муборак ва рӯзҳое, ки кӯдак бемор мешуд, шабро назди кӯдаку модараш мегузаронд.

**4. Бемориҳои кӯдакона ва пешгирии он:** Ҳангоме ки тифл бемор мешавад, ӯро назди пиразанҳои табиб мебаранд, ки онҳоро дар шаҳри Кӯлоб «Пир зоча» ва мардуми Бадахшон «Пур-зича»мегӯянд [31, с.50]. Дар Данғара бошад, онҳоро кампири «дасташ эмӣ», «пуштӣ», «дастгирифта» мегӯянд. Чунин кампирҳо кӯдаконро амалҳои табобатии «эму-дем»,[1] «куфу-суф», «қуртақбардорӣ»,[2] «дегдон», «дам», «аловгардон» ва «хаспуфкунӣ» [136, с.63-67] мекунанд.

Дар вақти баровардани чилла кӯдак баъзан ба бемории «чиллагӣ» [48, с.50] ки онро мардуми водии Хуф дар Бадахшон «чилгай-бемор» [31, с.74] мегӯянд, гирифтор мешавад. Ҳангоми суҳбат бо сокинони ноҳия муайян кардем, ки дар чунин ҳолатҳо модарон ва момоҳо кӯдакро ба «чилламазор»,[3] назди муйсафедону кампирони табиб, ки онҳо «дамгарӣ», «аловгардонӣ» «қуртақбардорӣ», «бахшигарӣ» мекунанд, мебаранд.

Дар давраи шуравӣ ба пеши фолбинҳо низ бурдани кӯдаки бемор байни мардум расм буд. Баъзан аз хизмати табибони ҷугитабор истифода карда, тифлро «аз даҳони гург» [48, с.50], ё «аз турбаи чугӣ» мегузаронданд. Ба гирди мазор ва қабри «шаҳид» - ҳо[4] бурдан низ зуд-зуд ба чашм мерасид.

Мувофиқи назари донишманди белорусӣ Л.И. Минко «фетишӣ кардани сухан дар навбати худ боиси пайдоиши афсуну дуоҳо шудааст» [73, с.12]. Ин аст, ки мардум ба нерӯи муассир ва шифодиҳандаи дуо ва ашёи дорои неруҳои фавқутабиӣ боварӣ доранд. Барои он ки ба кӯдак

---

1 Истифода аз либоси тан, попӯшӣ, тоқӣ, кордча, қамчини шахсиятҳои руҳонӣ ё табибони гузашта табобат кардани кӯдак ва калонсолон.

2 Ҳангоми дард кардани гулу табиб ба ҳарду ангушти ишоратӣ сиёҳии дег гирифта, “Эму демат ҳамин” – гуфта, гулуи кӯдакро аз берун ва як чиликашро ба гулу аз дарун андохта, ӯро “эм” мекунад.

3 Чилламазор, яке дар назди деҳаи Навободи Сангтӯда ва дигаре дар дараи Ретани мавзеи Лавак, болои кӯҳ мавқеъ дорад. Кӯдаконро гирди он давр гардонда, аз хоки он ба бадани кӯдак мемоланд ва куртаҳои чиллагиашонро дар шохи дарахти назди он мебанданд.

4 Ҷойҳое, ки хуни ноҳақ рехта шудааст, он ҷойҳоро гирдаш шиғ гирифта, “шаҳид” ном мегиранд. Кӯдаконро гирди чунин шаҳидҳо бурда, 3 маротиба гирдаш давр мезанонанд ва аз хоки он ба ҷойҳои маризи кӯдак мемоланд.

чашми ҳасуд асар накунад, ба дасташ мухраҳои «чашмӣ» [31, с.68] мебанданд. Муҳраҳои аз чӯби туғ омодашударо бошад, дар дастаи гаҳвора овезон мекунанд.

Назди муллоҳо барои «дуохонӣ», «тумору таштов»,[1] «радномa» ва ғайра гирифтан барои мардум анъана гаштааст.

Сокини деҳаи Булёни Поён П. Қурбонова (с.т. 1948) мегӯяд: «Пас аз тавлид кӯдакро то чил рӯз куртаи чиллагӣ[2] мепӯшонанд [225]. Ҳангоме ки ахлоти кӯдаки бемор ранги сабз мегардад, момаҳо ба сибааш[3] саргини хушки мурғро гарм карда мегузоранд. Ин амал то зард гаштани ранги наҷосати кӯдак идома меёбад» [225].

Ҳамчунин, дар вақти пажӯҳиш муайян кардем, ки ҳамсояҳо ва хешон бо навбат барои хабаргирии модару кӯдаки навзод меоянд. Ҳангоми рафтани онҳо аз либоси танаашон як-ду тор ришта гирифта, бегоҳ дар хонае, ки кӯдак мехобад, бо испанд (ҳазориспанд) дуд медиҳанд.[4]

Ҳамчун дуркунандаи қувваҳои бади аҳриманӣ: деву аҷина, албастӣ ва чашми бад (суқи чашм) таги сари кӯдак ё дар таги гаҳвораи ӯ санги қайроқ,[5] нон, кордча, дос, табар, теша мегузоранд. Истифодаи санги қайроқ (обисанг) ҳамчун дуркунандаи қувваҳои аҳриманӣ дар байни мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон [48, с.50; 109, с.58-95; 165, с.120-121; 191, с.109-135] ва манотиқи тоҷикнишини Ӯзбекистон дида

1 Кӯдаконе, ки зебо ва сергӯшт ҳастанд, аз мулло тумори "суқи чашм" мегиранд,
2 Куртаи чиллагиро дар ҳар минтақаи Тоҷикистон номҳои гуногун мегиранд. Мисол: дар Дарвоз ва Оби Гарм онро "Куртаи лабгардон", ё "Куртаи чапгиребон", дар Тоҷикобод "Куртаи харкандоз", "Куртаи гарданакдор","Куртаи китифак" мегӯянд. Дар Данғара онро куратаи "Чиллагӣ" ё "Саркитифӣ" ном мегиранд.
3 Тубаки махсуси сафолӣ (солҳои охир он аз пластика ҳам тайёр карда мешавад) барои гирифтани наҷосати кӯдак дар гаҳвора, насб карда мешавад. Он 15-17 см баландӣ дошта, даври даҳон нисбати қисмати поёнаш барои ҷой гирифтан нисбатан калонтар сохта шуда, дар қисмати поёни гаҳвора гузошта мешавад.
4 Ин иқдом дар байни мардум то ҳоло чунон маъмул аст, ки ҳар кас баъди хестан худ бе талаби хонадор риштае аз либосаш канда, шӯхикунон: "боз чашмам нагирад"-гуфта, ба дасти яке аз аъзои хонадон медиҳад (Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ).
5 Дар деҳа як ё ду санги қайроқ дар ҳар хонадон нигоҳ дошта мешавад. Он чун як ашёи ҳатмии хона барои тез кардани кордчаю дигар асбобҳои буранда, шикастани чормағз ва ба ин монанд, эм кардан ва гузоштан ба таги сари кӯдак истифода бурда мешавад.

мешавад. Дар романи «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ омадааст: «Саройбон як санги қайроқро ба орд олуда карда ба сари Неққадам молид, то ки сари ғуломбача санг барин гашта, бардам бошад» [23, с.69].

**5. Гаҳворабарӣ:** Гаҳвора дар байни тоҷикони минтақаи Кӯлоб аз замонҳои қадим мавриди истифода аст. Онро аслан, устоҳои гаҳворасоз аз чӯби дарахти бед месозанд.

Ҳангоми пажӯҳиш муайян карда шуд, ки падари арӯс ҳангоми тавлиди набераи аввал гаҳвора мехарад ва момои кӯдак барои омода кардани он аз таг сарсиба,[1] хасакӣ[2] баъди он ду адад пасакии пахтагин, рӯдилак, ду дастбандак, кӯрпаи майда, сибаю тута[3], фархак ва рӯпушак тайёр мекунад.[4] Рӯйпӯшаки гаҳвораро барои писар аз матои бахмали сабз ва барои духтар аз бахмали сурх медӯзонанд [29, с.66].

Мувофиқи гуфтаи сокини ноҳия аз деҳаи Рахшонзамин М. Ҳалимова (с.т. 1940) «Дар давраи шуравӣ дар рӯзи нуҳуми таваллуд «кӯдак аз нуҳ гузашт аз кӯҳ гузашт» - гӯён ба хобондани он дар гаҳвора оғоз мекарданд. Дар давраи соиҳбистиқлолӣ бошад, баъди овардани кӯдак ба хонаи падари арӯс дар *рӯзи истироҳати аввал* кӯдакро «гаҳворабандон» мекунанд.[5] Ҳамсояҳо ва хешони наздик ба он даъват мешаванд» [249]. Яке аз одатҳои қадима ин аст, ки дар ин маърака

---

1 Аз хас саллаи махсус тайёр намуда, болои онро бо латта тоб дода, рӯпуш мекунанд. Сарсибаро баъди дар гаҳвора ҷо намудани сиба мегузоранд. Сарсибаро модарон ҳар рӯз тоза намуда, дар офтоб ё гармии бухорӣ (печка) хушк карда меистанд.

2 Сокинони маркази ноҳия онро каҳкашак низ меноманд. Барои рост шудани қомати кӯдак аз сатини якранг духта, дарунашро коҳ ё хас пур мекунанд. Ҷойи сиба ба андозаи он сурохӣ дорад. Дар баъзе деҳаҳо (Сангтӯда, Гулистон, Дурахшон )-и ноҳия ба ҷои коҳ ва хас пахтаи кухна ҷо мекунанд.

3 Дар давраи шуравӣ сокинони ноҳия барои кӯдак аз сибаҳои сафолин ва тутаҳои чӯбӣ: барои духтар ва барои писар алоҳида истифода мебурданд. Дар давраи истиқлолият бошад, аз бозору мағозаҳо сибаю тутаҳои аз пластмасса сохташуда харидорӣ намуда, истифода мебаранд. Дар баъзе ҷойҳо ба ҷойи сибаи пластмасӣ банкаи шишагии 1 литраро низ истифода мекунанд. Мувофиқи пурсишҳои саҳроӣ дар деҳаҳои Пушингу Алиҷон то солҳои 60 уми асри XX тутае, ки аз устухони пои буз тайёр мешудааст, барои духтарчаҳо истифода мебурдаанд.

4 Дар тайёр намудани онҳо занҳои боҳунари маҳал ё хешон иштирок мекунанд.

5 Ин амал солҳои пеш фақат дар рӯзи панҷшанбе гузаронида мешуд. Яъне дар вақти муайян.

момоҳое, ки ба гаҳворабандон меоянд, бо худ яке аз набераҳояшонро меоранд [31, с.68].

Зимни таҳқиқот муайян гардид, ки чорвои овардашуда пешакӣ забҳ карда шуда, аз гӯшти он барои меҳмонон 2-3 намуд хӯрок (шӯрбо, оши палав ва гӯштбирён) омода месозанд. Баъди хӯрдани таом гаҳвора ва ашёи овардашударо байни хона гузошта, онро ба меҳмонон нишон медиҳанд. Қисме аз савғоҳо «бо мурод»[1] ба ҳамсояҳо тақсим мегардад. Ба кӯдакон ширинӣ ва тухми пухтаи мурғ медиҳанд. Аз байни хешу табор бо маслиҳати якдигарӣ зани рӯзгордидаи бобаракатеро барои гавҳорабандон кардани кӯдак «гаҳворабанд»[2] интихоб мекунанд.

Кӯдакони бо момоҳояшон омадаро гирди гавҳора ҷамъ намуда, зани гаҳворабанд: «Бисмилоҳи раҳмони раҳим» – гуфта, аввал кӯдакро дуои нек медиҳад ва ба гаҳвора кардани кӯдак шурӯъ карданӣ шуда, тифли навзодро бархато мегузоранд ва аз кӯдакон пурсон мешавад, ки оё ӯ «нинича»-ро дуруст ба гавҳора хобонда истодааст, ё на? Кӯдакони ҷамъомада хандида, ҷавоб медиҳанд, ки не. Гаҳворабанд чанд бор ин амалашро такрор намуда, хандаи кӯдаконро меорад ва дар охир гӯё бо маслиҳати кӯдакон «нинича»ро дуруст дар гаҳворо гузошта, ба дастони кӯдак дастпечак ва ба пойҳояш попечак[3] печонида, сипас ӯро бо «дастбандак»[4]-и гаҳвора мебандад.[5] Болои гаҳвораро бо ҳафт қабат:

---

1. Яъне шумоён низ шаҳди ин рӯзро чашед гуфта.
2. Асосан аз байни аммаҳо ё холаҳои домод, ки фарзандони зиёд калон карда, фарзандонаш дар байни мардум бообрӯ бошанд, гаҳворабанд таъин мекунанд. Аслан синну соли чунин занҳо аз 60 боло мешаванд.
3. Дастпечак ва попечакро аз матои мулоими пахтагӣ гирифта, бо он пой ва дасти кӯдакро то 2 моҳагӣ, ки алҳол майда буда, аз дастбандак кашида мешавад, истифода мебаранд.
4. Аз матоъи бахмал (боло) ва сатин (таг) ду бар аз сони сиёҳ марза монда, барои як гаҳвора 2 дона тайёр мекунанд. Дарунаш пахта ҷо намуда, чун кӯрпача медӯзанд. Бари якеаш 18-20 см (дастбандак) дигараш 15-17 (пойбандак) дарозии ҳардуяш тахмин 70-80 см. Як тарафаш барои дар он ҷо кардани таёқи таги гаҳвора аз ду ҷой ҳалқаи латтагӣ медӯзанд. Дар тарафи дигараш барои онро бастан банди ғафсиааш 0,5 см пайваст мекунанд. Дастбандак ҳангоми гаҳвора кардани кӯдак гирди кӯдаки хобкарда ва гаҳвора як давр гашта, сипас бандаш дар дастаи гаҳвора баста мешавад.
5. Аслан бори аввал тифли навзодро баъди серӯза шудани кӯдак (деҳаҳои Хуррамзамин, Булёни Боло, Булёни Поён) ва дар баъзе минтақаҳои ноҳия (ш. Данғара ва гирду атрофаш) баъди афтидани нофаш дар гаҳвораҳои куҳнаи хонаи

рўйпўш, кўрпаи пахтагин, яктаг, рўймол, дастархон, ҷома ва кўрта мепўшонанд.[1]

Баъди пўшондани болои гаҳвора зани гаҳворабанд кўдакро алла мегўяд ва кўдак бори аввал дар гаҳвора хоб меравад[2].

Мувофиқи ахбори сокини ноҳия аз деҳаи Себистон С. Маҷитова (с.т. 1937) солҳои 40-80-уми асри XX модароне, ки фарзандонашонро дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ талаф дода буданд, аламҳои дилашонро бо аллагўйии тифлон – наберахояшон мебароварданд. Яке аз он сурудҳои алла чунин буд:

*Алла, алла, алла, аллаё,*

*Э духтари мома,(э бачай мома) аллаё, аллаё,*

*Э алла мегум, духтарма ховуш биёя.*

*Э чуҷаи мома, аллаё, аллаё.*

*Мо кавгонему ҳечаи мо дар камарай,*

*Мо беморему очаи мо бехабарай.*

*Очама бугу куртаи ғам пора куна,*

*Шав дар таи сар монаву рўз нола куна.*

*Аллаё, аллаё, аллаё, аллае... [228]*

Кўдакро, ки хобаш бурд, ашёҳои болои онро мегиранд ва ўро ба хонаи алоҳида мебаранд.[3]

---

бобояш гаҳвора мекунанд. "Гаҳворабандон" кардан ин маънои бори аввал дар гаҳвораи нав, дар оилаи нав гаҳвора кардани тифли аввалро дорад. Кўдакони минбаъдаи ин оилаи ҷавон баъди афтидани ноф бе ягон чорабинӣ гаҳвора карда мешаванд

1. Ҳамаи ашёҳои болои гавҳора рамзӣ: барои хислатҳои беҳтарини инсониро гирифтани тифл буда, бояд, истифодашуда бошанд. Дастархон барои он, ки вақте кўдак калон шуд, дастархондор шавад; Кўртаи шахси оромтабиат, барои он, ки дар гавҳора доимо ором хобаш барад; Рўймоли одами дасткушод барои он, ки сахӣ гардад; Ҷомаи одами пир: то ки умри дароз бинад; Кўрпаи одами солеҳ, ки покдоману поквиҷдон бошад; Рўйпуши шахси солим, ки тандуруст ба воя расад; Яктаги одами сербача ё доро, ки "бодавлат" гардад.

2. Ҳангоми алла гуфтан занҳо (модар, мома, хола) ғуссаҳои дилашонро низ ба воситаи суруд мегўянд. Ин иқдом махсусан дар давраи шуравӣ байни мардум, ки рўзгори вазнинро аз сар гузарондаанд, баръало ба чашм мерасид. Дар давраи истиқлолият он чун фолклори мардумӣ ба мо расидааст.

3. Баъди ин кўдакро то 2-3 сола шуданаш дар гаҳвора мехобонанд.

**6. Мӯйсаргирон:** Мувофиқи пурсишҳои саҳроӣ мӯйе, ки навзод бо он аз батни модар таваллуд мешавад, ба гуфти мардум *ҳаром аст*. Бинобар ин, кӯдаконе, ки сермӯй таваллуд мешаванд, бо маслиҳати бобою мома дар хонавода кӯшиш карда мешавад, ки ҳанӯз рӯзҳои аввали баъди таваллуд мӯяшро тарошанд». Нисбати ин муҳаққиқ Х. Сафаров навиштааст: «Тарошидани мӯйи сари тифл дар рӯзҳои аввал аз рӯи дарку фаҳмиши тоҷикони кӯҳистон фоли нек аст. Бо гирифтани мӯйи сар ҳама дарду иллати тифл бо он якҷоя мераваду кӯдак сабук ва гӯё аз ҳар гуна ранҷу азоб наҷот меёбад» [103, с.132].

Сокини ноҳия Қ. Мухторов мегӯяд: «Дар Данғара чӣ солҳои қаблӣ ва чӣ ҳоло мӯйи сари кӯдакро баъди дароз гаштанаш дар рӯзи ҷумъа бобои кӯдак ё ягон пири бодавлати хулқу одоби ҳамидадошта ду - се бор қайчӣ мезанад ва сипас модар ё падари кӯдак ҳангоми вақти мувофиқ ёфтан сарашро пурра бо қайчӣ метарошад» [229]. Ба ин гуфтаҳо монанд дар китоби мардумшинос М.С. Андреев «Тоҷикони водии Хуф» низ оварда шудааст [31, с.90]. Аз рӯи расму русуми динӣ ҳангоми гирифтани мӯйи сари кӯдак бояд «ақиқа»[1] карда шавад. Аммо дар давраи шуравӣ ин русум на он қадар риоя мешуд. Алҳол, тавре сокини деҳаи Армуғон Т. Шарифов (с.т. 1957) мегӯяд: «Ақиқа кардан ҳангоми мӯйсаргирии тифл ба ҳукми анъана даромада истодааст» [254].

**7. Хатнасур:** (Хатна - буридани пӯсти олоти мардии кӯдак) [118, с.471] Хатнасурро дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ҳар гуна ном мегиранд. Мисол, дар байни тоҷикони Қаротегин бо вожаҳои гуногунон: дар деҳаҳои Шул – «тӯи чукбурон», Нушор – «хатна», Умарак – «хадматӯй», Пшихар - «чуксур» [109, с.90] дар Шуғнон «чулак-х-ичиҳ-т-сур» ё «тӯи чулбурӣ», дар Рӯшон «буш кивт» меноманд [149, с.372]. Мувофиқи маълумотҳои ба дастомадаи мо дар Данғара ин маросимро

1 Ақиқа мувофиқи оини мусулмонӣ ичро карда мешавад. Барои духтар як чорво ва барои писар ду сар чорвои хурдро падар забҳ карда, ба ҳамсояҳо садақа мекунанд, ё нони хайр карда, ҳамсоя ва хешу таборро таклиф мекунанд. Байни мардуми ноҳия дар асри XX ва ибтидои асри XXI ин кор расм набуд. Алҳол ба ҳукми анъана даромада истодааст.

«тӯйи дастҳалолкунӣ» ё «хатнасур» меноманд. Байни мардум бошад, чуноне сокини деҳаи Ғарғара Ҳ. Юсупов (с.т. 1959) ахбор дод: «Дасти бачама ҳалол мекунум» мегӯянд [258].

Аз рӯи маъхазҳои таърихӣ хатна кардани писар аз давраҳои оғози исломро қабул кардани мардуми Хатлонзамин [43, с.136-139] то ин замон дар минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла дар Данғара гузаронида мешавад. «Нависандаи машҳури тоҷик Садриддин Айни аз суханони эмоми машҳуре гуфтааст: «Ҳангоми маросими хатнаи Эмом Ҳасан ва Эмом Ҳусейн дар хонаи Ҳазрати Пайғомбар (с) пул набуд. Пайғомбари бузург либоси худ ва чодари занашро ба яҳудие ба гарав монда, аз ӯ пул мегирад ва онро ба хатнасури набеpагонаш сарф менамояд» [109, с.90]. Ин рафтори Пайғомбар минбаъд барои тамоми мусулмонон ибрат мегардад.

Ҳангоми пажӯҳиш муайян гашт, ки анъанаҳо оид ба хатнасур дар минтақаи Кӯлоб бо Қаротегину Дарвоз монанданд [109, с.91]. Рафти тӯйи хатна аз дигар тӯйҳо кам фарқ мекунад. Чун дар дигар тӯйҳо хешу табор ва шахсони қадрдону наздик ба тӯй даъват мешаванд. Ба ҳамсояҳо дар нисфирӯзи зиёфат дода мешавад. Меҳмонон ба «шаҳбачаҳо»[1] тухфаҳо, аз қабили сару либос ва ҳаргуна бозичаҳои нисбатан қимат инъом мекунанд. Одамони пулдор ё касоне, ки дертар писардор мешаванд, баъзан дар хатнасури писараш мусобиқаи «бузкашӣ», ё гӯштини миллӣ мегузаронанд [31, с.92]. Чунин тӯйҳо бештар дар рӯзҳои наврӯзӣ гузаронда мешаванд.

Мо муайян кардем, ки баъди гузарондани маъракаи хатнасур писарро гоҳе дарҳол, гоҳо дертар, ҳатто баъди сол «хатна» мекунанд.

Дар ноҳия барои ин кор дар ҳама давр якчанд устоҳои «чӯкбур»[2] – хатнагар фаъолият мекарданд. Мувофиқи ахбори сокини ноҳия С. Раҳматуллоев (с.т. 1931) солҳои 50 - 80-уми асри XX усто Саттор аз

---

1 Кӯдаконе, ки хатнасур мешаванд дар Данғара "шаҳбача" мегӯянд.
2 Аслан ин ҳунар аҷдодӣ аст, лек баъзеҳо аз рӯи таваҷҷуҳ ба ин касб дар назди ягон усто шогирд истода онро аз худ кардаанд.

шаҳраки Данғара солҳои 80-уми асри XX то соли 2010 Усто Назир аз деҳаи Корез устоҳои машҳури ноҳия буданд» [237].

«Пас аз хатна писарбачаро дар қатори мардҳо ҳисоб мекунанд ва ба қавли мардум *аз дасти ӯ об хурдан ҳалол мегардад*» [121, с.220]. Пас аз *ҳалол кардани дасти кӯдак* хешу табори дар маърака ҳузурдошта ба кӯдак пул инъом мекунанд.

Дар давраи шуравӣ доир намудани маъракаи хатнасур аз тарафи давлат чун як зуҳуроти нодаркору куҳнагашта манъ шуда буд. Аммо мардум онро чун яке аз рукнҳои мусулмонӣ ҳатман мегузаронданд. Ҳатто коркунони ҳизбӣ пинҳонӣ хатна мекарданд.

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ гузарондани хатнасури кӯдак дар байни ҳама мардуми мусулмони Тоҷикистон боз аз нав ба ҳукми анъана даромада, хатнасур ба маъракаи оилавӣ табдил ёфт [158]. Баъзан аз ҷониби ҳукумат тифлони сағир ва аз оилаи камбизоатро дар ҷамоат ва шаҳру ноҳияҳо 20 - 30 - 40... нафарӣ ҷамъ намуда, бепулу тӯй бо гузаронидани маъракаи умумӣ аз тарафи шахсони саховатпеша хатна мекунанд.[1]

**Ҳамин тавр,** вобаста ба таваллуди кӯдак як қатор анъанаҳои маросимӣ дар миёни мардуми Данғара мавҷуд мебошанд. Ҳарчанд қисме аз онҳо хурофотӣ бошанд ҳам, қисми дигарашон манфиатбахшанд. Ин урфу одатҳо аз қадим то ба имрӯз расида, ҳоло ҳам идома доранд. Дигаргуниҳо дар расму русуми тавлиди кӯдак, калон кардани он, хатнаи писарбача ва баргузории тӯйи хатнасур дар тули 70 соли мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ қариб ба амал наомадааст. Дар давраи соиҳбистиқлолӣ низ он анъанаҳо иҷро мешаванд. Он тағйироти ночизе, ки рӯй додаанд, куллан ҷиҳатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ доранд.

1 Аз рӯи мушоҳидаҳо, аз наворҳои телевизионӣ.

## 2.3. Расми азодорӣ

Мардумшинос А. Мардонова дар бобати марг навиштааст: «Марг як ҳодисаи табиӣ бошад ҳам, як умр ҷудо шудан аз фарзандон, падару модар, дӯстон ва хешу табор ниҳоят аламнок аст. Аз ҳамин сабаб марг ва мотам дар давоми асрҳо дар байни халқҳои гуногун як силсила расму оинҳои хоси маросимиро ба вуҷуд овардаанд» [68, с.76].

Ҳангоми суҳбатҳои саҳроӣ бо куҳансолони ноҳия, ки онҳо аз рӯзгори хеш ва дидаву шунидаҳояшон аз падару модаронашон нақл карданд, аз замони шуравӣ то ҳол дар ноҳияи Данғара ба расму русум оид ба марг ками дар кам тағйирот ворид гаштааст. Инро муҳаққиқ М. Раҳимов чунин шарҳ додааст: Расму русум вобаста ба марг ва гӯронидани майит нисбати дигар анъанаҳои мардумӣ қавӣ буда, беҳтар пойбарҷост [176, с.108]. Он тағйироте, ки каму беш ба амал омадаанд, фақат ба ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии мардуми ноҳия вобаста мебошад.

**1.Тайёр намудани майит ба маросими ҷаноза:** Пас аз ҷон додани бемор, агар чашмонаш кушода бошад,[1] мепӯшонанд ва дарҳол манаҳашро бо порчаи матоъи сони сафед, ки ҳама вақт барои чунин ҳолатҳо дар ҳар хонадон нигоҳ медоранд, мебанданд. Чунин урфу одат на танҳо дар Данғара, балки дар тамоми Тоҷикистон дида мешавад [109, с.122]. Сокини деҳаи Боботупхона (с.т. 1940) Б. Шерназаров мегӯяд: «Ин корро асосан муллои болои сари бемор ҳозирбуда ҳамроҳи яке аз хешовандон, ки чунин мусибатро аллакай дидааст, иҷро мекунанд» [256]. Мардумшинос М. Раҳимов дар ин бора навиштааст: «Дар минтақаи Кӯлоб ба беморе, ки «дар бистари марг буд, пешаш муллоро оварданд. Мулло беморро ба пушт хобонда, аз таги сараш бистарҳои изофаро гирифта наздаш нишаст ва аз Қуръон сураи «Ёсин» - ро хонд. Ӯ сурароро баланду тез хонд, то ки бемор бе ҷафо кашидан бимирад [176, с.109].

Баъд аз «ҷон додан»-и бемор ба ҳеҷ кас гиря карданро иҷозат надода, ҳамаро аз ҳуҷрае, ки майит «хоб» аст, берун мекунанд. Се нафар

---

1 Вақте ки чашмони майит кушода аст, мегӯянд ки чашмони ӯ "роҳ мепояд". Агар ягон шахси наздики ӯ дар роҳи дур бошад, гӯё роҳи омадани ӯро интизор аст.

аз хешу табори наздик,[1] ки дар чунин корҳо таҷриба доранд, бадани ӯро аз назар мегузаронанд [254].

Пойҳои майитро ба қадаш ҳамвор намуда, ангӯштони калони пойи ӯро бо ҳам мебанданд [162, с.50]. Агар зан фавтида бошад, «рӯйи ӯро бо порчаи матоъ мепӯшонанд» [65, с.78] мардҳои бегона барои рӯйи ӯро дидан дигар ҳақ надоранд. Шавҳари зани мурда баъди маргаш ба ӯ бегона («холис» ё номаҳрам) мегардад. Ва бинобар ин ӯ ҳам рӯйи мурдаро бояд набинад [176, с.112]. Агар зан дар даст дастпона, ё дар гӯш гӯшвора дошта бошад, онҳоро бадар мекунанд [109, с.117-120]. Мӯйҳои бофтаи сарашро мекушоянд. Танашро тоза намуда, дастонашро ҳамвор болои шикамаш мегузоранд ва болояшро бо матоъҳои нав мепӯшонанд.[2]

Сокини ноҳия Раҷабова Моҳлиқоб мегӯяд: Болои шиками майит барои баланд нагаштан ашёҳои гуногун аз қабили: *сангча, кулух, корд;* барои бӯйи хуб кардан *тухми ҳулба, раҳён, гули садбарг, сияҳдона* мегузоранд *[238];* агар ҷавон дар фасли баҳор бимирад, чӣ хеле мардумшинос Б. Кармишева навиштааст, гулҳои табиии *сияҳгӯш, таѓорашиканак, маҳсар,* онҳоро *«гули охират»* гуфта, барои *«савобият доштан»* мегузоранд [151, с.145].

Агар дар дастони зан ҳина бастагӣ бошад, ё дар бадани мард холкӯбӣ (тату) бошад, чӣ хеле сокини ноҳия Б. Шерназаров [256] мегӯяд, он хуб нест, аммо дар тоза кардани он илоҷе намекунанд.

Мардумшинос З. Юсуфбекова навиштааст: “Баъзан агар майит духтар ё арӯси ҷавон бошад, сару либос ва зебу зинати занонаи ӯро тахт мечинанд, то ки «ормон наравад» [199, с.11], ки ин расм дар байни мардуми Данѓара низ дида мешавад.

Минбаъд вақте дар бораи ӯ (майит) сухан гуфтанӣ шаванд, пеш аз номаш ӯро «раҳматӣ» ё «худораҳматӣ» мегӯянд.[3]

---

1 Аслан фарзандон ва як хеше, ки дар чунин корҳо маҳорат дорад. Агар майит зан бошад, хеши зан ва агар мард бошад, хеши мард таъин мешавад.
2 Аз рӯйи талаботи шариати ислом фақат дар ҳолати дидани занҳои ба ҷанозаомада ва шахсони маҳрам рӯяшро муваққатан мекушоянд.
3 Дар ҳаққи шахсони хуб боз меафзоянд: “Худораҳматиро ҷояш ҷаннат бошад”

**2.Намудҳои анъанавии нишон додани мусибат:** Ҳама аҳли хонадон болои сари майит гиря карда, сифатҳои хуби майитро пеши рӯ меоранд [227]. Муҳаққиқ М. Раҳимов навиштааст, ки дар митақаи Кӯлоб хешони наздики майит ормонҳои худро ба воситаи гиря ба шахсони ба ҷанозаомада баён мекунанд.

*Эй ёри азиз хъш барги беде гаштӣ,*
*Дар рӯзи баҳор хъш ноумеде гаштӣ.*
*Дар рӯзи баҳор гълҳо шукуфт, ѓура гирифт.*
*Ҳайфи ѓураи ёрум ба хок хона гирифт...*

*Дар кӯи хиромон касе мир нашуд,*
*Дар мурдани одамӣ замин сер нашуд.*
*Кас нест, ки хабар барад ба устози аҷал,*
*Ай дасти аҷал ҳеҷ ҷавон пир нашид...*

додар-е, додар-е [176, с.113]. Бояд қайд кард, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ бо шеър баён кардани мусибат ками дар кам ба назар мерасад.

Солҳои пеш ба қад *ҳуй кардан* (кушодан) - и мӯй чун нишонаи азо, пора кардани либос, рӯйканию мӯйкании занҳо дар болои майит ҷой дошт [109, с.123]. Атрофи майит чак - чакзанон ин тарафу он тараф қадам задан, рӯймолчаеро дар даст гирифта, аз нуги пой то тори сари майит онро расонда - расонда гиряю зорӣ кардани хешони наздик расм буд [109, с.124].

Дар баъзе мавридҳо қуръонхонӣ ё *марсияхонию мадҳияхонӣ* мекунанд.[1] Ғайри хешовандон баъзе занҳои ѓайр низ, ки чунин мусибатро аз сар гузарондаанд, дар баробари хешони наздики майит гириста, «ѓуссаҳои дилашон» - ро холӣ мекунанд.

Солҳои 30-юм – 80-уми асри XX болои сари майит (махсусан агар он ҷавон мешуд) мӯйҳоро кандан, рӯйро бо нохун харошидани занҳо ҷой

1 Дар давраи шуравӣ ин корро баъзан кампирон иҷро мекарданд, ҳоло бошад занҳои миёнасол ба иҷро мерасонанд.

дошт [109, с.123]. Ин корро махсусан модар ё апаю хоҳарони майит мекарданд.

Мувофиқи пажӯҳиши мо дар давраи соҳибистиқлолӣ ин амалҳо кам мушоҳида мешаванд. Инро *бархилофи талаботи шариати ислом* шуморида, *«бо худо ҷанг мекунанд»* мегӯянд [68, с.86]. «Ҳатто модароне ҳастанд, ки дар чунин рӯзи сахти ба сараш омада, дар миёнаш рӯймоли мардонаро баста, кӯшиш мекунад, ки мусибаташро ба дигарон кам нишон диҳад» [249]. Аммо, солҳои охир занҳое, ки хешованди хона нестанду *марсияхони (нолакуни)-ро* пешаи худ кардаанд [109, с.125], дар баъзе ҷанозаҳо иштирок мекунанд. Онҳо чӣ хеле мардумшинос М. Рахимов қайд кардааст: «Овози хуб дошта сурудҳои зиёде вобаста ба маргро медонанд» [176, с.112]. Чунин марсияхониро дар деҳаҳои ҷудогонаи водии Ҳисор солҳои пеш *ҳофизӣ, гӯяндагӣ, нолакунӣ, гардангирӣ* мегуфтанд [68, с.86]. Баъди ҷаноза соҳибони мурда онҳоро «розӣ» карда, як миқдор пул медиҳанд.

**3.Тариқаи ғусли майит:** мурда аз рӯи анъана ва талаботи динӣ - бенамоз дониста мешавад ва барои намозӣ кардан онро *ғусл* – мешӯянд [109, с.129]. Шустани майит барои ҳар фарди мусулмон фарз аст.[1] Сокини ноҳия Ҳ. Юсупов мегӯяд: «Ҳар инсон дар ҳаёташ бояд на кам аз се майитро ғусл намояд. Ҳангоми шустани майит овоз андохта гиря кардан ва ё дар ҳаққи майит баланд оёт хондан манъ аст» [258].

Ҳангоми пажӯҳиши ин бахш муайян гардид, ки дар ин маросим панҷ нафар [25] аз хешу табор (яке фарзанд) иштирок мекунад. Онҳоро ғассол [79, с.470] ва байни мардум «мурдашӯ» мегӯянд [107, с.181]. Яке дар деги калон об гарм намуда,[2] бо сатил об медиҳаду чор нафари дигар ба шустани майит - «ғусл - намозӣ кардан» сару кор мегиранд.

---

1 Ин дар байни мардуми тоҷик қарзи инсонӣ дониста мешавад. Мувофиқи гуфтаҳоҳои мардум он ҷое, ки мурдашӯёни касбӣ (шаҳрҳои калон дар назар аст) вуҷӯд надоранд, хоҳ мард ё зани дар балоғат буда, бояд ин корро на кам аз се мартиба ба сомон расонад.

2 Аслан гарм кардани об хислати рамзиро дорад. Таги дег каме хасро дар мегиронанд. Он зуд аланга гирифта, тез хомӯш мегардад. Новобаста аз гарм шудан,

Обрез обро аз офтобаи сафолӣ[1] ба бадани майит, ки болои «тахтаи мурдашу» [176, с.115] гузошта шудааст, мерезад. Шахси дигар (асосан фарзанд ё шахси калонсоли пуртаҷриба) ба дасташ «халтача-дастак»[2] аз сони сафед печонида, ба шустан шуруъ мекунад. Дар вақти шустан як маротиба «Нияти ғусли майит» [79, с.470]-ро мехонанд. Дар ин лаҳза майит бояд ба пушт хобонида шуда, болои шармгоҳаш бо «сирпӯш» (пораи матоъ) пӯшонда шуда бошад. Баъди ин кор шӯянда латтаи дасташро бо нав иваз намуда, майитро таҳорат мекунонад (бидуни об гардондани даҳону бинӣ). Аввал рӯй, сипас дастҳоро то оринҷ, баъд сарро масҳ карда, пасон пойҳояшро то буҷулак мешӯянд. Баъд аз ин майитро ба тарафи чап гардонда, тарафи росташро ва сипас, ба тарафи рост хобонида тарафи чапашро се бор об рехта мешӯянд. Чӣ хеле мардумшинос М. Раҳимов қайд кардааст, дар аксари минтақаҳои Тоҷикистон чунин аст [176, с.115]. Баъди тамом кардани маросими ғусл тани майитро бо «обчин» (пораи сони сафед) аз об *қоқ* (пок) мекунанд.

Занро занҳое, ки аз тарафи зани калони хона (мома, модар) таъин мешаванд, мешӯянд [176, с.115]. Дар Данғара майитро фарқ аз баъзе минтақаҳои Тоҷикистон [108, с.128] як бор мешӯянд. Агар мурда шаб монад, онро пагоҳ-рӯзи дигар мешӯянд. Чунин мешуморанд, ки агар «мурдаро дарҳол шӯянд, шаб ба наздаш малоикаҳои пурсанда Мункар ва Накир омада, ӯро пурсупорс мекунанд» [176, с.116].

Баъди шустан ашёҳое, ки ҳангоми ғусли майит истифода гаштааст, чун дар дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб «*пурӯ* (сарозер) мегузоранд» [176, с.115].

Чуноне ки сокини ноҳия М. Тоқсанов (с.т. 1957) дар ин бора иброз кард: «Оби ғусли майитро дар як ҷойи тоза, дуртар аз хонаи истиқоматӣ

---

баъди хомӯш гаштани оташ обро истифода мебаранд. Дар фасли зимистон онро албатта гарм мекунанд.

1 Офтобаро пеш аз марги майит, ҳангоми бемор буданаш дастрас намуда, дар хона “нав” нигоҳ медоранд. Баъзе пирон дар зинда буданашон ҷиҳози барои шустан лозимро бо хости худ харидорӣ намуда, дар сандуқ нигоҳ дошта, дар ин бора ягон наздикашонро огоҳ мекунад. Шахсони бефарзанд низ бо умеди касе нашуда, ин корро пешакӣ иҷро мекунанд.

2 Чунин дастакҳоро ҳангоми пора кардани кафан пешакӣ тайёр мекунанд.

дар кунҷи ҳавлӣ мерезанд. Ҷое, ки майит шуста мешавад, онро минбаъд «лаҳад» мегӯянд. Гаштугузор кардан дар болои лаҳад *убол* (гуноҳ) дониста мешавад» [243]. Барои ҳамин солҳои пеш дар Данғара болои лаҳадро мепӯшонданд. Дар Кӯлоб бошад, фарқ аз Данғара «болои лаҳад хокистар мерезанд» [176, с.115]. Баъзеҳо се шаби аввал дар боли лаҳад *далел*[1] мегиронданд, ки дар бораи он муҳаққиқ М. Раҳимов чунин навиштааст: «Далелро барои он дар мегиронанд, ки гӯё ба мурда дар он дунё равшанӣ мекунад» [176, с.115]. Ҳангоми таҳқиқот муайян кардем, ки ин боварҳо дар байни мардуми Данғара низ ҷой доранд.

**4.Кафан кардан.** Дар натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ маълум шуд, ки кафанро се қисм тайёр мекунанд. Якум болопӯш, дуюм эзор, сеюм курта» [53, с.39]. Кафанро аз матои сафед (сон) омода мекунанд. Порчаҳои кафанро ба андозаи ҷасади майит муайян карда, «онро на бо қайчӣ балки бо даст пора мекунанд» [68, с.78]. Кафанро қадре мегиранд, ки майит дар он озод печонида шавад. Аз матое, ки кафан тайёр мекунанд, барои шӯяндаҳои майит: пешбанд ва дастбандак (дастак) низ пора мекунанд, ки дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон чунин аст [31, с.189]. «Ҳангоми духтани кафан *тевона* (сӯзани калон) - ро истифода намуда, охири риштаро гиреҳ намекунанд» [68, с.79].

Кӯдаконе, ки ба балоғат нарасидаанд: «Барои писар ду чодар ва барои духтар кӯрта ва ду чодар пора мекунанд» [55, с.39]. Сокини ноҳия Н. Каримов мегӯяд: «Аз рӯи *гуфтаи шариат* шахсоне, ки шаҳид мешаванд, бо сару либоси дар тан будааш ба қабр мемонанд» [223].

**5.Тайёрии аҳли маҳал ё гузар ба маросими ҷаноза:** Чуноне аз суҳбати раиси маҳалла Н. Каримов маълумамон гашт: «Вақте нафаре дар деҳа, гузар ё маҳалла мемирад, дарҳол бо роҳбарии раиси маҳалла, мулло ё шахси муътабаре аз аҳли он ҷо ҳамсояҳои наздикро ҷамъ намуда, ба ҳар кас мувофиқи лаёқату талошаш супориш медиҳанд, то ки ҷанозаи ҳамсояаш баобрӯ гузаронида шавад. Чунки дар гузаре, ки ҷаноза бо як тартибу низоми муайян гузаронида намешавад, байни

---

1 Чӯбчаи сараш пахтаи дар равған таркардашуда. Онро зани хона омода месозад.

мардум «гузари нообод» мегӯянд, ки ин таъна ба бошандагони гузар меафтад» [223]. Раиси маҳала ё муллои гузар гурӯҳеро барои кандани қабр сафарбар мекунанд.[1] Гурӯҳи дигар ҷанозагоҳ, гирду атроф ва роҳро тоза мекунанд.[2]

Баъди фавтидани шахс бо маслиҳати мулло, эшон, раиси маҳалла вақт ва ҷойи ҷаноза муайян шуда, иҷозати ба ҷаноза хабар кардани ҷанозахонҳо (ҷанозагарон) дода мешавад.

«Агар майит дар қисмати аввали рӯз фавтида бошад, баъди намози аср то шом ҷаноза карда мешавад. Агар дар қисмати дуюми рӯз наздик ба намози аср фавтида бошад, дар нимаи аввали рӯзи дигар то расидани намози пешин ҷаноза карда мешавад. Шахсе, ки дар рӯзи панҷшанбе ё нимаи аввали рӯзи ҷумъа фавтида бошад, кӯшиш карда мешавад, ки марҳумро дар масҷиди ҷомеи ноҳия баъди намози ҷумъа *пешнамоз* кунанд.[3] Дар минтақаи Кӯлоб ҳангоми баромад ва ғуруби офтоб гӯрондани майитро аз рӯи оини ислом дуруст намешуморанд [173, с.95]. Аммо, гоҳе чуноне ки раиси маҳаллаи №8-и ноҳия Н. Каримов гуфт: «Фавқулода баъди намози шом майитро мегӯронанд» [223].

Аз рӯи мушоҳидаҳо ба ҷаноза аҳли масҷидҳои калон, деҳаҳо ё дигар ноҳияе, ки хешу табори марҳум зиндагӣ мекунанд, тариқи телефонӣ хабар дода мешаванд. Ин кор дар замони шуравӣ ба воситаи фиристодани касе иҷро гашта, майит 1 шабонарӯз то омадани хешу табор нигоҳ дошта, «*мурда меҳмон карда* мешуд» [109, с.156].

Аз орду намак ва чорвое, ки пеш аз марг ба хонаи ҳамсоя бурда шуда буд, дар хонаи яке аз ҳамсояҳои наздик барои ҷанозахонҳои аз

---

1 Солҳои охир дар деҳаҳои ба қабристон наздик қабрканҳои касбӣ пайдо шудаанд, ки аз хизмати онҳо сокинони шаҳраки Данғара низ истифода мекунанд.

2 Агар мурдадор шахси камбизоат бошад, ҳамеша хайрхоҳе ёфт мегардад, ки ҷиҳати харҷу марҷи (иқтисодии) ин корҳоро ба гардан гирад. Дар вақти ҷаноза иҷрои ин корҳо савоб дониста мешавад.

3 Рӯзи ҷумъа барои фарди мусулмон "саиди рӯзҳо" шуморида мешавад. Чунин мешуморанд, ки агар муъминро дар рӯзи ҷумъа пешнамоз карда, ба хок супоранд, малоикаҳо Мункару Накир дар вақти пурсиш бандаро азоб намедиҳанд.

роҳи дур омада, ғизо омода мекунанд.[1] Ин усулро «сартахтагӣ», яъне ғизое, ки аз хонаи мурдадор мебарояд, мегӯянд. Ин анъана фақат хоси Данғара набуда, дар тамоми Тоҷикистон бо каме тағйирот вобаста ба маҳал иҷро мегардад.

**6.Маросими ҷаноза:** Маъракаи муҳим буда, дар он гурӯҳи калони одамон аз байни хешу табори майит, дӯстони хонавода, шиносҳо, ҳамсояҳо ва мӯйсафедон аз деҳаҳои гирду атроф иштирок мекунанд.

Дар ҷанозаи мусулмон иштирок карданро мардум кори «савоб» мешуморанд. Нисбати маъракаҳои тӯйу сур ҳангоми шунидани маъракаи ҷаноза мардум (махсусан мӯйсафедон) онро қарзи инсонии худ шуморида, кӯшиш мекунанд, ки дар он ҳатман иштирок намоянд.[2]

То солҳои 2000-ум мурдаро як шаб нигоҳ медоштанд. Пеши мурда якчанд нафар то рӯз менишастанд.[3] Алҳол, агар майит баъди намози аср бимирад, шаб нигоҳ медоранд вагарна то намози асри ҳамон рӯз мегӯронанд.

Рӯзи ҷаноза, вақте ки занҳо болои сари майит мегирянд, мардҳои хонадони мусибатзада либоси суннатӣ ба бар карда[4], назди дарвозаи хона меистанд. Мардуме, ки ба ҷаноза меоянд, ҳангоми вохӯрӣ ба онҳо ҳамдардӣ баён мекунанд.

Аз рӯи мушоҳидаҳо ҷанозахонҳое, ки аз роҳи дур меоянд,[5] бо роҳбарии раисони маҳалла дар хонаҳои ҳамсояҳои наздик шинонда мешаванд.

**7. Маъракаи дуокунӣ (сафедипартоӣ).** Ҳангоми суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо куҳансолони ноҳия муайян кардем: аз ибтидои солҳои 20-30-юми асри

---

1 Солҳои охир аслан ғизоро ҳамсояҳое, ки дар хонаашон ҷанозахонҳо шинонда шудаанд, аз ҳисоби худ омода мекунанд.

2 Аз рӯи пурсиши саҳроӣ дар байни мардуми ноҳия.

3 Назди мурда танҳо хоб карданро ҷоиз намедонистанд. Чунин мешуморанд, ки мурда "сиёҳию торикӣ" дорад.

4 Аксар ба тан ҷома пӯшида миёнро бо рӯймол мебананд ва ба сар тоқӣ ё арақчин (ҳатман сари пӯшида) мемонанд.

5 Дар давраи шуравӣ шахсоне, ки дар деҳот мезистанд, ҳангоми ҷаноза маъмурияти совхозу колхозҳо кумак мекарданд. Барои хабар кардани хешу табор аз ноҳияҳои ҳамсоя ва овардани онҳо нақлиёт ҷудо карда мешуд.

XX то давраи соиҳбистиқлолӣ дар маросими дафни майит «сафедӣ» партофтан аз ҳисоби иштирокчиён дар рӯзи дафн ва «иртиш» додан ба ҷанозахонҳо - «обрӯ кардани ҷанозаи майит»[1] аз тарфи соҳибони майит ҷой доштааст. Миқдори сафедӣ партофтану иртиш додан ба давру замон ва ҳаёти иқтисодию-иҷтимоии мардум алоқа дошт. Масалан: то давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945 «як тоқивор» пораи матоъ медоданд [234]. Солҳои аввали баъди ҶБВ ба мардуми одӣ як қуттӣ гӯгирд ва ба муллою эшон ва шахсони боҳурмат як «ҷумалоқ» (қуттӣ) чой иртиш медоданд [253]. Дар солҳои 70-90-уми асри XX, ки ҳаёти иҷтимоии мардум то ҳадде боло рафта буд, иштирокчиёни маросим ба ҷаноза пораи матоъ[2] *сафедӣ мепартофтанд.* Аз тарафи ҷанозадор бошад, он пораҳои матоъро бо илова намудан, ба ҷанозахонҳо «иртиш» [108, с.139] ё табаррукӣ (агар майит шахси солдида бошад) – гуфта, тақсим мекарданд. Мардумшинос А. С. Андреев навиштааст: «Матоъ (иртиш)-ро пас аз ҷаноза дар мурии оғил ё шохи дарахт то 3 рӯз нигоҳ дошта, баъд онро ба сандуқ ҷой мекарданд» [108, с.102]. Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки алҳол дар байни мардумони Данғара чунин одат вуҷуд надорад.

**8.Даврагардонӣ:** Оид ба ин бахш муайян сохтем, ки вақте мурдаро ба «об мегиранд», муллоҳо маросими даврагардониро оғоз мекунанд. «Мақсад аз гузаронидани ин маросим «харидани гуноҳҳои майит» мебошад» [141, с.58-64]. Даврагардониро дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон: «исқотбарорӣ», «солбарорӣ», «солпурсӣ», «таҳлил» ва ғайра мегӯянд. Ин анъана аз рӯи шариат «фитя» ном гирифта мешавад [68, с.98]. Солҳои пеш даврагрдонӣ дар ҷануби Тоҷикистон гуногунранг гузаронида мешуд [141, с.58-64]. Муҳаққиқ Р. Абдулвоҳидов навиштааст:

1 Ҷанозае, ки дар он тамоми анъаноти мардумӣ аз тарафи фарзандон иҷро мегардад, аз нигоҳи мардум бообрӯ қабул мегардад, вагарна не. Ҷанозаи фақир ва бефарзанд аз нигоҳи мардум ҷойи баҳс надорад, баръакс дилсӯзӣ зоҳир гашта, аз тарафи ҳамсояҳо ва саховатпешагон кушиш ба харҷ мешавад, ки он баобрӯ гузарад. Дар давраи шуравӣ маъмурияти колхозу совхозҳо низ худро дар чунин ҳолатҳо бетараф намегузоштанд.

2 3 - 5 ё 7 метр, миқдораш тоқ.

«Дар деҳаи Ғиҷовак ва ҳамчунин, дар ноҳияҳои бо Данғара ҳамҷавор: Норак, Кӯлоб, Ёвон ва Файзобод дар даврагардони аспро, ки болои он либосҳои мурда гузошта мешуд, истифода мебурданд» [134, с.127], ба ин монанд суханҳо дар асари мардумшинос Н. Бобоева низ омадааст [141, с.59], ки алҳол - дар давраи соиҳбистиқлолӣ дида намешавад.

Ҳангоми даврагардонӣ донаҳои бешумори гандумро, ки *муъҷизаи биҳишт шуморида мешавад,* истифода мекунанд.

Мувофиқи навиштаи мардумшинос М. Раҳимов: «Солҳои пеш дар минтақаи Кӯлоб дони ҷаву арзан ва баъзан донаи зағирро низ истифода мекарданд» [176, с.116], ки ин дар Данғара низ ҷой дошт.

Ҳама «сафедиҳо»-и дар ҷаноза ҷамъшударо назди мулло мегузоранд. Мулло дасташро болои табақи гандум нигоҳ дошта, бо хоҳиши ӯ яке аз хешони наздики майит (пеш аз ҳама писар) болои он сафедиҳо аз ҳисоби худ микдори муайяни пул мегузорад ва аз тарафи дигари табақ дасташро мегузорад.

Мулло аз ӯ мепурсад:

- Ту ҳамин чизҳоро ба ман бахшидӣ»?

Хеш ҷавоб медиҳад:

- Ман қабул кардам ва ба шумо бахшидам.

Баъди ин мулло бо кумаки хешон мулчари майитро ёфта, синну соли ӯро аз рӯйи солшумории қамарӣ муайян мекунад. Ва агар майит фарз кардем, мард бошаду 40 соли қамарӣ умр дошта бошад, аз он 12 соли бегуноҳияшро тарҳ намуда, 28 маротиба мулло дасташро болои табақи гандум гузошта чунин мегӯяд:

*«Дар фитяи савму салоти яксолаи мутаваффои мазкур, ҳамин ашёро ба шумо бахшидам»* ва хеш дар навбати худ 28 маротиба баъди пурсиши мулло *«ман қабул кардам ва ба шумо бахшидам»* мегӯяд [176, с.118]. Солҳои пеш дони истифодагаштаро ба парандаҳо, сағирҳо ё ба «мустаҳиқ» дода, бо анҷоми ин маросим гӯё сиёҳию торикӣ, ғаму ғусса ва вазнинию ғам аз сар берун мегашт [68, с.100].

**9. Кандани қабр.** Ҳангоми суҳбати рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия муайян кардем, ки қабрро дар қаламрави ноҳияи Данғара инчунин: «гӯр», «сари хок», «манзил», «лаҳад», «манзили охирад», «хонаи қиёмат» ва дар маҷмуъ: гӯристон, қабристон, мазор (расмҳои 2.4 ва 2.5) ном мегиранд.

«Дар байни тоҷикон, асосан ду навъи гӯр маъмул буд. Гӯри ширдондор-лаҳадак (духонагӣ: пешайвон ва ширдон) ва гӯри ҷармагӣ (якхонагӣ) [109, с.142]. Қабри якхонагиро дар баъзе ноҳияҳо «гури ҷармагӣ» (водии Ҳисор), «гӯри ҷарма» (Қаротегин), «гӯри чӯбӣ» (Варзоб), «гӯри тахтагӣ» (Файзобод), «гӯри расмӣ» (Ғарм ҳоло: Рашт), «гӯри одӣ» (Кӯлоб), «гӯри чокак» (Ҷиргатол ҳоло: Лахш) ва ғайра меноманд [91, с.29].

Ҳангоми пажӯҳиш муайян гашт, ки қабри ҷармагӣ бештар дар кӯҳистон, дар ҷойҳое, ки заминаш сахту сангдор аст, маъмул мебошад. Мисол: дар Сари Хосори ноҳияи Балҷувон, ки пешомадони қисме аз сокинони ноҳия Данғара аз он ҷо мебошанд, дар чунин қабрҳо гӯронида мешаванд. Сокини ноҳия Т. Пиров мегӯяд: «Барои қабрҳои ҷармагӣ дар аксари хонаҳо чӯбҳои болои қабр пешакӣ тайёр карда шуда, барои рӯзи «мабодо»[1] нигоҳ дошта мешавад» [234].

Дар ноҳияи Данғара, мазорҳо дар теппаҳои хокдори бесанг ҷой дода шудааст, бинобар ин баръакси минтақаҳои кӯҳсори ҷумҳурӣ қабрҳоро «лаҳаддор» [108, с.143] мекананд.

Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ: солҳои охир ташкили кандани қабр ба зиммаи раисони деҳа ва маҳаллаи ба мазор наздиктарин вогузор шудааст. Баъди муроҷиати мурдадор раиси маҳалла якчанд касро аз деҳа вобаста карда, худ назорат мебарад ва ҳангоми анҷоми кор ӯ мурдадорро ба воситаи гӯшакӣ (телефон) дар ин бора огоҳ месозад.

---

1 Рӯзи мурдан дар назар аст. Мурдан барои ҳар фарди мусулмон қарз дар пеши Худост ва ҳар кас мурданро ҳақ шуморида, тайёрӣ диданашро бо чунин амал ҳақ мешуморанд.

Аз рӯйи маълумоти сокини ноҳия Н. Каримов: «Дар ҳама қисматҳои ноҳияи Данғара андозаи майитро ба назар гирифта,[1] аз он дароз ва васеътар, тахмин: 2 метр дарозӣ, 1,2 – 1,5 метр бар ва 1,8 метр чуқурӣ долон[2] канда,[3] сипас рӯ ба сӯи қибла (офтобнишин) лаҳад мекананд [31, с.189]. Даҳони лаҳад бояд ба андозае бошад, ки як нафар озод ба он даромада тавонад. Дарозии қабрро аз қади майит ду ваҷаб дароз мекананд. Бари лаҳад бояд, ба андозаи ду оринҷи даст, ки пеши бар мегиранд баробар бошад (тахмин 1 метр). Лаҳад [111, с.7] аз андозаи марде, ки даруни он менишинад каме баландтар канда мешавад.[4] Қабр бояд чуноне канда шавад, ки дасти рости майит ба сӯйи қибла ояд» [223].

Мардумшинос М.С. Андреев навиштааст: «Қабри зан нисбати мард бо андозаи баландии як қисмати поёни бел чуқуртар канда мешавад» [31, с.189], ки аз рӯи пажӯҳиши мо дар Данғара низ чунин аст.

**10.Омода намудани мурда барои маъракаи ҷаноза.** Муҳаққиқ М. Раҳимов қайд кардааст: «Дар байни тоҷикони ноҳияи Данғара солҳои пеш чунин анъанае вуҷуд дошт, ки барои ҳар мурда тобути нав бисозанд ва онро баъд аз гӯрондани майит болои қабр гузоранд [176, с.122]. Мо муайян кардем, ки солҳои пеш ин одат дар байни дигар сокинони ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб низ дида мешуд.

Тобутро дар Файзобод «сароҷа», «товут», «арова» мегӯянд [187, с.65], дар Данғара бошад, «Онро тобут ё *чӯви мазор* меноманд» [176, с.122].

Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки баъди майитро шустану кафан пӯшондан онро болои тобут гузошта,[5] болояшро ҳар гуна матоъҳои

---

1 Бо навдаи аз барг тоза кардаи бед қади майитро андоза мегиранд.

2 Онро ҳамчунин “айвон”, “пештоқ”, ё “хонаи рӯ” мегӯянд.

3 Аз рӯи шариат мардро то андозаи китф ва занро то ба ба патаки гӯш мекананд.

4 Тибқи ақидаҳои динӣ, пас аз дафн ва гӯристонро тарк кардани одамон (вақте ки шахси охирин ҳафт қадам аз гӯристон берун шуд) малоикаҳои пурсанда ба қабр ҳозир мешаванд ва шахси мурда аз ҷояш хеста менишинад ва ба саволҳои пурсанда ҷавоб медиҳад.

5 Дар давраи шуравӣ тобутро аз тахта ё навдаи ғафси бед барои ҳар майит алоҳида месохтанд. Баъди гӯрондан болои қабр мегузоштанд, ё вайрон карда навдаҳоро болои қабр рост мехалонданд, то ки он сабз шавад. Ба хона овардани тобут роиҷ

рангаи гулдор партофта, аз дохили хона ба воситаи дар [161, с.95-102] ба ҳавлӣ мебароранд [108, с.136-138]. Дар вақти баровардан аз хона қисмати сарро пеш гирифта, дар погаҳи дар се бор гузошта мебардоранд [108, с.139] ва баъд ба ҳавлӣ баровардa, болои «тахт» мегузоранд. Рӯйи майитро охирин маротиба мекушоянд, то ки бо ӯ видоъ кунанд. Ҳамаи наздикони майит гирди он ҷамъ омада, гиря ва дар ҳаққи майит ормониҳои худро мегӯянд. Ин амал тахминан 10-15 дақиқа давом мекунад. Агар майит падару модар дошта бошад, онҳо ӯро охирин маротиба мебӯсанд. Инро видоъи охирин - «хушпиҳилӣ» мегӯянд [68, с.112]. Сокини ноҳия А. Холматов дар ин бора мегӯяд: «Агар майит духтари ба балоғат расида бошад, падар фақат аз пешонааш мебӯсад. Аз ду бари рӯй иҷозати бӯсидан надорад. Бародарон низ ҳамчунин» [245].

Майити кафанпӯшондаро дар тобут гаҳвора карда,[1] аз болояш чодар, мекашанд. Чунин тобутро дар Данғара «гаҳвораи ноз» мегӯянд, ки дар тамоми минтақаи Кӯлоб ва ноҳияи Дарвоз низ дида мешавад [182, с.251].

**11.Бурдани тобут, маъракаи намози ҷаноза.** Аз рӯи мушоҳидаҳо: баъд аз дарвозаи хона баровардани тобут шахсе, ки дар рафти ҷаноза роҳбарӣ мекунад,[2] «салоти ҷанозаи муъмин дарёб !» – гуфта, мардумро ба намози ҷаноза даъват карда, тобутро болои даст ба ҷанозагоҳ мебаранд.[3]

---

набуд. Гӯё бадбахтӣ меовард. Алҳол, дар назди ҳар масҷид тобут ва олоте, ки дар он майитро мешӯянд, аз тарафи устоҳои маҳаллӣ барои истифодаи умум сохта, нигоҳ дошта мешавад.

1 Дар давраи шуравӣ аз навдаҳои борики тут ё бед болои тобутро ниммудаввару болояш аз матоъи гулдори ранга чодар мекашиданд ва даври онро бо пораҳои сони сафед мебастанд. Дар давраи соиҳбистиқлолӣ чӣ хеле дар боло ишора шуд, аз тобутҳои махсуси бисёристифодашавандаи гаҳворадор истифода бурда, болои он низ чодари гулдор кашида мешавад. Баъзе калонсолон ба фарзандонашон васият мекунанд, ки баъди фавт ӯро дар тобути бобогӣ аз навдаи бед сохташуда ба қабристон баранд. Дар чунин ҳолат васияти майит иҷро карда мешавад.

2 Аслан дар ин кор раисони деҳаю маҳаллаҳо роҳбарӣ мекунанд, аммо дар шаҳраки Данғара шахсони воқеӣ низ ҳастанд, ки маҳорати хуби ташкилотчигӣ дошта, дар аксари ҷанозаҳо, бо маслиҳати муллоҳо барои пешбурди маърака даъват мешаванд.

3 Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсӣ

Дар вақти бурдани тобут қисмати сари майитро аз пеш баландтар бардошта мебаранд [31, с.190]. Чунин мешуморанд, ки «одам аввал аз қисми сар ба ҳаёт меояд ва бояд чунин ба хонаи охираташ равад» [207]. Тобутро аввал фарзандон, набераҳо ва хешони наздик мебардоранд. Баъд иваз гашта, ҳар иштирокчии ҷаноза кӯшиш мекунад, ки на камтар аз 7 қадам тобутро бардошта барад.[1]

Кӯдаки навзод ё хурдсолро дар чодаре печонда, якдигарро иваз намуда, як кас болои даст (ҳарду даст аз таг) мебарад.[2]

Дар давраи шуравӣ ҳолатҳое ҷой дошт, ки болои тобути мӯйсафеди аз сад сол зиёд умр дидагӣ дар деҳаи Ғарғара: *табаррукӣ* гуфта, сӯм (рубль) чошида буданд [258]. Чунин рафтор дар байни тоҷикони дигар минтақаҳои Тоҷикистон [109, с.102] ва қавми қарлуқ низ дида мешавад [196, с.164]. Дар ин бора сокини деҳаи Паркамчӣ С. Ҷабборов (с.т.1955) гуфт: «Соли 1963 бобои Султон ном шахс аз деҳаи онҳо ба 101 рафта, болои тобуташ танга *чошида* буданд» [251].

Дар соати муайянгашта ҷанозахонҳо аз хонаҳо хезонда шуда, дар назди масҷид, ё ҷанозагоҳ (гузар, деҳа, маҳалла) ҷамъ меоянд. Пеш аз овардани тобути майит мулло ё эшон, ки дар ноҳия ё маҳал шахсони орифанд, «амри маъруф» карда, дар бораи хислатҳои хуби майит (агар намозхону рӯзадор бошад) сухан гуфта, дар рафти он мардумро аз шариат огоҳ мекунанд. Наздикони майит (писари калон ё бародарон) назди тобут даъват шуда, аз иштирокчиёни ҷаноза пурсида мешавад: *қавмҳо, ҳамсояҳо агар майит аз касе қарздор бошад, қарзашро бо ду нафар шоҳид талаб кунад, агар касеро ранҷонда бошад, бубахшад.* Ин расм фақат хоси Данғара набуда, дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон ва берун аз он дида мешавад [109, с.10].

Пешнамоз (ҷанозахон) эшон – пири қавм, авлод, имом-хатиби масҷиди ҷомеъи ноҳия, мулло ё касеро, ки майит пеш аз маргаш васият

---

1 Ин кор “савоб” дониста мешавад.

2 Бинобар он ки кӯдаки мурдаро ду даст аз так бардошта мебаранд, кӯдаки зиндаро чунин гирифтан роиҷ нест. Онро як даст аз таг, дасти дигар аз боло дошта, “ҳуч” мекунанд.

карда бошад, ҳамон таъин мешавад (аз рӯйи мушоҳидаҳо). Дар ин бора вақти ҷаноза шахсе, ки ба рафти ҷаноза роҳбарӣ мекунад аз фарзандон ва ворисони майит мепурсад.

Сокини деҳаи Кулли Сӯфиён Т. Пиров (с.т. 1927) мегӯяд: «То солҳои 60-уми асри XX муллои пешнамоз болои порчаи карбос истода, ҷанозаро мехонду баъд он пораи карбосро касе мегирифт, ё бурда дар масҷид медоданд» [234].

Баъди хондани салоти ҷаноза майитро ба мошин ва агар мазор наздик бошад, тобуташро *сари даст* гирифта, ба гӯристон мебаранд.

Агар майит шахси табаррук бошад, ба тобут наздик шудан, мушкил мегардад, ки ин дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ ба назар мерасад [48, с.28].

Ҷанозаи тифли хӯрд ё навзодро бо иштироки якчанд ҷанозахон муллои гузар, ё деҳа мегузаронанд, ки ин дар ҳама митақаҳои Тоҷикистон чунин аст [48, с.139].

Мардумшинос М. Раҳимов қайд кардааст ки солҳои пеш «Дар ноҳияи Данғара болои қабри кӯдаки навзод гаҳвораашро мегузоштанд ва аз болои қабр гирифтани он мумкин набуд» [176, с.122]. Ҳангоми суҳбати рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия муайян кардем, ки ин расм дар солҳои пеш вуҷуд дошт, аммо алҳол аз миён рафта. Ҳамчунин, солҳои пеш дар болои қабрҳо гузоштани тобут, шохи ҳайвонҳои ваҳшӣ (расми 2.3) ҷой дошт. Алҳол, гузоштани нишона аз санги мармар ба ҳукми анъана доромадааст.

**12.Ба қабр гузоштани майит.** «Майит агар мард бошад, ӯро ҳар кас, ки сураҳои Қуръонро медонад, метавонад ба қабр гузорад» [66, с.130]. Аммо занро фақат маҳрами гӯр - хеши наздик: дар аввал тағояш, дар набудани тағо писари тағо, дар набудани он фарзанд бояд гузорад» [223]. Агар зан чунин хешҳоро надошта бошад, чуноне мардумшиносон М. С. Андреев ва А. К. Кисляков навиштаанд: «Пеш аз марг ба наздиконаш мегӯяд: «ман фалон касро писархонд ё *додархонди қиёматӣ* гирифтаам, баъди маргам ӯ маро ба гӯр монад» ва мувофиқи васлат ва аҳди карда,

додархон ё писархондаш ӯро ба хок мемонад. Агар ӯ дар зинда буданаш ин корро накарда бошад, ягон иштирокчӣ «ман ба ҷои писараш бошам» - гуфта, ӯро ба қабр мегузорад [31, с.56, 175, 180; 108, с.148]. Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем: Баръакси баъзе минтақаҳои Тоҷикистон дар Данғара дар чунин ҳолат шавҳар гарчанде *номахрам* гашта бошад ҳам, бо иштироки шахси дуюм ин корро ба иҷро мерасонанд. «Шахси дуюм ҳангоми иҷрои ин амал фақат аз кафан дошта, рӯйи ӯро нигоҳ намекунад» [223].

Аз рӯи мушоҳида шахсе, ки барои ба қабр гузоштани майит пешбарӣ мегардад, аввалин шуда ба даруни лаҳад медарояд ва ҳаҷми онро бо назар кардан дуруст шумурда, розигӣ баён мекунад, ки майитро ба қабр даронанд. Ду нафар аз хешовандони наздики майит ба долон мефароянд. Дигарон (агар зан бошад чодар кашида), майитро бо як кафани холӣ аввал пойҳояшро ба долон дароз мекунанд [31, с.200]. Касоне, ки дар долон истодаанд, онро болои даст гирифта, майитро аз тарафи пойҳояш ба даруни лаҳад даровардa, ба шахсе, ки дар даҳони лаҳад аз дарун пойҳояшро паҳн намуда, нимхез истодааст (тағо ё шахси маҳрам), медиҳанд. Он кас майитро аз байни пойҳояш гузаронида[1] бо кӯмаки шахсоне, ки дар долон истодаанд ва бо роҳбарии мулло ба лаҳад хобонда, рӯяшро ба тарафи қибла мегардонад. «Майит бояд дар байни лаҳад хобида, аз поёни по ва болои сар як ваҷабӣ ҷои холӣ монад» [223].

Шахси даруни лаҳадбуда, гиреҳҳои поёни по ва болои сари майитро мекушояд [31, с.191]. Болои сари майит *«Ҷавобнома» ё «Роҳнома»*[2] мегузоранд. Ҳамаи иштирокчиёни дафни майит ба даст 7 дона кулухча ё хок гирифта, ба он ин сураро:

*Минҳо халақнокум ва фиҳо нуъдукум ва минҳо нухриҷукум торатан ухро – таҳо* - хонда пуф мекунанд. Барои касоне, ки ин сураро намедонанд мулло онро такрор мекунад.

---

1 Аз рӯи мушоҳида бо дигар тарз анҷом додани ин кор дар лаҳади танг номумкин аст
2 Онро дар пораи қоғазе навишта, бо навдае болои сараш мегузоранд.

«Кулӯхчаҳоюю хоки дуохондаро шахсе дар лаби челак ё матоъе ҷамъ оварда, онро дар даруни лаҳад мерезанд» [108, с.148-149].

Шахси наздик ё яке аз онҳое, ки қабрро канда буданд, ба долон даромада, даҳони лаҳадро бо чим,[1] хишти лойӣ ё линчаҳои пур аз хок маҳкам мекунад.[2] Сипас хоки бударо ба долон мепартоянд. Дар вақти партофтани хок бо навбат иштирокчиёни маросим якдигарро иваз мекунанд, лекин белро ба дасти якдигар надода, балки ба замин мегузоранд. Чунин одат фақат хоси данғарагиҳо набуда, балки дар байни тамоми тоҷикон дида мешавад [106, с.149]. Баъди хокро пурра болои долони қабр партофтан онро чун теппача ҳамвор мекунанд [109, с.151]. Дар ин вақт мулло ба хондани сураи «Таборак» шуруъ мекунад. Пас аз хондани сура ҳама дасти дуо ба рӯ мебаранд. Баъди ин муллои дуюм сурае аз Қурон мехонад ва муллои якум дуо намуда, сипас ҳама азми рафтан мекунанд. Оқсақоли гузар ё мулло матоъҳои болои майитро баробар ба қабрканҳо тақсим карда, розӣ буданашонро пурсон мешавад.[3] Баъзеҳо дар роҳи ризои худо гуфта, ҳацқи пораи матоъашро ба каси дигар мебахшад.[4]

Баъди гӯрондани майит солҳои пеш «Се шаб болои қабр сураи Қуръон хонда, барои тарсонидани гургҳо *пахолдуд* медоданд» [190, с.241]. Ҳангоми пажӯҳиш муайян гашт, ки дар давраи истиқлолият ин одат аз байн рафта, танҳо се саҳар пагоҳ намояндаи хонадону мулло *сари қабр* рафта, оёте аз Қуръон мехонанд.

**13.Баъзе боварҳо вобаста ба майит.** Баъди майитро гӯрондан ҷанозахонҳо ба хонаи мурдадор омада, боз як бори дигар фотиҳа

---

1 Хоки болои қабр, ки пур аз решаву алаф аст. Чими аввалро дар даҳони лаҳад аз тарафи қибла рӯ ба рӯи майит пеш аз ҳама мегузоранд.
2 Мувофиқи мушоҳидаҳои шахсӣ дар лингча гирифтани хок, баъди пайдо гаштани лингчаҳои арзони селофанӣ ба ҳукми анъана даромадааст.
3 Тибқи қоидаҳои маъмулӣ ва боварҳо, бояд заҳмати гӯрканҳо бе каму кост пардохта шавад. Агар гӯрканҳо аз пул ё матои додаи соҳибони мурда норозӣ бошанд, гӯё арвоҳи мурда нороҳат мешавад.
4 Байни мардум чунин бовар аст, ки ҳар фарди мусулмон дар ҳаёташ бояд ду-се қабри муъмини фавтидаро канад. Бисёр касон инро қарзи худ назди парвардигор шуморида, аз барои савоб якчанд қабрро бе подоши меҳнат меканад.

мекунанд (аслан мулло, эшон оёте аз Қурон мехонад ва дигарон даст ба дуо мебардоранд). Ҳангоми суҳбат сокини ноҳияи Данғара Худойназаров Тоҷиддин (с.т. 1957), ки муллои маҳалла мебошад, дар ин бора чунин гуфт: «Ин кор аз хотири *«одаму одамгарӣ»* карда мешавад. Инро мардум ҳамчун қарзи ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва хешутаборӣ дар пеши азодор медонанд».

Ӯ боз илова кард: «Зане, ки аз майит (мард) ҳомила аст, бояд тобутро ҳангоми аз хона баровардан даст расонад.

Агар ҷаноза дар дигар ҷо гузашта бошаду майитро дар зодгоҳаш гӯрондан лозим ояд, охирин маротиба аз дари хонаи падар даровarда, баъд ба мазор мебаранд.

Ба мазор рафтани занҳо манъ аст» [248].

**14.Маъракаҳои пас аз марг.** Дар бегоҳи рӯзи сеюми пас аз марг маъракаи «себогоҳина» бегоҳи рӯзи ҳафтум «ҳафта» баъди бист рӯз «чил» баъди шаш моҳ «шашмоҳагӣ» ва баъди як сол «сари сол» гузаронида мешавад.

Маъракаҳои «шашмоҳагӣ» ва «сари сол»-ро якчанд ҳафта пеш низ мегузаронанд. То гузаронидани маъракаи «сари сол» ҳар бегоҳи рӯзи ҷумъа «ҷумъагӣ» гирифта мешавад. Фарқ аз замони шуравӣ ки «чил»-ро баъди чил рӯзи расо мегузарониданд, дар давраи соиҳбистиқлолӣ баъди бист руз “чили хӯрд” ва баъди чил рӯз «чили калон» мегузаронанд. «Ҷумъагӣ»-ро бошад, «панҷшанбегӣ» мегӯянд.[1]

Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пеши роҳи хароҷотҳои беҳуда гирифта шуда, шумораи иштирокчиён маҳдуд карда шудааст.

15. **Сару либоси майит** пас аз гӯронданаш шуста мешавад. Ҳамчунин ҷойгаҳе, ки дар он майит пеш аз маргаш хоб буд, ба берун баровaрда шуда, тоза ва ба торбанде, ки нури офтоб мерасад, гузошта мешавад [31, с.198]. Аслан ин корро фарзандон ба ҷо меоранд. Ин одат

---

[1] Аз суҳбати рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия ва мушоҳидаҳои шахсӣ.

дар байни тоҷикони дигар минтақаҳои Тоҷикистон гуногун аст [109, с.136]. Дар ноҳияи Данғара баъди марг бо иштироки якчанд кас рӯфтани хона беҳурматӣ нисбати майит донистa шуда, фарқ аз тоҷикони ноҳияҳои дигари Тоҷикистон фақат сару либоси ӯ шуста мешавад [109, с.139]. Аз либосҳои наву тозаи майит қисме ба мурдашӯйҳо инъом медиҳанд. Бо таклифи мулло ё эшон моли майит ба фарзандон ва дар набудани онҳо ба хешони наздик (падар, бародар, хоҳар ва дар набудани онҳо ба амак) тарака карда мешавад.[1] ки ин фақат хоси ноҳияи Данғара нест.

**Ҳамин тариқ,** расми мурдадорӣ дорои анаъана ва суннатҳои ба худ хос мебошад. Ин расм дар байни тамоми мардуми Тоҷикистон қариб якранг анҷом ёфта, бо каме ҷузъиётҳо фарқ мекунад. Сабабаш он аст, ки дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар ноҳияи Данғара аксари мардум пайрави дини ислом буда, майит дар асоси талаботҳои он гӯронда мешавад. Бинобар ин, урфу одатҳои расми мурдадорӣ қариб дар байни ҳама минтақаҳои Тоҷикистон як хел буда, тафовутҳо дар ҷузъиёти онҳо ба мушоҳида мерасад.

Дар ин бахши кор масъалаҳои тайёр намудани майит ба маросими ҷаноза, намудҳои анъанавии нишон додани мусибат, тариқаи ғусли майит, кафан кардан, тайёрии аҳли маҳал ё гузар ба маросими ҷаноза, маросими ҷаноза, маъракаи сафедипартойӣ, кандани қабр, омода намудани мурда ба маросими ҷаноза, бурдани тобут, ба қабр гузоштани майит ва маъракаҳои пас аз марг мушаххас таҳқиқ гардидаанд.

1 Маросими таракакунӣ на ҳама вақт дар байни сокинони ноҳия иҷро карда мешавад.

# БОБИ III. БОЗИҲОИ БАЧАГОНА ВА ВАРЗИШИ СУННАТӢ ДАР НОҲИЯИ ДАНҒАРА

## 3.1.Намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ

Бостоншиносон дар девори шаху болои санг, даруни ғорҳо, зарфҳо ва баъзе нигораҳо расму суратҳои қадимае ёфтаанд, ки бозиҳои мардумӣ дар онҳо тасвир ёфтаанд. Дар онҳо ҳолатҳои ҷаҳидану давидан, найзаандозӣ, камонварӣ, расми кӯдаконе, ки дар даст санг, буҷул, камонғулак бозӣ карда истодаанд, нақш ёфтааст [104, с.60]. Ин бозёфтҳо далолат аз он мекунанд, ки ҳанӯз дар аҳди қадим одамон ба бозиҳо шуғл доштаанд [104, с.221]. Аксари ин бозиҳо то даврони мо расида, дар тули таърих ба хислатҳои мардуми минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияи Данғара хос тартибу низоми нав гирифтаанд.

Мардумшинос Н. А. Кисляков навиштааст: «Оид ба бозиҳои мардумии тоҷикон бисёр кам таълиф шудааст, он чизе, ки ифшо шудааст, дар якҷоягӣ бо дигар мавзуҳо мебошанд» [63, с.359-361; 97, с.129-131; 109, с.96; 170, с.22-94].

Дар ҳақиқат нисбати гӯштини миллии тоҷикӣ, футбол, волейбол ва дигар намудҳои бозиҳои маъмули варзишӣ, ки оммавист, маълумотҳо алҳол зиёданд, аммо дар бораи бозиҳои мардумӣ, ки барои мардум ҳама вақт дастрас буданду дар ҷисман ва руҳан инкишоф ёфтани аҳолӣ саҳми босазо гузоштаанд, маълумот нисбатан кам ба чашм мерасад [28, с.28-34].

Мардуми Данғара мисли дигар сокинони Тоҷикистон ҳангоми фориғ будан аз корҳои саҳро ва хоҷагии шахсӣ, махсусан аз охири фасли тирамоҳ то рӯи баҳор ба бозиҳои гуногун машғул мешуданд.

Ҳангоми пажӯҳиш муайян гардид, ки қисме аз бозиҳои мардумие, ки дар байни сокинони Данғара паҳн шудаанд, эҷоди худи мардуми Данғара буда, тафаккур ва завқи бадеии ин мардум дар онҳо дарҷ гаштааст. Қисми дигари онҳо бо бозиҳои мардуми ноҳияҳои Темурмалик, Балҷувон, Восеъ, Фархори минтақаи Кӯлоб ва дигар

қисматҳои Тоҷикистон монанд буда, ба бозиҳои халқии баъзе мамлакатҳои ҳамсоя низ қаробат доранд.

Дар рафти таҳқиқот бозиҳои нисбатан маъруфу маъмули бачагони ноҳияи Данғараро ба таври мухтасар бо ду гурӯҳ тасниф намудем: 1) намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ; 2) бозиҳои бачагону наврасон.

Дар навбати худ бозиҳои варзишӣ боз ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. 1) бозиҳои шавқовар, ки бештар кӯдакон ва наврасон машғул ҳастанд; 2) бозиҳои варзишӣ, ки ҷавонон ва калонсолон майл доранд.

**1.Бузкашӣ** мусобиқаи машҳури мардҳои синну соли гуногун буда, дар Осиёи Миёна ва Афғонистон машҳур аст. Он байни мардуми Данғара низ ҳаводорони зиёд дорад. Чунки даштҳои Данғара аз замонҳои қадим бо аспҳои бидави худ дар манотиқи Хатлон овозадор буд. Беҳуда нест, ки «се дашти ноҳия бо номи асп вобаста буда, яке дашти Аспдав дигаре дашти Тойдав ва сеюмӣ Олимтой (олами той) ном доранд» [101, с.383].

Моҳияти бозӣ: човандозҳо – бузкашҳо савори асп шуда, буз ё гӯсолаи сарбуридаро аз ҷои муайян гирифта, ба марра бурда мерасонанд [101, с.424].

Иштирокчиён: варзишгарони тануманди машқдида.

Дар Данғара бузкаширо баҳорон дар айёми ҷашни Наврӯз ва шахсони доро дар хатнасури фарзандон мегузаронанд.

«Бузкаширо танҳо дар охири тирамоҳу зимистон ва аввали баҳор вақте ки замин нарму ҳаво салқин аст, мегузаронанд. Пеш аз гузаронидани бозӣ соҳибони асп онҳоро 40 то 50 рӯз ҷаврез ва сипас саис аспро 8-10 рӯз «хунук карда», баъд ба бозӣ медароранд» [243].

Муҳаққиқ Н.Н. Турсунов навиштааст: «Дар фарораси бозии бузкашӣ вақте ки довар эълон мекунад, ки буз «танӣ» шуд (ба охир расид), гурӯҳе ё ки човандозони деҳаи тӯйдор бузро гирифта мегурезанд ва ҳарифон онро таъқиб мекунанд. Агар ҳарифон расида натавонанд, пас буз ҳаққи ҳалоли гурӯҳе мешавад, ки ғолиб омадаанд» [113, с.32].

Вобаста ба таҳқиқот мо рафти бозиро тамошо ва ин одатро дар Данғара низ мушоҳида намудем .

Дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳини минтақаи Кӯлоб «ғолибони соҳиби бузи «танӣ», онро бурда ба ягон ҳавлии сокини деҳа мепартоянд. Баъди анҷоми мусобиқа иштирокчиён аз соҳиби хона куштани бузи дигарро талаб мекунанд. Соҳибхона барои иззату ҳурмати чавандозҳо саркашӣ накарда, бузи зинда забҳ мекунад» [103, с.149].

Ба тақлиди бозии бузкашии савори асп дар маъракаҳои хурди оилавӣ бачаҳо бо хар низ бузкашӣ мекунанд. Ба ҷои буз ягон ашёи дигар, аз қабили банд ё пораи маторо кашида, ғолиб соҳиби тухфа мегардад. Дар Данғара онро «бузи харӣ», «дар Рашт – «харбуз», Дарвоз – «харбузкаш», дар Балҷувону Ховалинг, Сари Хосор ва Кӯлоб – «харкашак» ва дар Самарқанд «кӯпкорибозӣ меноманд» [88, с.165-166]. Дар давраи шуравӣ «пиёдакашак» низ буд, ки онро дар майдон ё зали варзишӣ ҳангоми дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ мегузарониданд [121, с.120]. Замони қадим дар Хатлон пойга (пайка) маъмул буд.

**2.Гӯштингирӣ,** навъи варзише, ки дар байни аксари мардуми ҷаҳон машҳур буда, номҳои мухталифро дорад [104, с.459]. Он бозии қадимаи мардуми тоҷик буда, дар асарҳои шоирону олимон: А. Сино, Саъдӣ, Восифӣ, А. Дониш, С. Айнӣ васф шудааст [113, с.20]. «Бозии гӯштингирӣ дар ноҳияи Данғара бисёртар аз ҷониби соҳибкорон ва ё кормандони мақомоти ноҳиявӣ доир карда мешавад. Аммо иштирок дар ин бозӣ озод буда, доираи васеи мардумро аз деҳаҳои мухталифи ноҳия ва гӯшаю канори дигар кишварҳо дар бар мегирад» [20, с.117].

Гӯштингирӣ аз паҳлавон маҳорату чусту чолокӣ ва донистани усулҳои махсуси ғолиб омаданро тақозо мекунад. Муҳаққиқ Д. Раҳимӣ оиди тарзи гӯштингирӣ дар минтақаи Кӯлоб навиштааст: «Дар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон паҳлавонон усулҳои «ҳалук», «чиландозӣ», «попечак», «дастпеч», «сари севҷӣ», «сари китф», «кокт», «ҳалуки дарун» ва амсоли инҳоро дар гӯштин ба кор мебурданд» [88, с.68].

Санъатшинос Н. Нурҷонов ин намуди варзишро солҳои 40 - уми асри XX дар Хатлон мушоҳида карда, гуфтааст: «Дар сайли Тамошотеппаи Кӯлоб паҳлавонони беҳтарин аз бекигариҳои Ҳисору Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб, Балҷувон, Афғонистон ва дигар ҷойҳо ҷамъ мешуданд. Баъзан шумораи гӯштингирон то 200-300 нафар мерасид.

Дар Кӯлоб гӯштингирони маҳаллӣ ва паҳлавонони аз дигар ҷойҳо омада, 15-20 рӯз пеш аз сайли Тамошотеппа машқ мекарданд ва барои ба майдон баромадан тайёрӣ медиданд. Паҳлавонони машҳур баъди ғалаба соҳиби ҷомаҳои шоҳӣ мешуданд, ба дигар гӯштингирони ғолиб туҳфаҳои хурдтар медоданд» [84, с.88; 87, с.66-67].

Аз рӯйи гуфти калонсолони деҳаи Ҷартеппа (ҳоло Хуррамзамин) ба гуфтаҳои санъатшинос Н. Нурҷонов монанд дар солҳои 30-60 - уми асри гузашта ҳангоми иди Наврӯз дар болои кӯҳи Морон (Ҷелонтоғ) назди марқади Ёқуб-Саъба додани «нони худоӣ» ва гузарондани мусобиқаи гӯштингирӣ байни паҳлавонони Данғара ва мардуми деҳаи Ҷорубқули ноҳияи Қизилмазор (ҳоло Темурмалик) ва атрофи он, ки дар гӯштингирӣ машҳур буданд, ба ҳукми анъана даромада буд.

Дар солҳои 30-40-уми асри XX аз Данғара ду тан: Ашӯр-паҳлавон (Ашӯр Ҳаитов) ва Ҳабибулло-паҳлавон (Ҳабибуллои Ҳайдарбой С. Ф.) аввалин паҳлавононе буданд, ки дар давраи шуравӣ номи Данғараро баланд бардоштаанд. Баъдтар Ғ. Қаюмов (солҳои 50-ум), каме дертар Т. Нодиров ва тули солиёни баъдӣ дар ҷашну маъракаҳо ва мусобиқаҳои гуногун: Дона-паҳлавон, Сафар-паҳлавон, Ҳайдар-паҳлавон, Намоз-паҳлавон, Қурбон-паҳлавон, Ҷ. Қурбоналиев, Рустами Аскар сипас Исмонқул-паҳлавон (И. Таваралиев С.Ф.), Шамсиддин Мирзохонов, Абдусамад Шамсуллоев, Фатҳулло-паҳлавон ва дигарҳо баромаданд [124, с. 443-444].

Дар замони шуравӣ ҳалуки искандарӣ байни паҳлавонон машҳур буд. Паҳлавонон Раҳматуллоев Искандаршо (чемпиони Осиёи Миёна), Сайидмумин Раҳимов (чемпиони ҷаҳон) аз минтақаи Кӯлоб бо ин усул дар байни ҳаводоронашон шуҳрати хос доштанд.

Замони соҳибистиқлолӣ дар маркази ноҳияи Данғара маҷмааи калони варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки дар он даҳҳо нафар мактаббачагон ва ҷавонони ноҳия ба намудҳои гуногуни варзиш аз ҷумла гуштингирӣ машғул буда, шарафи ноҳияро дар арсаи ҷумҳур ва берун аз он бардошта истодаанд.

**3.Бандкашӣ бо гардан.** Барои ташкили ин бозӣ аз 3 то 4 метр банди пахтагин лозим аст.[1] Охирҳои бандро бо ҳам баста, ду нафар бозигарро ба майдон даъват мекунанд. Бозиро бо ду тарз мегузаронанд.

1.Дар майдон гилем ё палосеро партофта, аз байнаш хат ё ишора мегузоранд. Ҳарифон пойҳоро дароз ва болои хат бо ҳам расонида, рӯ ба рӯи ҳамдигар менишинанд. Довар ҳалқаи бандро ба гардани бозигарон андохта, таранга нигоҳ медорад. Бо садои ҳуштаки довар бозигарон бо қувваи гардан ва тела кардани пойҳо якдигарро сӯи худ мекашанд. Бозигари мағлуб ба фишори қувваи ҳарифаш тоб наоварда аз ҷой мехезад ва бозӣ бо ғалабаи тарафи муқобил анҷом меёбад.

2. Ҳарифон болои харак муқобили якдигар нишаста, бо ду даст аз ду тарафи он сахт медоранд. Дар ин тарзи бозӣ танҳо қувваи гардан истифода мегардад.

Бозӣ инфиродӣ буда, эҷоди мардуми Данғара мебошад. Ҳангоми пажӯҳиш мо онро дар дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб мушоҳида накардем. Ин бозиро дар викторинаҳо, ҷашни идҳои солинавӣ ва мусобиқаҳои бозиҳои омехта гузаронидан мумкин аст.

### Бозиҳои серҳаракат

**1.Байрақгирак** бозии гурӯҳӣ буда, писарбачаҳо бозӣ мекунанд. Ҷои бозӣ асосан кӯча ва майдони мактаб ба ҳисоб мерафт.

Рафти бозӣ: Бачаҳо ба ду даста ҷудо шуда, ҳар даста аз байни худ сардор интихоб мекунанд.[2] Сипас дастаҳо ба ду тарафи кӯча ё майдони мактаб тақсим мешаванд. Дар байни дастаҳо бо чӯб хатти равшан

1. Аз банди синтетикӣ ё пашмӣ мумкин аст гардани бозигарон осеб ёфта, сурх гардад.
2. Сардорони гурӯҳ асосан аз нафароне интихоб мегарданд, ки нисбати дигарон ҷисман боқувват, чақон ва зеҳни тез дошта, гурӯҳро идора карда тавонад.

мекашанд. Ҳар даста байрақе сохта, дар масофаи 10-15 метр дур аз хатти кашида, дар замин устувор мекунанд. Дар назди байрақҳо бо супориши сардорони дастаҳо посбон мегузоранд. Ҷобаҷогузории аъзои дастаҳо бо маслиҳати якдигарӣ ва бо фармони сардорони дастаҳо иҷро мегардад.

Дар ин бозӣ сардорони дастаҳо ду нақш: роҳбарии гурӯҳ ва ҳакамии бозиро иҷро менамоянд. Онҳо мекӯшанд, то ба ҳайати гурӯҳ бачаҳои тездав ва чусту чолокро интихоб намоянд, чунки натиҷаи охири бозӣ ба онҳо вобаста мебошад.

Бо иҷозаи сардорони дастаҳо бозӣ дар як лаҳза оғоз мегардад ва намояндагони дастаҳо ба шӯру ғавғо медароянд. Ҳар кас кӯшиш мекунад, ки хати кашидаро убур намуда, байрақи тарафи муқобилро ба майдони худ биёрад.

Чӣ хеле сокини деҳаи Хуррамзамин (собиқ Ҷартеппа) М. Исматов (с.т. 1963) ёд аз солҳои 70-уми асри гузашта кард: «Бачаҳои аз ҳама серҳаракату моҳир бештар кӯшиш мекарданд, ки хатро рахна созанд. Ба онҳо шариконашон ёрӣ расонда, дар гӯшаи дигари хат вазъияти ташвишоварро ташкил менамоянд. Ногаҳон нафаре хатро рахна карда, ба пеш ҳаракати чолокона менамояд. Бачаҳои тарафи муқобил мехоҳанд ӯро дастгир намоянд ва ҳама ба тарафи ӯ мешитобанд. Дар ҳамин лаҳза байрақ бе посбон мемонад ва нафаре онро бо ҳаракати тез гирифта, ба майдони дастаи худ оварда ҳисобро мекӯшояд» [218].

Ҳангоми пажӯҳиш муайян карда шуд, ки ба «байрақгирак» монанд дар байни кӯдакони Қафқоз бозии «Дрошак аштарак вра» (байрақ дар қалъа) ва дар Россия «Игра с флажком» (Бозӣ бо байрақ) [56, с.236] ва «Тарчиа» [56, с.158] вуҷуд доранд. Дар ин бозиҳо ҳаммонандиҳо дида мешаванд, аммо дар онҳо бозигарони эҳтиётӣ гирифта шуда, дар майдон 5 - нафарӣ аз ҳар гурӯҳ бозӣ мекунанд ва дар ҳолати монда шудан бозигарони эҳтиётӣ бо амри сардори гурӯҳ иваз мешаванд (чун дар бозии хоккей).

Бозии «байрақгирак» эҷоди мардуми Данғара буда, дар он аз бозигарон чолокӣ, вазъиятро фаҳмидану тез фикр намудан ва ҳалли

дурусти ҳаракатро баровардан лозим мешавад. Бинобар он ин бозӣ дар кӯдакон барои ташаккули ҳушёру зирак будан ва дарки вазъиятро фаҳмидан мусоидат мекунад.

**2.Сарҳадгузарӣ,** бозии бачагона буда, то 20 нафар онро бозӣ мекунанд.

Ҷойи бозӣ: саҳни ҳавлии мактаб, майдони деҳа, гузар.

Рафти бозӣ: бозигарон ба ду гурӯҳ тақсим шуда, сардорони гурӯҳҳоро интихоб мекунанд.

Баъди қуръапартоӣ бозигарон ба масофаи 10-15 метр аз ҳамдигар дур рафта, ба муқобили якдигар бо роҳбарии сардорони гурӯҳҳо саф кашида, дастони якдигарро маҳкам медоранд.

Гурӯҳи дар қуръапартоӣ ғолибомада аввалин шуда, бозиро оғоз менамоянд. «Яке аз бозигарон аз рӯи интихоби сардори гурӯҳ нуқтаи нисбатан заифро интихоб мекунад ва давида бо шаст аз байни саф гузаштанӣ мешавад. Агар ӯ сафро рахна карда гузарад, яке аз рахнашудагон бо интихоби сардори гурӯҳ аз бозӣ хориҷ мешавад ва бозиро нафари дуюми гурӯҳи ғолиб аз нав сар мекунад, вагарна он бозигар худаш аз бозӣ баромада, яке аз бозигарони гурӯҳи дуюм бозиро аз нав оғоз мебахшанд» [258].

Ҳангоми таҳқиқот муайян кардем: ин бозӣ фақат хоси Данғара набуда, дар дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб низ машҳур аст [80; 109, с.176]. Дар Рашту Дарвоз онро *палабарак* ва дар ноҳияи Ашт *ничалобозӣ* меноманд [88, с.116].

Бозии «Сарҳадгузарӣ» дар кӯдакон чолокӣ, бодиққатӣ, мушоҳидакориро инкишоф дода, кайфияти руҳии онҳоро баланд мебардорад ва ба инкишофи ҷисмонии онҳо мусоидат мекунад.

**3.Аскарбозӣ** (*Салдатбозӣ*), бозии маъмулӣ буда, бачаҳои 10-14 сола ба ду гурӯҳ тақсим гашта, байни ҳам бозӣ мекунанд.

Ҷойи бозӣ: боғи деҳа, майдони гузар, паси хонаҳо.

Рафти бозӣ: ду нафар писарбачаи нисбатан бузургтар сардорони дастаҳо интихоб гашта, ҳар яке гурӯҳ (команда)-и худро созмон медиҳад.

Гурӯҳҳо ба ду тараф пароканда гашта, дар паси девору дарахтон пинҳон мешаванд ва баъди ризояти сардорон аъзои гурӯҳҳо ба ҷустуҷӯ ва «нест кардан»-и тарафи муқобил шуруъ мекунанд. Касе, ки нафари муқобилро пештар мебинад, мисол: Умар «тақ» - гӯён, ӯро «мепаронад». Бозигари «парондашуда» аз бозӣ берун шуда, ҳуқуқи дар бозӣ иштирок карданро аз даст медиҳад ва дар кунҷе нишаста, ба охир расидани бозиро интизор мешавад. Гурӯҳе, ки пурра «маҳв» мегардад, мағлуб министа мешавад.

Сокини ноҳия Ҷ. Ҷамилов (с.т. 1920) гуфт, ки: «Ин бозӣ ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XX бозии дӯстдоштаи писарон буд» [252].

Дар солҳои 50-80-уми асри XX гурӯҳҳо яке *солдат* (Армияи Шуравиро дар назар дошта, маҳз *солдат* мегуфтанд) ва дигаре «немисҳо» мешуданд. Яроқҳоро аз сими филизӣ ва чӯб омода карда, ҳар кас кӯшиш мекард, ки дар вақти бозӣ худро «сарбоз»-и хуб нишон диҳад.

Солҳои пеш фарқ аз Данғара «дар деҳоти Ҳисор ин бозиро *милтиқбозӣ* ва дар Самарқанд «ҷанги сурху сафед» меномидаанд [88, с.35].

Муҳаққиқ А. Абдуллоев дар Данғара бозии дигареро муайян кардааст, ки ба «аскарбозӣ» монанд мебошад. Номи ин бозӣ «Туктуккамон» буда, ҳангоми бозӣ нафари дар қуръапартоӣ бойдода тамоми гурӯҳро мекобад.

Аз рӯи шарт ӯ чашмонашро пӯшида то ҳафтод ҳисоб мекунад. Дар ин муддат аҳли гурӯҳ бояд пинҳон шаванд. Ҳамин ки ҳисоб ба ҳафтод расид:

Бомба кафид... бозӣ сар шид, – гӯён чашмонашро кушода ба кофтан оғоз менамояд ва бозигари якум ёфтаашро «тук» – гуфта, аз бозӣ хориҷ мекунад [20, с.121].

Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем: аскарбозӣ дар байни дигар минтақаҳои Тоҷикистон дар давраи шуравӣ машҳур буд. Дар давраи соиҳбистиқлолӣ байни бачахои хурдсоли Данғара бештар маъмул гаштааст, аммо хусусияти бозӣ дигар шуда, бачаҳо қаҳрамонҳои дӯстдоштаашонро (дар мисоли Терминатор, «Одам – анкабут» ва ғайра)

аз кинофилмҳо ва филмҳои тасвирии хориҷӣ интихоб карда, либос ва аслиҳаи мақбули дилашонро аз бозору мағозаҳо дастрас мекунанд.

Бозӣ бачаҳоро хушҳол намуда, барои дар оянда омода гаштани кӯдакон ба хизмати аскарӣ мусоидат мекунад.

**4.Рустшавакон,** бозӣ байни иштирокчиёни ҳамаи синну сол, духтару писар якранг гузаронда мешавад (расми 3.5). Дар он кӯдакон ва наврасон аз 3 то 20 нафар метавонанд иштирок кунанд.

Ҷойи бозӣ: майдончаи деҳа, саҳни ҳавлӣ, ё боғи деҳа.

Рафти бозӣ: баъди қуръапартоӣ ҳамагон *бачо* (пинҳон) мешаванд ва як кас дигаронро мекобад. Вақте ки ӯ бозигареро аз пинҳоншудагон дарёбад, ҳамаро даъват мекунад, ки фалониро ёфтам. Баъдан бозӣ аз нав шуруъ шуда, акнун шахсе, ки нахуст «ба даст афтид», яъне ёфт шуда буд, ӯ дар навбати дигар кобанда мешавад.

Дар рафти таҳқиқот маълум кардем, ки ин бозии маъмулӣ буда, «бо ному тарзҳои гуногун байни сокинонои Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла русҳо паҳншуда буд» [56].

Дар деҳаи Хуррамзамин ва Себистони ноҳияи Данғара онро «бачошавак» мегӯянд. Дар байни русҳо бо номи «игра в прятки» [56] дар водии Хуф бо номи «Ҷой-ҷояк базай» машҳур буда, бозии дӯстдоштаи писару духтараконии 10-12-сола мебошад [31, с.104]. Дар ноҳияҳои Тавилдараю Қалъаи Хумб ва Шамсиддин Шоҳину Ховалинг бошад, он бо номҳои «суросуркунак», «даводавак», «суркуно-суркунак» [109, с.103-104], дар Муъминобод бо номи «ҷогаҳшавакон» [116, с.169] машҳур аст. Муҳаққиқ А. Абдуллоев дар байни писару духтаракони Данғара бозии дигареро муайян кардааст, ки ба бозии «Рустшавакон» монанд мебошад. Номи ин бозӣ «Сурсуракон» аст. «Дар ин бозӣ ҳама наврасон дар ягон майдони васеи деҳа ҷамъ шуда, як нафарро дар байн мемонанд, то чунин мисраҳоро хонад.

Аша маша,

Бъра даф ша.

Ҳангоми мисраҳоро хондан дар рости касе, ки тамом шавад он кас аз давра берун мегардад ва нафаре, ки дар охир мемонад, ҳамаи аз давра берун шудагонро *сур* (дунболгирӣ) мекунад» [20, с.121].

Бозии «Рустшавакон» ба бачагон пуртоқатӣ, чустучолокӣ, бодиққатӣ, мушоҳидакориро инкишоф дода, кайфияти руҳии онҳоро баланд мебардорад. Дар рафти он кӯдакон қоидаҳои бозӣ карданро ёд мегиранд [103, с.142-143].

**5.Миёнадарояк,** бозиро аслан духтаракони аз 5 то 12-сола ва баъзан писарон бо духтаракон омехта шуда, бозӣ мекунанд. Аз рӯи синну сол (ё духтару писар) 4-нафарӣ баробар тақсим шуда, баъди қуръапартоӣ ба бозӣ шурӯъ мекунанд.

Ҷойи бозӣ: майдони мактаб, саҳни ҳавлӣ, гузар.

Рафти бозӣ: гурӯҳи дар қуръапаротоӣ ғолибшуда майдони бозиро интихоб намуда, аз ду тараф, тахмин дар фосилаи 10-12 метр ду хатти рост мекашанд. Фосилаи байни ин хатҳоро ду тақсим намуда, боз як хатти дигар кашида, он ҷо қарор мегиранд.

Гурӯҳи дуюм дунафарӣ тақсим шуда, дар ду хатти канорӣ қарор мегиранд. Сардори гурӯҳи дуюм аввалин шуда, бо тӯбчаи резинӣ[1], ҷанҷула, ё латталунда[2] бозигарони гурӯҳи якумро нишон гирифта мезанад. Агар ҷанҷула ё латталунда ба яке аз бозигарон расад, ӯ аз бозӣ мебарояд, аммо агар онро яке дошта тавонад, ба гурӯҳи онҳо як хол дода шуда, бозиро чуноне, ки буд аз нав оғоз мекунанд.

Бо расидани латалунда ба яке аз бозигарон холҳои гирифтаи гурӯҳи якум кам мегардад. Вақте, ки гурӯҳи дуюм ҳамаи бозигарони гурӯҳи якумро «зада» аз майдон мебароранд, мавқеи онҳоро соҳиб гашта, ҷойи худро ба онҳо месупоранд [231].

---

1 Онро бо сабаби зарбаи сахт доштан ва ба масофаи дур париданаш кам истифода мебаранд.

2 Ҷанҷуларо аз пашми гов, латталундаро бошад: дохили ҷуроби кухнаро пур аз латта карда кулула мегардонанд.

«Бозии «миёндарояк» бо номҳои «мурғобишикорчӣ», «заличак», «ҷонгирак» ва «светчабозӣ» дар навоҳии дигари минтақаи Кӯлоб ва ҷумҳурӣ машҳур аст» [49, с.656].

Ҳангоми пажӯҳиш муайян гашт: бозии «миёндарояк» фақат хоси мардуми Данғара набуда, дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо номҳои гуногун машҳур аст. Он ба бозии «лаптаи русӣ» [21, с.59] монанд буда, дар тамоми фаслҳои сол дар майдони кушод, рӯзҳои бебориш, аксаран дар нимаи дуюми рӯз, то даромадани шом гузаронида мешавад.

Дар давраи соиҳбистиқлолӣ он бозии дӯстдоштаи кӯдакон гаштааст[1].

Ин бозӣ аз кӯдакон пуртоқатӣ, чусту чолокӣ, маҳорат, бодиққатӣ ва идроки ҳаракатро талаб карда, ба инкишофи ҷисмонии кӯдакон ва вазъи рӯҳии онҳо таъсири мусбӣ мегузорад.

**6.Чиликдангал,** «Ареали паҳншавии ин бозӣ ниҳоят васеъ буда, он бо номҳои гуногун дар байни мардумон машҳур аст» [70]. Он бозии маъмулию қадима буда, дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоб, Зарафшон [48, с.128-139, 148], Дарвоз ва водии Хуф [31, с.108-109] паҳн буда, онро чӣ хурдсолон (расми 3.14) чӣ наврасон (расми 3.13) ва ҳатто калонсолон бозӣ мекунанд. Дар Туркия низ он бо номи «гелик» машҳур аст [144, с.23]. Дар Дарвоз Элик ва чилик мегӯянд

Асбоби ин бозӣ дангал (қарнӣ, партоб) ва ликак буда, аз чӯби сахти дарахтони маҳаллӣ, аз ҷумла ирғай сохта мешаванд.

«Қарниро» дар Зарафшон «Чиликдаста» [48, с.128] дар забони руси ҳангоми бозии «городки» «бита» ва ҳангоми бозии чилика гурҷиҳо «стафела» [56, с.156] ва дар Туркманистон «таяк» [156, с.154] меноманд. Онро бо дарозии 50-60 см, баъзан 70 см мегиранд [20, с.122]. Ликакро дар Зарафшон «чилик» [48, с.128], дар Россия «чижик», бо забони гурҷӣ «рики» [56, с.156], дар Туркманистон «хекгал» [156, с.154] меноманд. Дарозии ликакро 20-25 см гирифта, як тарафашро барои зада ба ҳаво хезондани он, каме тарошида, моил мекунанд.

---

1 Аз рӯи ахбори маълумотдиҳандагон ва мушоҳидаҳои шахсӣ.

Бозӣ ду намуд: гурӯҳӣ ва инфиродӣ мешавад.

Муҳаққиқи бозиҳои мардумӣ Д. Раҳимов навиштааст: «Ин бозӣ бо номҳои чиликдангал, акколбозӣ, чилакбозӣ, чилик-пилик, ликаку қарнӣ, чилаку лоф, чиллаку чӯб, киллаку асо, киллаку даста, аллакӣ-момакӣ, чилаку қилак, қиллақбозӣ, чиллику чилқарӣ, дикакбозӣ, алакбозӣ, лашбехт ва ғайра дар байни тоҷикони Осиёи Марказӣ маъмул аст» [87, с.182]. Муҳаққиқ А. Абдулоев ин бозиро дар деҳаҳои мухталифи ноҳияи Данғара бо номҳои «ликакбозӣ» ва «ликликӣ» дарёфтааст [20, с.122].

Аз рӯи пажӯҳиши мо маълум гардид, ки: он ба бозии «городки» [51, с.156], «бабки через кон», «из кона в кон» [56, с.39] ва «чижик и быта» [56, с.157]-и мардуми рус ва «чилика» [56, с.156] (чиликаоба)-и гурҷиҳо наздик буда, махсусан ба бозии «чилика» ва «чижик и быта» бештар монандӣ дорад.

Дар бораи бозии гурӯҳӣ муҳаққиқи бозиҳои мардумӣ Шодӣ Сафаров навиштааст: «Дар чиликдангал шарти бозиро «муҳра» мегӯянд. Гурӯҳе, ки муҳраро ба 100-200 расонад, ғолиб мешавад. Ғолибон бойдодагонро *зув доронда*, медавонанд» [104, с.481].

Муҳаққиқ А. Абдулоев ин бозиро дар Данғара мушоҳида намуда, дар бораи *зув дарондан* чунин навиштааст: «Нафаре, ки дар бозӣ мағлуб мешавад аз масофаи дур то ба дохили давра бо як нафас «зууу», - гӯён медавад. Лаҳзаҳое мешавад, ки пеш аз «зууу» гуфтан чунин мисраҳоро бо як нафас мехонад:

Алҳам гули гандум,
Бачат бачи мардум.
Манаҳта бубандум,
Дар мобайни мардум.
Э-э-э-э-э-э-э, з-у-у-у-у» [20, с.122].

Нависандаи тоҷик Барот Сайид, ки зодаи Данғара аст, дар романи таърихии «Дуд дар осмони Билисуф» аз забони тағояш - ёд аз солҳои 20-уми асри XX карда, дар бораи чӣ гуна ин бозӣ маҳз дар Данғара мегузашт, маълумот додааст.

Бозиро «Зувдавонак» ном гирифта, инчунин, қайд мекунад, ки дар баъзе деҳаҳои ноҳия онро «чилику дангал» низ меномиданд.

Ӯ ликакро – ликак, аммо дангалро қарнӣ ном гирифтааст.

Дар навиштаҳои ӯ махсусан интихоби гурӯҳҳо диққатҷалбкунанда аст. Мувофиқи навиштаи Барот Сайид бозигарон: *ёрони мирон* ном доштанд ва бозӣ чунин оғоз меёфт: «Ду нафар аз иштирокчии бозӣ «мир» интихоб мегарданд. Дигар бозигарон назди мирон ҷамъ омада, ду нафар аз мирон дуртар пушт гардонда, яке «себ» ва дигарӣ «анор» худро ном медоданд. Сипас «себу анор» дастон пеши бар, *алиф-лом шуда*, назди мирон меоянд. Ба мирон салом дода, яке аз онҳо «мирон-мирони мо» [110, с.105] - мегӯяд.

- Лаббай ёрони мо, - ҷавоб медиҳанд мирон.

Боз аз мирон мепурсанд: - «Киро себу киро анор?»

Яке аз мирон себро интихоб мекунаду, дигараш бошад, анорро. «Себ» ва «анор»-ҳо алоҳида-алоҳида ба паҳлуи мирони интихбнамудаи хеш менишинанд.

Бо ҳамин тарз, ҳар бозигар номи яке аз меваҳоро ба худ гирифта, ёри яке аз мирҳо гашта дар атрофи ду мир тақсим мешаванд. Ва баъди тақсимот дар охир ду гурӯҳи бозигарон ба вуҷуд омада, мирон ба дангалу ликак чақ мезананд ва бозиро оғоз мебахшанд» [100, с.289-300]. Ҳамин тавр, аз навиштаҳои ӯ мӯайян гашт: рафти ин бозӣ дар тули як аср дар Данғара қариб тағйир наёфтааст.

Ҳангоми пажӯҳиш инчунин муайян кардем: дар ноҳияи Роштқалъа бозии инфиродии «чилликдангал»-ро «лашбехт» ном мегиранд. «Лашро бо тарзи гуногун партов намуда, зарба мезананд. Масалан: бо усули *ростак* (рост истода), *банди даст* (банди дастро дошта), *вехч* (ба андозаи оринҷ чӯбдастаро дошта), *гӯшак* (як дастро аз таги каш гузаронида, ба он гӯшро медоранд)» [88, с.188]. Бо чунин усулҳо задани «ликак» дар Данғара низ истифода мегардад. Ин ҳаммонандиҳо аз он далолат мекунанд, ки ҳарду намуди бозии «чилликдангал» дар ҳама минтақаҳои

Тоҷикистон маъмулӣ ва қариб ҳамранг мебошад, аммо бо номҳои мухталиф аз ҳам фарқ мекунанд.

Бозии чиликдангал хело шавқовар буда, аз кӯдакон маҳорат, моҳирӣ, давандагӣ ва чобукиро талаб мекунад. Бозии гурӯҳии он бачаҳоро барои иттифоқ будан ҳидоят мекунад. Аз тарафи дигар, барои солимии бадан манфиатнок аст.

Ҳангоми таҳқиқоти мавзуи таҳти назар муайян намудем, ки дар давраи истиқлолият низ бачаҳо ба ин бозӣ, дар фасли баҳор мароқ зоҳир мекунанд, аммо нисбати солҳои пеш камтар.

**7.«Тарзанбозӣ».** Ин бозиро солҳои 70-уми асри гузашта дар деҳаи Ҷартеппа (ҳозира Хуррамзамин) мушоҳида карда будем.

Ҷойи бозӣ: дарахтзори ду тарафи роҳ.

Бачаҳои 10-12 сола ҷамъ омада, яке дарахтеро интихоб намуда, аз навдаи нисбатан боқувват ба дарахти дигар ҷаҳида маҳорати худро нишон медод. Дигарон бо навбат ба дарахти аввала баромада, гузашти ӯро такрор мекарданд. Дарахтон дар як хел фосилаи дурӣ набуданд, бинобар он барои ба дарахти нисбатан дуртар ҷойгиршуда гузаштан ба навдаи балантарин баромадан рост меомад. Дар ин ҳолат бисёриҳо аз бозӣ даст мекашиданд. Ғолиб он нафаре dониста мешуд, ки аз ҳама шумораи зиёди дарахтонро гузашта тавонад.

Сокини деҳаи Ҷартеппа (ҳоло Хуррамзамин) М. Исматов (с.т. 1963) гуфт: «Ин бозӣ дар солҳои 70-уми асри XX зери таъсири кинофилми «Тарзан» пайдо шуда буд» [218].

Тарзанбозӣ аз бачаҳо пеш аз ҳама боғайратӣ, чустучолокӣ, боҷуръатӣ ва дарки тези ҳолатро талаб мекунад.

Дар рафти ин бозӣ бачаҳо ба ҳаяҷон омада, ҳолати руҳиашон хуб мегардад. Ин бозӣ бачаҳоро дар оянда барои хизмати аскарӣ рӯҳандозӣ мекунад.

**8.Адмирно,** бозии маъмули бачагона буда, дар баъзе деҳаҳои ноҳия онро «харакамбор» низ мегӯянд.

Ҷойи бозӣ: майдони деҳа, боғ, гӯшаи табиат.

Рафти бозӣ: бачаҳо 4-5 нафарӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуда, як шахси бетарафро довар интихоб мекунанд. Довар қуръапартоӣ ё бо роҳбарони гурӯҳҳо «чингачикбозӣ»[1] карда, мавқеи гурӯҳҳоро муайян месозанд. Аз гурӯҳи «бойдода» як кас аввал «сутун» меистад[2]. Бозигари дуюм миёнашонро «дуқад» намуда ӯро мустаҳакам медорад. Дигар аъзоёни гурӯҳ аз қафои бозигари дуюм бо ҳамон шакл якдигарро мустаҳкам медоранд. Гурӯҳи қуръапартоиро «бурдагӣ» бо навбат болои онҳо *хез зада* (ҷаҳида), чун дар асп савор мешаванд. Баъди нафари охирин довар ё сардаста як ман, ду ман, се ман – гуфта, то 50 ҳисоб мекунад. Агар яке аз бозигарони гурӯҳи дуюм болои бозигарони гурӯҳи якум ҷаҳида натавонад, ё пойи яке аз бозигарони саворгашта ба замин бархӯрд кунад, гурӯҳҳо ҷойҳои худро иваз мекунанд, вагарна бозӣ бо тарзи аввала аз нав оғоз мегардад.

Дар рафти пажӯҳиш муайян кардем: Бозӣ фақат хоси мардуми Данғара набуда, онро дар бисёр минтақаҳои Тоҷикистон бо номҳои гуногун ва бо каме тағйирот бозӣ мекунанд. Мисол: дар водии Рашт он «хар хари рӯ» ном дошта, касе, ки сабаби мағлубият мегардад, нафаре то ҳисоби муайян ӯро чун дар хар савор мешавад [109, с.115].

Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб аз ҷумла дар Муъминобод ин бозӣ айнан ба мисли Данғара мебошад, аммо он бо номи «як ман-ду ман» байни бачаҳои ин диёр машҳур аст [88, с.212].

Ин бозӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ намудҳои гуногуни худро дошт. Яке аз бозиҳои ба «адмирно» монандро бачаҳои синну солашон нисбатан хурдтар дар Адҷарияи Гурҷистон бозӣ мекунанд, ки «Чехарда» ё «Хостана» ва «Гору» ном доранд [56, с.176]. Дар Хостана ё Горуи Адҷаристон бачаҳо яке истода, дигарон бо навбат

1 Довар ду бор дасти росташро ба панҷаи дасти чапаш тез бархӯрд карда, бори сеюм панҷаи дасташро ба мисли доира ва ё ду ангушташро рост нишон медиҳад. Сардорони гурӯҳҳо низ амали ӯро баробар такрор карда, бояд муқобили ҳаракати дасти ӯро нишон диҳанд, вагарна “бойдода” ҳисобида мешаванд.

2 Аслан роҳбари гурӯҳ, ки нафари нисбатан аз дигарҳо зуртар мебошад, дар бозӣ нақши “сутун”-ро мебозад.

аз болои ӯ меҷаҳанд (расми 3.15), ки чунин тарзи бозиро бачаҳои Данғара низ иҷро мекунанд.

Муайян карда шуд, ки дар давраи соиҳбистиқлолӣ бозии адмирноро бачаҳои нисбатан калонсол 16-20-сола, ҳангоми барои истироҳат ба гӯшаи табиат рафтан, байни ҳам бозӣ мекунанд.

**9. Ланкабозӣ.**

Ҷойи бозӣ: саҳни ҳавлӣ, саҳни боғ, майдони кӯча ё маҳалла:

Асбоби бозӣ: «ланка» буда, онро аз пӯсти гӯсфанд ё буз ва сурб тайёр мекунанд[1]. Онро муҳақиқи рус Зарубин «топика» номидааст [70, с.89].

Рафти бозӣ: ин бозӣ аз тарафи ду ва зиёда бозигарон гузаронида мешавад. Онро аслан писарбачаҳои аз 6 то 13-сола ва аз он боло бозӣ мекунанд (расми 3.11).

Ҳангоми таҳқиқот муайян шуд: «пеш аз оғози бозӣ ҳисобро муайян мекунанд» [70, с.89]. Дар рафти бозӣ бозигар бо чолокӣ ва маҳорати махсус ҷаҳида, бо пой ланка заданро иҷро мекунад. Дар ҳолати ба хатогӣ роҳ додан навбати ланказанӣ ба нафари дигар мегузарад.

Аз рӯйи навиштаи муҳаққиқ Д. Раҳимӣ «Ланкабозӣ дар асри XIX тавасссути ӯйғурҳо аз Чин ба фарҳанги мардумони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон роҳ ёфтааст [88, с.95]. Тибқи андешаи баъзе муҳаққиқон афзори ин бозӣ «ланга» аз калимаи тоҷикӣ-форсии «ланг»-чулоқ ва ё аз «линг»-пой гирифта шудааст» [50, с.542].

Ба забони русӣ онро «игра в волон» мегӯянд [56, с.146]. Он дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, аз ҷумла Кӯлоб паҳншуда аст. Дар водии Хуф онро «Сурб-бехт» (бозии сурб) ном мегиранд [31, с.102].

Дар рафти пажӯҳиш муайян гашт, ки ин бозӣ эҷоди мардуми Данғара набуда, он дар минтақаҳои гуногуни қитъаи Осиё ба чашм мерасад. Онро дар давраи шуравӣ аслан писарбачаҳо бозӣ мекарданд.

---

1 Порчае аз пӯстакро бо қутри 3 см гирд бурида, ба он сурби тунук (қутраш 2, ғафсиаш 02 см)-ро ба воситаи сими мисин мустаҳкам мекунанд.

Дар давраи истиқлолият на танҳо писарбачаҳо, балки духтараконни 10-12 сола низ ланкабозӣ мекунанд.

Ланкабозӣ дар обутоб ёфтани ҷисми кӯдак ва болида гаштани ҳолати рӯҳии ӯ кумак мерасонад.

**Бозиҳои мавсимӣ: ҷашнӣ, идҳо**

**1.Тухмбозӣ.** Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки бозии идона буда, онро дар идҳои динии Қурбону Рамазон [29, с.31] ва иди Сари сол – Наврӯз ҷӣ хурдсолон ва ҷӣ калонсолон дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон бозӣ мекунанд [170, с.67]. Дар ин бозӣ тухмҳоро яке дошта, дигаре бо ҳам мезанад, тухми касе шиканад, бозиро бой медиҳад [70, с.25]. Онро ду намуд: «Баракугирак» [104, с.454], яъне ғолиб тухми бурдаашро мегирад ва «Ҳазлонак»- шӯхиомез, яъне тухми кӣ зӯр аст, бозӣ карда, ғолиб тухми ҳарифро намегирад.

Тухмбозиро бо сарак, поёнак ва барак бозӣ мекунанд. Мусоҳиби мо А. Абдурабов (с.т. 1938) гуфт, ки: «Дар замони шуравӣ дар Данғара писарон як моҳ пеш аз идҳои динӣ дар байни найи хушк тухмро гузошта, онро сарозер дар ҷое овезон мекарданд. Шилми тухм дар қисми «сарак» сахт мегашт ва ҳангоми бозӣ бо чунин тухм, ки онро «косӣ» мегуфтанд, ҳариф доимо «ғолиб» мебаромад» [209]. Сокини ноҳия С. Афзалов (с.т. 1949) бошад, мегӯяд, ки: «Бозӣ кардан бо тухми косӣ мумкин набуд, аммо бачаҳои шӯхтабиат дар ҳолатҳои мувоффиқ онро истифода мекарданд» [211].

Дар китоби «Бозиҳои анъанавии бачагони тоҷикон» омадааст: «Баъзеҳо дар арафаи идҳо ба мурғҳояшон бештар оҳаку пӯстлохи тухм мехӯронданд, ки тухми навбатии он мурғро пӯстлохаш сахт шавад» [88, с.160].

Ин бозӣ дар ВМКБ дар рӯзҳои наврӯзӣ то 3 рӯз [70, с.25] дар Данғара бошад, рӯзҳои идҳои динӣ: Қурбону Рамазон ва иди Наврӯз гузаронида мешавад.

**2.Дастхобонӣ,** бозии қадимаи тоҷикӣ ва дар байни дигар мардумони ҷаҳон паҳнгашта буда [104, с.461], мардуми Данғара ба он шавқи калон

доранд. Он дар чорабиниҳои ҷашни Наврӯз ва тӯю маъракаҳои ифтихорӣ гузаронида мешавад. Муҳаққиқ Д. Раҳимӣ истилоҳи қадимаи онро аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ пайдо кардааст, ки дар асри XV ниёгони мо онро «панҷатобӣ» мегуфтаанд [52, с.345]. Бозӣ зурозмоӣ, ҳарбӣ аст.

**3.Арғунчакбозӣ,** ин бозиро духтарони қадрас дар рӯзҳои наврӯзӣ ва кӯдакон дар фаслҳои гарми сол бозӣ мекунанд. «Байни мардум чунин боварӣ аст, ки: *агар мардҳо арғунчакбозӣ кунанд, ҳангоми шикор ба шах - ҷарӣ меафтанд* [70, с.116]. Муҳаққиқи бозиҳо Д. Раҳимӣ навиштааст, ки онро дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо номҳои *бодпеч*, *ҳойбозӣ* ва *ҳойбод* низ ном мегиранд [88, с.32].

Санъатшинос Н. Нурҷонов онро дар байни бошандагони водии Қаротегин «ҳойбодак» гуфтааст [167, с.117], муҳаққиқ С. Сафаров бошад, навиштааст: «Байни минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бештар бо номи «арғунчакбозӣ» машҳур аст [104, с.448], лекин дар аксари деҳаҳои ноҳияи Данғара, мисол: дар деҳаҳои Хуррамзамин, Булёни Боло, Булёни Поён ва ғайра онро *ҳойбозӣ*, ё *ҳой рафтан* мегӯянд.

Мардумшинос М.С. Андреев навиштааст, ки: «ин бозии миллӣ буда, дар иди Наврӯз хусусияти рамзӣ дорад [31, с.129-130].

Сокини ноҳия С. Раҳматуллоев (с.т. 1931) оид ба омода кардани арғунчак чунин гуфт: «Дар шохи дарахти чанор, тут, болочӯби дарвоза ва ғайра арғамчини мустаҳкамро меовезанд ва онро гиреҳ карда, ҷои нишаст дуруст мекунанд. Баъд бозигарон бо навбат яке ба арғунчак нишаста, дигаре ӯро алвонҷ медиҳад» [237].

Дар баъзе оилаҳо падару модарон барои фароғати фарзандонашон *ҳой*-ро дар ҳавлии хонаашон месозанд, ки кӯдакони ҳамсоя низ аз он истифода мекунанд[1]. Мувофиқи ривояти мардумӣ: «*Дар иди Наврӯз касе, ки ҳой меравад, гуноҳҳояш пок мешавад» [70, с.116].*

---

1 Дар давраи истиқлолият дар ҳавлии хона ҷой додани ҳойҳои филизӣ ва аз он истифода бурдани кӯдакон ва калонсолон маъмул гаштааст.

Арѓунчакбозӣ дар байни дигар миллатҳо низ паҳнгашта буда, онро ӯзбекҳо «белиншак», қирѓизҳо «шелкиншек» [105, с.183] ва туркманҳо «ушак» [46, с.19] ном мегиранд.

**4.Барфӣ**. Бозии қадимаи халқӣ буда, он дар шакли нома, мактуби барфӣ дар навбати аввал барои дӯстон, дар рӯзи барфи аввалин ирсол мешавад[104, с.454]. Дар мактуб шартҳои хӯрокҳои лазиз, то забҳи бузу гӯсфанд, "сару по" пешниҳод мегардад. Шахсе, ки "барфӣ" мекунад, ягон дӯст ё шахси наздикашро интихоб менамояд ва барои иҷроиши ин амал худро омода мегардонад. Яъне барои аз таъқиб халосӣ ёфтан ва гурехтан либос ва пойафзоли сабук интихоб намуда, барои ҳушу ёди хонадорро ба худ ҷалб кардан ягон саргузашт, воқеаи аҷиб, хабар ё воқеаи рӯзҳои охир дар маҳал рӯхдодаро ба шахси интихобкарда нақл мекунад. Сипас "барфӣ"-ро ноаён дар шакли нома (хатча) дар ягон ҷои хона (таги кӯрпача, даруни чойнак, даруни чевон...) пинҳон менамояд ва имкон ёфта пиёда ё савора мегурезад.

Соҳибхона барфи аввалро дида, агар шӯхтабиат бошад[1], дарҳол дарк месозад, ки ба ӯ ҳоло "барфӣ" меоранд, ҳатто пай мебарад, ки ин амал аз тарафи кӣ иҷро мешавад.

Мувофиқи гуфтаҳои калонсолон солҳои пеш таъқибкунанда (ҳариф) агар номаовардаро медошт, ба сару рӯяш сиёҳии дег шакида, дар гирди деҳа дар хар ё асп чаппа савор карда, мегардонданд. Ва, оваранда ё шахсе, ки ба ин бозӣ восита шудааст, шарти бозиро бойдода ҳисоб шуда, худаш шартҳои "барфи"-ро иҷро мекард"[104, с.454]. Фарқ аз Данѓара дар водии Ҳисор бошад, "агар шахси паёмовари "барфӣ"-ро доранд бо сиёҳии дег рӯяшро сиёҳ намуда, ба хар чаппа ва дар баъзе маврид бурёро сурох карда, аз гардани "гунаҳгор" мегузарониданд"[121, с.220].

**5.Чанабозӣ.**

Асбоби бозӣ: чана.

---

[1] Барфиро бисёртар ба он шахсоне мекунанд, ки дар ҳаёт шӯхибардоранд, чунки дар рафти ин амал ба ҳар гуна шӯхӣ даст мезананд

Ҷойи бозӣ: теппа, ҷойҳои нисбатан баланди нуқтаҳои аҳолинишин

Ин бозии зимистона буда, духтару писаракон бозӣ мекунанд. Чанабозӣ бозии қадимист. Барои он аз чӯбҳои сахт ва оҳан чана тайёр мекунанд. Писару духтаракон ба чана савор шуда, онро аз баландӣ ба поён тела медиҳанд. Чанабозиро бисёртар он кӯдаконе, ки ҷои зисташон дар доманакӯҳҳо релефи ноҳамвор дорад, ё ин ки дар баландиҳо ҷойгир буда, вақти бештар он ҷо барф об нашуда меистад, бозӣ мекунанд.

Солҳои пеш дар маркази ноҳия низ, ки барфи зиёд мебориду зимистон сард буд, кӯдакон чанасаворӣ мекарданд.

Чанабозӣ барои бачаҳо хурсандӣ ва болидарӯҳӣ оварда, онҳо соатҳои дароз аз бозӣ даст кашида наметавонанд.

**6.Лаѓжонакбозӣ.** Ба мисли чанабозӣ дар сармои зимистон гузаронида мешавад. Бачаҳо ҷойҳои нишебро интихоб намуда, баъди боридани барф аз пагоҳӣ то баромадани "чашми офтоб" бозӣ мекунанд. Баъзан бачаҳои нисбатан калонсол бегоҳӣ, пеш аз "аёс"[1] сар шудан дар нишебиҳо об мерехтанд, ки он ях гашта, саҳари дигар барои лаѓжонакбозӣ мувофиқ гардад. Аслан ин бозии бачагона мебошад, лек баъзан духтарон низ алоҳида бозӣ мекунанд.

**7.Гулбазм.** Гулбазм - маҳфили шеърхониро мемонад. Иштирокчӣ гул дар даст байт ё порчаи шеъриро ба номи гул қироат карда, сипас гулро ба каси дилхоҳаш: чархзанон, рақскунон бо имою ишора, дастҷунбонию пойафшонии хос бо шефтагӣ медиҳад. Гул даст ба даст гашта, шеърхонӣ давом мекунад. Одатан он ба бозии байтбарак ва аскиябозӣ [104, с.449] монанд аст, ки гурӯҳи духтарон бо бачаҳо бозӣ мекунанд. Дар ҷашнҳои Наврӯзӣ ин бозӣ бисёртар шакли мусобиқаро мегирад [104, с.458].

Ҳамин тавр, ин бозӣ дар ноҳияи Данѓара, махсусан, дар солҳои 80-90 - уми асри гузашта ва аввали солҳои истиқлолият ба ҳукми анъана даромада буд ва ҳамин, ки дар тӯйҳо қисмати ҳофизӣ поён меёфт,

---

[1] Хунукиҳои шабонаи чиллаи зимистон.

баранда аз оғози гулбазм нидо мекард ва писару духтарон дар он бо хӯрсандӣ иштирок мекарданд.

Ҳамин тариқ, муайян кардем, ки ин бозӣ дар тамоми гушаҳои Тоҷикистон паҳншуда мебошад. Дар кӯҳистон ин бозии маъмулӣ маҳсуб ёфта, ҳангоми боридани барфи аввал, дар фарорасии фасли зимистон иҷро мегардад. Вақте, ки барфи аввал меборад, бо дидани он ҳама хурсанд мешаванд, чунки онро ҳама интизорӣ мекашанд ва чун ҷашни зимистон "барфӣ" мекунанд. Шахси бозиро бой дода ҳангоми иҷрои шарти бозӣ ҳамсояҳо ва дӯстони наздикро низ ба зиёфат даъват менамояд. Дар вақти хӯрдани зиёфат то дергоҳ дар бораи бозии кардаашон ва рафти он сухан карда, хушҳолӣ мекунанд. Баъди ин, зиёфат додани қурутоб[1] дар маҳал ва деҳаҳо оғоз мешавад ва ҳар шахси ҳиматдошта қурутоб омода намуда, ҳамсояҳоро ба хонааш даъват менамояд[91, с.108].

Ин бозӣ дар давраи соиҳбистиқлолӣ низ байни сокинони деҳоти ноҳия машҳур буда, иҷро мегардад.

**8.Тубуқбозӣ.**

Асбоби бозӣ: тубуқ, устухоне аз гӯсфанд ё буз

Бозии маъмулии қадима буда, байни ду кас (аслан калонсолон) бозӣ карда мешавад. Шояд он бозии аз ҳама тӯлкашанда дар байни дигар бозиҳо бошад. Бозӣ чунин оғоз меёбад: ҳангоми дар маърака хӯрдани гӯшти таом ба дасти касе "тубуқ" меафтад. Ӯ онро ба ягон ҳамсоя ё дӯсташ, ки наздаш нишастааст медиҳад. Дӯст ё ҳамсоя дарҳол моҳияти корро фаҳмида, бо табассум аз ӯ мепурсад: шарташ чист? Шахси тубуқдода шарташро дар шоҳидии шоҳидон мегӯзорад ва бозӣ оғоз меёбад.

Рафти бозӣ: Шахсе ки тубуқро додааст вақти мадиде онро намепурсад (ҳафтаҳо, моҳҳо ва шояд солҳо). Ӯ лаҳзаеро интизор мешавад, ки рақиб дар ҳолати ногувор бошад ва сипас тубуқро талаб

[1] Қурутро як шаб тар намуда, дар об ҳал мекунанд ва сипас дар табақ гирифта дар он фатири гарм ва пиёзи хомро реза намуда, аз болояш равзани зарди доғ намударо мерезанд. Қурутоб дар фасли зимистон хӯроки маъмулии мардуми Данғара мебошад.

мекунад. Рақиб ҳангоми талаб дарҳол тубуқро ба ӯ бояд пешкаш кунад, вагарна бозиро бой дода, шарти дар бозӣ мондаро иҷро мекунад. Дар ҳолати пешкаш кардани тубуқ ӯ бозиро бурда, аз шахси тубуқдода шарти гузоштаро талаб мекунад. Дар вақти иҷро накардани шарт шоҳидони бозӣ даъват мегарданд.

Ҳангоми пажӯҳиши ин бозӣ сокини деҳаи Талхоб Гадоев Ҳайдар [214] гуфт ки: Карим ном шахс аз Барот ном рақибаш аз деҳаи Кулли Сӯфиён баъди 20 сол тубуқашро талаб кардааст. Барот тубуқро доимо бо худ гардонада, дар лаҳзаи талаби Карим ба ӯ дода бозиро буридааст.

Аз рӯйи гуфтаи сокини шаҳраки Данғара Тоқсанов Маҳмазариф [243] боре дар деҳаи Убачанори ноҳияи Балҷувон мардеро баъди чанд сол рақибаш дар даруни об ҳангоми оббозӣ кардан, бе тубуқ дида, онро талаб мекунад, аммо он мард тубуқро аз даҳонаш бароварда, ба рақиб пешкаш ва бозиро мебарад.

Ҳангоми таҳқиқот муайян кардем, ки ин бозӣ махсусан солҳои 40-70 байни  калонсолон маъруфият дошт. Он чунон ба ҳукми анъана доромада буд, ки агар ба касе, тубуқ пешкаш мегардид, ӯ ҳақи аз бозӣ рӯ гардондан надошт. Ягона шарти аз бозӣ баромадан, тубуқро дар пеши ҳама хоида-хоида хӯрдан буд.

Аксари тубуқдорон онро сурох карда, чун тумор дар гардан меовехтанд.

**Ҳамин тариқ,** бозиҳои варзишии тезҳаракат ва мавсимӣ барои солимии насли наврасу ҷавон ҷиҳати обу тоб додани бадан, солимии рӯҳиву ҷисмонӣ ва фароғати кӯдакону наврасон аҳаммияти хеле калон дорад. Аз ин рӯ эҳё намудан, ҳифз ва нигоҳдошти ин бозиҳо дар миёни насли наврас ҷиҳати худшиносиву худогоҳӣ кӯмак мекунад. Аммо, мутаассифона, бо зуҳури технологияҳои нав қисме аз ин бозиҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта истодаанд.

Таҳқиқот муайян мекунад, ки дар давраи шуравӣ мардуми ноҳияи Данғара ба бозиҳои варзишӣ, аз қабили «бузкашӣ», «аспдавонӣ», «гӯштингирӣ», «бандкашӣ бо гардан»; бозиҳои мавсимӣ-«тухмбозӣ»,

«арғунчакбозӣ», «дастхобонӣ» ва ғайра пас аз анҷом ёфтани корҳои саҳроӣ дар деҳот; инчунин бачаҳо дар фасли сармо ба «почобозӣ», «дура дар мех», барфӣ, чанабозӣ, лағжонакбозӣ ва дигар бозиҳо машғул мешудаанд. Ба бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ дар баробари калонсолон кӯдакону наврасон ва ба бозиҳои варзишӣ бештар ҷавонон ва бузургсолон шуғл доранд. Бозиҳои варзишӣ, аз қабили «арғамчинкашӣ», «бузкашӣ» ва «гӯштингирӣ»; барои солим нигоҳ доштани тан бозиҳои серҳаракат аз қабили: «ликакбозӣ», «чиликдангал», «харакамбор» (адмирно), «ҷанчулабозӣ», «тарзанбозӣ» ва ғайра дар байни мардуми Данғара паҳн гашта буданд.

## 3.2. Бозиҳои бачагону наврасон

Дар ҳама маҳалу ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бачагону наврасон бозиҳои гуногун роиҷ буд. Дар ноҳия Данғара низ кӯдакону наврасон вобаста ба сину сол ба бозиҳои гуногун машғул мешуданд. Қисме аз ин бозиҳо доимӣ ва қисмеашон мавсимӣ буданд, ки зимни таҳқиқ бештари онҳо омӯхта шуданд . Яке аз чунин бозиҳо «Тути тал» аст. Ин бозӣ ба гурӯҳи бозиҳои хушҳолкунанда дохил шуда, то солҳои 80-уми асри гузашта дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар ноҳияи Данғара духтару писарбачаҳои атфол бо иштироки нафаре аз калонсолон (ба ҷойи довар) бозӣ мекарданд (расми 3.4) [170, с.62-63]. Дар водии Рашт онро «тути кал» ном гирифта порчаи шеъриаш нисбатан фарқ мекунад [109, с.113-114]. Дар деҳаи Ҷартеппа (ҳоло Хуррамзамин)-и ноҳияи Данғара баъди давра нишастани писару духтаракон довар (шахси калонсол, ё нафаре аз бозигарон нисбатан калонтар) тути тал[1] гуфта, порчаи шеъриеро мехонданд, ки чунин аст:

Тути тал, тутмони тал,
Панҷа «прешони» шакар.
Аҳмадак «чилоқ шид, булоқ шид»,

1 Шояд, бо лаҳҷаи кӯдакона онро тути тал, на тути кал мегуфтанд, ё шояд ба маънии тути бисёр: тутро болои ҳам рехтан, тал кардан омадааст.

Дег дар дегдони самарқандӣ об шид.

Эй холаи Давлатбӣ[1], туро меган табибӣ,

Андаркашу мандаркаш, як пову як даст баркаш.

Дар ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин ва Фархор порчаҳои шеърӣ каме дигаргун буда, онро чунин мехонанд:

«Тути тал, тутмони тал,

Панҷа парешони шакар.

Ҳафтодро, ҳаштодро,

Мех ба мехи оҳанӣ.

Зилзиламо кулча биёр,

Аз дари мурича биёр.

Андаркашу мандаркаш,

Ҷони модар пота каш» [103, с.138].

Дар шаҳру деҳоти Ҳисору Файзобод низ матни тарона фарқ аз Данғара дигаргун буда, чунин хонда мешавад:

Тали тал, тутали тал.

Панҷа парешони шакар.

Аҳмадак чулоқ шуд, булоқ шуд.

Дар даштаку биёбон,

Бе тушаву талқон шуд.

Андар каш, бандар каш.

Қамчин зан, як пота каш [88, с.155-156].

Дар ин бозӣ аз 8 то 10 нафар писару духтаракон давра нишаста, пойҳою дастонашонро бо ҳам наздик дароз мекунанд. Довар ангушти ишоратиашро ба пойю дастони бозигарон расонида, шеъри дар боло овардашударо хонда истода, бо навбат баъди ҳар калима дасташро ба пойю дастони бозигарон мерасонад ва мисраи охиронро канда-канда хонда, «як пойю дастатро каш» гуфта, ба бозигаре, ки калимаи охир мерасад, муроҷиат мекунад. Агар он бозигар дарҳол як пойю дасташро

---

1 Дар деҳаҳои мухталиф ба ҷои номи Давлатбӣ-Савлатбӣ, Майрамбӣ ва ғайра гуфта мешуд.

накашад, довар пой ё дасти ӯро *мепучад* ва он дар лаҳза аз бозӣ мебарояд. Ҳамин хел бозӣ то он вақте, ки як нафар бозигар мемонад, идома меёбад ва ӯ ғолиб дониста шуда, сипас бозӣ аз нав оғоз меёбад.

Дар китоби «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз» муҳаққиқ ибораи «Кавча бибар, кавча биёр. Бар дари дугдони самарқандӣ» [109, с.113]-ро таҳлил карда, маънои ин қисми шеърро номуайян гуфтааст. Он дар лаҳҷаи мардуми Данғара бо шакли *«Дег дар дегдони самарқандӣ об шид»* омадааст, ки давраҳои пайдоиши ин мисраҳои шеъриро дар бозӣ нишон медиҳад. Сокини деҳаи Талхоб Ҳ. Гадоев (с.т. 1926) мегӯяд, ки: «Дар мисраи шеърӣ «дегдони самарқандӣ» гуфта, бухории филизӣ[1] (печкаи тунукагӣ-печкаи шаҳрӣ)-ро дар назар доранд, ки нисбати чагдончаю дегдонча дегро тезтар гарм карда, худ аз гармии оташ сурх мегашт» [214]. Яъне гуфтан мумкин аст, ки ин порчаи шеърӣ дар давраи аввали пайдо гаштани бухориҳои филизӣ дар Данғара ба вуҷуд омадааст ва калиами кавча ченаки андоза, вазн буда, шояд ба ҳамин маъно омадааст.

Агар дар бозӣ шумораи бозигарон аз 10-12 нафар зиёд гардад, довар давраро калон намуда, худ дар байн менишинад, вагарна аз давра берун рост ё нишаста, бозиро мегузаронад [246].

Дар ноҳияи Панҷи минтақаи Кӯлоб низ ин бозӣ маъмулӣ буда, ҳангоми бозӣ дар байни давра чӯберо рост мехалонанд ва шахси мағлубшуда посбони тоқии болои чӯб мегардад [151, с.164-179]. Дар деҳаи Вахони ВМКБ порчаи шеърӣ на ба забони маҳаллӣ, балки бо тоҷикӣ суруда шуда, калимаи *тути*-ро на чун дарахти тут, балки чун «парандаи тутӣ» мешуморанд [70, с.105].

Бозии «Тути тал»-ро инчунин, барои қуръапартоӣ дар дигар бозиҳо: «баҷошавакон», «чашмбандӣ», «пиш-пишакон» ва ғайра истифода мекунанд. Ҳамин тавр, ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки ин бозии кӯдакона маъмулӣ ва дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон паҳншуда

---

1 Баъдан он на “самарқандӣ” балки “бухорӣ” - ро ном гирифт, ки алҳол дар забони адабии тоҷикӣ қабул гаштааст.

буда, мисраҳои шеърии он дар ноҳияҳои алоҳида эҷоди мардуми он маҳал мебошанд.

Бозии дигар **хоначабозӣ** аст, ки дар фасли сармо дар хонаи яке аз бозигарон ва дар фаслҳои гарм дар боғча, ҳавлии хона, дар сояи дарахт гузаронида мешавад.

Асбоби бозӣ: ҳар гуна латтапора, лухтаку шаҳкаки худсоз.

Ин бозиро дар Ванҷ «лухкакбозӣ», дар Язғулом «вабакбозӣ», дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон: «Лефтакбозӣ, луфтакбозӣ, лухтакбозӣ, лубатакбозӣ» [98, с.111] дар Афғонистон «навакабозӣ» меноманд [129, с.102]. Дар Эрон лухтакро арӯсак мегӯянд [99, с.358]. Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки ин бозиро кӯдакон дар Данғара: «хоначабозӣ», «лоқбозӣ», «луфтакбозӣ» ё «зочабозӣ» ном мегиранд.

Сокини ноҳия С. Маҳмадшоева (с.т. 1956) мегӯяд: «Ба ин бозӣ духтарчаҳои то ҳафтсола машғул мешаванд, лекин баъзан писарбачаҳои то сесоларо, ки модарон ба апаҳояшон вобаста мекарданд, онҳоро низ ба бозӣ «қуш» (ҳамроҳ) мекунанд ва онҳо дар бозӣ нақши фарзандро мебозанд» [227].

Иштирокчиёни бозӣ гӯшаеро хонаи худ интихоб намуда, ба созу пардоз намудани он мекӯшанд. Барои ин бозӣ ҳар духтарак дар халта «лоқ»[1], лухтак, ва шаҳкак [109, с.97-98] дорад.

Ҳангоми бозӣ духтаракон хонаҳояшонро бо табъу маҳораташон оро медиҳанд. Аз чӯбу латтапора ва риштаҳои ранга бо ёрии модару бибиҳо ҳар гуна лухтакҳои омода намудаашонро [170, с.22-94] дар гӯшае ҷо медиҳанд. Баъди омода кардани хона ба хонаи якдигар «рафту омад мекунанд». Дар рафти ин бозӣ кӯдакон модарони худро тақлид менамоянд.

Тарзи дигари лухтакбозӣ ки дар Данғара маъмул аст, ***тӯйбозикунакон*** ном дорад.

Рафти бозӣ: Чун дар бозии хоначабозӣ духтаракони хурдсол хонаҳои худро омода намуда, аз як хона арӯс ва аз хонаи дигар шаҳкакро

1 Ҳар гуна пораи матоъ ва предметҳое, ки аз нигоҳи кӯдак мароқовар аст.

якҷоя тӯй мекунанд. «Он бозии дӯстдоштаи духтаракон мебошад» [171, с.81-98]. Баъзан ба ҷои лухтак ва шаҳкак (домод) кӯдакони нисбатан хурдсолро «шаҳу арӯс» мекунанд. Яке дойра мезанад, дигарон «дар тӯй *арғушт* мераванд». Домодро зери садои дойра ба хонаи арӯс ва сипас арӯсро ба хонаи домод мебаранд. «Қудоҳо сари якдигарро *сафед* мекунанд». Умуман дар ин бозӣ рафти тӯйи хонадоршавии арӯсу домод тақлид карда мешавад.

Ҳангоми таҳлил муайян кардем, ки он дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон байни кӯдакони хурдсол машҳур аст. Онро дар Қаротегину Дарвоз «арӯсбозӣ» меноманд [109, с.113-114]. Гарчанде, бозӣ эҷоди мардуми кулли тоҷик аст, аммо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон аз ҷумла Данғара вобаста ба рӯзгузаронии сокинони он каме дигаргун гаштааст.

Ин бозӣ вазъи руҳии кӯдаконро баланд карда, онҳоро ба ҳаёти оянда омода месозад.

**«Гълакбозӣ»** (гулакбозӣ), ин бозиро солҳои 50-80-уми асри гузашта, дар ҳамаи деҳаҳои ноҳия кӯдакони 5-8-сола бозӣ мекарданд.

Ҷойи бозӣ: майдончаи деҳа, гузар, саҳни ҳавлӣ.

Маводи бозӣ: шикастаи гулдори чинипораҳо.

Рафти бозӣ: ду ё се нафар бачаи хурдсол байни худ қуръапартоӣ мекунанд. Нафари мағлуб тарафи бегули чинипораашро мехобонад ва ҳариф бо чинипораи худ як тарафи онро зер карда, бо зарби ногаҳонӣ мекушад, то тарафи гулдори онро гардонад. Дар ҳолати *чапагардон* кардан чинипора аз они ӯ мегардад, вагарна, ӯ чинипораашро хобонда, ҳариф амали ӯро такрор мекунад. Истифодаи чинипораҳо дар бисёр минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар бозии кӯдакони деҳаи Ворӯи ноҳияи Панҷакент, ки онро «устухонсафедак» меноманд дида мешавад [48, с.127-128], аммо моҳияти бозии онҳо фарқ мекунад.

Бо усули «гълакбозӣ» инчунин, тугма [88, с.153] ва коғази болои *қанфит* (конфет)-ро низ истифода мебурданд. Кӯдакон дар ноҳияи Данғара онро «адучайбозӣ» меномиданд.

Дар рафти пажӯҳиш муайян кардем: ин бозӣ кӯдаконро хушҳол карда, ба баландшавии кайфияти руҳии онҳо мусоидат мекунад. Дар давраи шуравӣ он дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ бо каме тағйирот бозӣ карда мешуд. Дар давраи истиқлолият бошад, аз байн рафтааст.

**Тоқипартояк.**

Ҷойи бозӣ: саҳни ҳавлӣ, майдончаи деҳа.

Асбоби бозӣ: тоқиҳои куҳнаи бачагона.

Рафти бозӣ: барои ташкил кардани бозӣ як гурӯҳ бачаҳои 7-12 сола дар як ҷо ҷамъ меоянд. Яке аз онҳо, ки сардари бозӣ интихоб мегардад, шарти бозиро ба дигарон фаҳмонда, тоқии худро ба ҳаво мепартояд ва дар вақти аз ҳаво афтодани тоқӣ онро медорад. Дигарон низ ин амалро бо навбат иҷро мекунанд. Нафаре, ки тоқиашро дошта наметавонад, аз рӯи шарти бозӣ онро худаш болои санг гузошта, дигарон як маротиба бо санг мезананд [109, с.110].

Сардари бозӣ аввал тоқиашро паст ва оҳиста-оҳиста баландтар мепартояд. Дигарон низ бояд ҳар гоҳ ба баландии партофтаи ӯ тоқиашонро ҳаво диҳанд.

Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем: байни тоҷикони Тоҷикистону Ӯзбекистон бо тоқӣ бозӣ кардан ҳанӯз дар замонҳои қадим мушоҳида мегардидааст. Намунаи он Ғирғирбозӣ [183, с.187], «Тоқибаҷокунак», «Тоқи ойдиҳак», «Манғирша» ва «Ғир-ғири майдун» дар байни мардуми Қаротегину Дарвоз [108, с.110-116], «Тоқигурез», «Тоқичилкес», «Тоқизанак-гурехтанак» дар ноҳияи Муъминобод ва «Тоқинакбозӣ» дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад [88, с.149-150]. Аммо бозии «тоқипартояк» хоси бачаҳои деҳаи Ҷартеппа (ҳоло Хуррамзамин)-и Данғара буда, дар дигар ҷойҳо мушоҳида нагаштааст. Солҳои охир бо тоқӣ бозӣ кардани бачаҳо мушоҳида намегардад, ки дар ин бора муҳаққиқ Д. Раҳимов чунин навиштааст: «Даҳсолаҳои пеш бо тоқӣ бозӣ кардан маъмул буд. Аммо бо сабаби кам гаштани тоқипӯшии бачаҳо ин бозиҳо аз байн рафтаанд» [116, с.174].

**Зоғ парид.** Дар ин бозӣ писарон ва духтараконӣ то 10-сола якҷоя бозӣ мекунанд. Баъзан дар хонавода падару модарон барои хушҳолии фарзандонашон бо онҳо бозӣ карда, нақши доварро иҷро мекунанд.

Ҷойи бозӣ: Хона, саҳни ҳавлӣ ё кӯча.

Рафти бозӣ: ҳама бозигарон давра нишаста, ангуштони ишоратиашонро дар байн – якҷо мегузоранд. Иштирокчии аз ҳама калонсол (дар нақши довар) номи ҳайвон ё парандаеро гирифта, ангушташро мебардорад. Мисол: гӯсфанд парид мегӯяд. Агар касе аз бозигарон дар ин ҳолат ангушташро ҳамроҳи довар аз давра бардорад, аз бозӣ хориҷ мегардад. Чунки гӯсфанд паранда нест. Ё агар: зоғ парид гӯяду ҳама ангушташро бардошта касе набардорад, ӯ низ аз бозӣ хориҷ мегардад. Чунки зоғ паранда мебошад.

Бозӣ то он вақте давом мекунад, ки яке аз иштирокчиҳо танҳо монад. Бозигари танҳомонда ғолиби бозӣ дониста шуда, бозӣ бо иштироки ҳамаи бозигарон аз нав оғоз мегардад.

Ин бозӣ фақат хоси мардуми Данғара набуда, онро дар бисёр минтақаҳои Тоҷикистон бо номҳои мухталиф бозӣ мекунанд. Дар водии Рашт он бо номи «буданапринг» ва «зоғпринг» машҳур аст [109, с.103]. Дар водии Ҳисору Зарафшон бошад, бо номи «будана парид» ва «пар-пар» маъруф мебошад [88, с.42-43].

Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем: рафти бозӣ қариб дар ҳама ҷо як аст, аммо каме дигаргуниҳо дида мешавад. Мисол: дар водии Рашт бачаҳо ба каси бозиро бойдода ҷазо пешбинӣ мекунанд, дар ноҳияи Данғара бошад, ҷазо дода намешавад.

Дар рафти ин бозӣ бачаҳо ба ҳаяҷон афтода, ҳолати руҳиашон хуб мегардад. Аз бачаҳо мушоҳидакорӣ, бодиққат буданро тақозо менамояд.

**Арғамчинбандон,** дар ин бозӣ писарон бо духтарон якҷоя бозӣ мекунанд.

Ҷойи бозӣ: саҳни ҳавлӣ, боғча.

Шарти бозӣ: баъди қуръапартоӣ нафаре, ки охирон мемонад, миёнашро бо банд ва чашмонашро бо латта мебанданд. Охири дигари

бандро ба ягон сутун ё танаи дарахт тарзе мебанданд, ки бозигар гирди он давр зада тавонад. Дарозии банд байни бозигар ва сутун на зиёда аз 3 метр бояд бошад.

«Бозигарон бо навбат ба пушти сари шахси басташуда «шаппотӣ» мезананд. Бозигари басташуда бачаи шапотизадаро кӯшиши қапидан мекунад, лекин ӯ зуд гурехта, аз доираи ҳаракати бозигари басташуда мебарояд ва бозигари басташуда дигар ӯро дастгир карда наметавонад. Каси дигар дар навбати худ садо набароварда ба пушти сари ӯ мезанад ва ҳамин тавр бозӣ то доштани яке аз иштирокчиён давом мекунад. Агар бозигари басташуда шахсеро дастгир намояд, ӯ дар навбати дигар баста шуда, аввалӣ озод мешавад»[1].

Бозии «Арғамчинбандон» аз бачагҳо қоидаҳои ботартибона амал кардан, ҳушёрӣ, чустучолокӣ ва мушоҳидакориро талаб намуда, дар рафти бозӣ ҳолати рӯҳии онҳо хуб мегардад.

**Чашмбандак** [104, с.455], бозии қадима буда, дар байни ҳама миллатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла тоҷикон дида мешавад. Онро ба забони русӣ «Жмурки» [56, с.16] меноманд. Дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон бо номҳои «чашмпӯшак» ва «чашмпӯшакон» низ машҳур аст [88, с.181].

Ҷои бозӣ: майдончаи деҳа, саҳни ҳавлӣ, боғчаи бачагон.

Рафти бозӣ: дар ин бозӣ бачаҳои бисёр (як гурӯҳи тифлони боғчаи бачаҳо, ё ҳайати як синф) аз 4 то 25 нафар гирд омада, чашми нафареро бо латта мебанданд. Баъд касе бачаи чашмонаш бастаро нихта мекунад. Ӯ бояд бо чашмони баста он касро бо ҳаракати тез дастгир кунад. Дар ҳолати қапидан ҷои ӯро бадастафтода мегирад ва бозӣ идома меёбад.

Ин бозӣ намудҳои зиёд дорад. Ҳангоми пажӯҳиш муайян кардем, ки се намудаш дар ноҳияи Данғара паҳн гаштааст. Як намудаш аз рӯи овоз

---

1 Рафти ин бозиро ҳангоми пурсишҳои саҳроӣ аз сокини деҳаи Сафобахш Валиев Умедҷон. (с.т. 1983) навишта гирифтем. Ӯ дар бораи ин бозӣ аз бобояш Холиқов Қодир (с.т 1930), ки алҳол, дар қайди ҳаёт нест, шунида будааст Аз рӯи гуфти У. Валиев ин бозиро дар деҳаҳои Пехо, Билисуф, Ҳафткала, Шаршари бобои Муллоамони ноҳияи Данғара бозӣ мекардаанд.

ёфтани бозигари дигар мебошад: яке аз бозигарон овозашро тағйир дода, чизе мегӯяд. Бозигари чашмаш баста бояд овози ӯро шинохта, номашро гирад. Агар номи он касро дуруст ёбад, бозӣ аз нав оғоз меёбад, вагарна бозӣ бо чашмони бастаи бозигари аввала идома меёбад [109, с.108].

Дар бозии дуюм бозигари чашмаш бастаро дар байн гузошта, гирдогирди ӯ давр мезананд. Бо фармони ногаҳонии сардори даста даврзанандагон шах шуда меистанд. Бачаи чашмонаш баста якеро медорад, он кас овозашро тағйир дода, номи худро нагуфта, номи яке аз иштирокчиёни бозиро мегӯяд. Бачаи чашмбаста агар овози ӯро шинохта, номашро дуруст ёбад, бозӣ аз нав оғоз гашта, чашмони каси номаш ёфтаро мебанданд, вагарна бозӣ чун пештара идома меёбад.

Як намуди чашмбандакро дар Доғистони Қафқоз «Чашмбандӣ дар давра» [108, с.44] меноманд, ки бозӣ дохили давраи кашида, сурат мегирад.

Бозии «Чашмбандак» барои инкишофи эҳсосу идроки шунавоии бачаҳо мусоидат карда, дар онҳо бодиққат буданро тарбият мекунад [25, с.6-18].

**8. Сангчилбозӣ**, бозии маъмулии мардуми тоҷик буда [171, с.81-98], дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон дар фаслҳои зимистону баҳор ва махсусан айёми иди Наврӯз бозӣ мекунанд (расми 3.3).

Ҷойи бозӣ: даруни хона, лаби ҷӯ, саҳни ҳавлӣ, боғча.

Онро дар води Хуф «жилбок-бехт», дар Шуғнон «санҷак- бехт» дар Рӯшон «ҷилбок-бехт» [31, с.112-113], дар минтақаи Кӯлоб «сангчил» ё «сангчилбозӣ», дар баъзе минтақаҳо «ҳаппакбозӣ» инчунин, «сангчакбозӣ» [104, с.474] ва «панҷабозӣ» меноманд [88, с.139].

Асбоби бозӣ: сангчаҳои суфтаи лаби дарё, қутраш тахмин 1,3-1.6 см.

Рафти бозӣ: онро духтаракон бо се, чор ва панҷ «санчил» (сангчил) бозӣ мекунанд. Дар вақти бозии панҷсангчила чор сангчилро дар замин гузошта, якеро ба ҳаво мепартояд ва то сангчили партофташуда ба замин афтодан, бозигар бо ҳаракати чолокона чор санчили дар замин

бударо мегирад ва санги ҳавододаро аз ҳаво дошта, ба онҳо ҳамроҳ мекунад. Баъди ин бозигар: *якаг, дугак, сегак, чоргак,* – гӯён сангчилҳоро монда, дар вақти партофтани сангчили сармуҳра онҳоро аз замин мегирад.

Пас аз ин амалҳоро иҷро кардан, ҳар чор сангчилро пушти даст партофта «пушти ало» мегӯяд ва бо як чолокӣ онҳоро ба ҳаво партофта, боз аз сари нав «чун ҳамлаи мор» дошта мегирад [104, с.474]. Сокини ноҳия Ҳ. Шарифова (1976) мегӯяд: «Ин намуди партофтро духтаракон «қарч» мегӯянд» [255].

Аз рӯи мушоҳидаҳо: ҳангоми иҷрои яке аз ин амалҳо, агар бозигар хато карда, сангчилро дошта натавонад, навбати бозӣ ба бозигари дигар мегузарад. Барои бозӣ маҳорати чобуконаи даст лозим аст. Дар ин бозӣ ду ва зиёда духтаракон бозиро ташкил карда метавонанд.

«Дар деҳаҳои Пушинг, Алиҷон ва Ғарғара бозии сангчилро аз *ягак, дугаг, сегаг* оғоз намуда, сипас: *шапак, қарчак, резвон* ва дар охир бо *таҳчиликак* тамом мекунанд» [255]. Сокини ноҳия М. Тоқсанов (с.т. 1951) мегӯяд, ки: «Дар солҳои 50-60-уми асри XX ин бозиро ҳатто занҳои ҷавони хонадор, он солҳое, ки лӯлаҳои об набуду ба лаби ҳавзҳо барои шустани гилем ё *обёрӣ* мерафтанд, фориғ аз кор бозӣ мекарданд» [243].

Дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ҳар сангчилро чунин ном мегузоранд: Асо, Нисо, Хайрӣ ва Зебо.

«Ривояте аст, ки гӯё баъди ин бозӣ *дар осмон тиру камон пайдо гашта, борон меборида бошад.* Кӯдакон дар рӯзҳои наврӯзӣ бо умеди дидани тиру камон ба бозӣ мепардозанд ва бо шавқ суруд мехонанд» [251].

Ҳангоми таҳқиқот муайян кардем, ки ин бозии маъмулӣ буда, на танҳо дар ҳудуди ноҳияи Данғара, балки дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон бо номҳои гуногун духтаракон бозӣ мекунанд.

Ин бозӣ аз кӯдакон ҳушёрӣ, тезҳаракатӣ, сурудхониро талаб карда, завқи бадеии онҳоро баланд мебардорад.

**Буҷулбозӣ.** Ин бозӣ таърихи чор-панҷҳазорсола дорад. Буҷулҳои соида дар гӯрҳои асри биринҷ ёфт мешаванд [259].

«Намудҳои гуногуни ин бозӣ дар байни тоҷикон, ӯзбекон, қирғизҳо ва дигар миллатҳои ҷаҳон маъмул мебошанд» (расми 3.6) [63, с.124].

Буҷулбозӣ солҳои пеш дар деҳот ва шаҳраки Данғара бозии маъмулӣ буд.

Ҷойи бозӣ: саҳни ҳавлӣ, майдони гузар, маҳалла.

Асбоби бозӣ: буҷул [56, с.38], ки аз устухони пои бузу гӯсфанд мегиранд. Аксаран писарбачагон бозӣ мекунанд. Он «Байни ҳамаи тоҷикон паҳн гаштааст» [109, с.108-109; 170, с.66, 67, 82].

Муҳаққиқ Д. Раҳимов навиштааст: «Ҳанӯз дар Мисри Қадим ва Бобул дар асри IV пеш аз милод барои фол дидан ва пешгӯӣ кардан буҷул мавриди истифода буд» [88, с.52].

Дар Гурҷистон низ «буҷулбозӣ васеъ паҳн гашта, он ҷо намудҳои мухталифи ин бозӣ дида мешавад. Дар Аҷаристон як намудаш бо номи «кочаоба» байни кӯдакон машҳур аст» [56, с.165].

Буҷул чор тараф ва ҳар тарафи он номи худро дорад. Тарафи болои буҷулро дар қаламрави Данғара «асп», муқобили онро «хар», барҷастагиро «пук» ва муқобили онро «чик» ном мегиранд (расми 3.1). Дар китоби муҳаққиқ Ш.А. Сафаров «Таърихи бозиҳои миллии халқи тоҷик» бошад, чунин омадааст: «Буҷулро дар лаҳҷаи халқӣ тарафи қирадораш-асп (ак), тарафи ҳамвораш хар (ак), тарафи шикамаш (чуқурчааш) «чика» ва пушташро «пика» мегӯянд» [104, с.471]. Чӣ хеле мебинем, тафовути фарқияти номгузорӣ нисбати тарафҳои буҷул дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон кам ба чашм мерасад.

Аммо дар Аҷаристон «пук»-ро баръакс «чук», тарафи «чук»-ро «тапи», «хар»-ро «алчу» ва тарафи «асп»-и буҷулро «тохани» мегӯянд [104, с.471]. Қоидаи бозии онҳо аз бисёр ҷиҳат ба бозиҳои мардуми Данғара монандӣ дорад. Мисол, барои шавқи ҳарифро нагардондан, баъзан бозигаре, ки буҷулҳои дигаронро пурра мебарад, ба онҳо боз

бармегардонад [104, с.471]. Чунин иқдом байни бачаҳои Данғара низ дида мешавад, ки онро «бозии ҳазлонак» мегӯянд.

Бо буҷул бозиҳои гуногун [109, с.109], аз ҷумла бозиҳои қиморро низ мегузаронанд. Аммо аслан бозие, ки писарбачаҳо байни худ дар Данғара бозӣ мекунанд, хушҳолкунанда буда, шаш намуд мешавад: «бологузарак» (расми 3.7), «нахшак» (расми 3.8), «даврабозӣ», «харкуш», «аралаш» ва «гулчӣ» (расми 3.9) [102, с.246-248]. Ҳангоми бозӣ бачаҳо аз «сақаҳо» (расми 3.2), ки аз буҷулҳои нисбатан калонтар тайёр мекунанд, истифода мебаранд.

«Буҷулбозӣ аз қадим дар байни мардуми туркнажод низ бозии маъмулӣ мебошад» [102, с.246-248].

Гарчанде, буҷулбозӣ яке аз бозиҳои қадимтарин ва маъмулии мамлакатҳои ҷаҳон бошад ҳам, аммо дар рафти таҳқиқот муайян кардем, ки баъзе аз намудҳои он ба мисли: «давра» ва «гулчӣ» дар дигар ҷойҳо вонахӯрда, маҳз эҷоди мардуми Данғара мебошанд.

**«Саққабозӣ».** Дар давраи шуравӣ он бозии маъмулӣ буд.

Ҷойи бозӣ: ҷойҳои ҳамвор, саҳни ҳавлӣ.

Асбоби бозӣ: қайроқсанги паҳн, пучоқи конфет, тугма ва ғайра.

Рафти бозӣ: Бачаҳои 5-10-сола байни роҳ ё ҷойи ҳамвор хатти рост кашида, ба ҷои *ген* (буҷул) «адучай» (пучоқ-коғази конфет) *шинонда* (гузошта), бо «сақҷа» (қайроқсанги паҳни лаби дарё ба андозаи кафи даст) *бологузарак* мекунанд. Бо қайроқсанг *гену саққаи лоқдурро* задан нисбати буҷул осонтар мебошад. Бинобар ин, ҳангоми гузаштан бозигарон сангро як маротиба дуртар мепартоянд.

Бо санг бозӣ кардани кӯдакон на танҳо дар Данғара, балки дар байни минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар водиҳои Хуф [31, с.102], Кӯлоб [116, с.169] ва байни мардумони минтақаҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дида мешавад. Мисоли он бозии «Мозодаш» ва «Мураба-Мураба»-и озарбойҷониҳо мебошад [56, с.177]. Аҷибаш ин, ки онҳо низ бо санге, ки мезананд онро «сақҷа» меноманд.

Дар Доғистон низ чунин бозӣ дида мешавад. Он «Гацбур» (ба санг бирасон) ном дорад. Ин бозиро онҳо тобистон бозӣ мекунанд. Баҳору тирамоҳ бошад, ҷои сангро буҷул мегирад [56, с.52].

Мардумшинос Д. Раҳимӣ дар китоби «Бозиҳои анъанавии бачагонаи тоҷикон» ба ин монанд дар бораи «долбозӣ», ки қоғази конфетро истифода мекардаанд, навишта қайд намудааст, ки дар байни бачаҳои Деваштич (собиқ Ғончӣ) ҳам чунин бозӣ бо номҳои «гулабозӣ» ва «ширбом»маъмул аст [88, с.75].

Ҳангоми таҳқиқот муайян кардем: ин бозӣ фақат хоси мардуми Данғара набуда, дар тамоми минтақаи Кӯлоб бачаҳо бозӣ мекунанд. Аммо дар баъзе ноҳияҳои минтақа, баръакси бачаҳои Данғара ба ҷойи «ген» ва «адучай» донаки шафтолу гузошта бозӣ мекунанд [116, с.174-175].

Ин бозӣ чун дар буҷулбозӣ аз кӯдакон тезҳаракатӣ, ҳушёрӣ ва интихоби дурусти амалро талаб карда, ҳолати руҳии кӯдаконро болида мегардонад.

**Подшоҳбозӣ (Почовазир, подшоҳвазир),** асосан ин бозии наврасони то 16-сола буда, баъзан калонсолон низ дар бозӣ иштирок мекунанд.

«Он дар аксари ноҳияҳои Тоҷикистон паҳн гаштааст» [109, с.108]. Дар «подшоҳбозӣ» чор нафар ва зиёда аз он иштирок мекунанд.

Ҷойи бозӣ: хонаи гурӯҳ, саҳни ҳавлӣ.

Рафти бозӣ: Бозигарон ба шакли давра нишаста, қуттии гӯгирди нави пури *дона* (чӯбча)-ро чун асбоби бозӣ гирифта[1], бо навбат *ҳир мекунанд* (мепартоянд). Агар гӯгирд бо баландиаш рост истад, шахси партофта «подшоҳ», агар ба бараш истад, шахси партофта «вазири подшоҳ» эълон мешавад. Агар ба паҳлуи суратдораш афтад, аз тарафи вазир шахси партофта, «халифа» [48, с.136; 107, с.108] мегардад ва агар гӯгирд мабодо ба паҳлуи бесурат афтад, шахси партофта «дузд» эълон карда мешавад (расми 3.10).

---

1 Баъзан гӯгирдҳо нимпур мешаванд, барои нағз тоб хӯрдани гӯгирд аввал онро аз дона пурра мекунанд.

Ҳангоми пажӯҳиш рафти ин бозиро мушоҳида намуда, муайян кадем: дар як гашту-ду гашт партофтани «подшоҳ» муяссар намегардад, бинобар ин то пайдо шудани «подшоҳ» қуръапартоӣ идома меёбад. Ҳамин ки «подшоҳ» таъин шуд, баъди он «вазир» интихоб мегардад.

Ҳангоми интихоб шудани «подшоҳ» ва «вазир», дигар онҳо ҳарду то пайдо шудани «подшоҳ»-у «вазир»-и нав, қуръа намепартоянд. Дигарон бошанд, бо навбат қуръатартоӣ мекунанд.

Қоидаи бозӣ: «Халифа» аз ҷазо озод аст, аммо вақте ки бозигари навбатӣ ҳангоми қуръапартоӣ, «дузд» шавад, дарҳол «вазир» ба «подшоҳ» хабар мерасонад, ки «подшоҳ»-и аъзам «дар мулк дузд ёфт шуд». «Подшоҳ» мепурсад, ки чиро duздидааст? «Вазир» аз рӯи тахаюлоташ ҷавоб медиҳад, ки асп, хар, гов, гӯсфанд, пул ва ғайраро дӯздидааст. «Подшоҳ» гуфтаи «вазир»-ро шунида, дар асоси он амри худро нисбати «дузд» мебарорад.

Фармонҳои «подшоҳ» аз рӯи тахайюл (фантазия)-и ӯ гуногун мешавад. Асосан ҷазо додани «дузд» бо задани дурра ба пушту дигар узвҳояш (мувофиқи амри подшоҳ) иҷро карда мешавад, аммо агар «подшоҳ» ба «вазир» хусумат дошта бошад, ҳато фармон медиҳад, ки дастони «дузд»-ро сила кунад, ё бибӯсад.

Дурраро аз сачоқи тофташуда омода намуда, баъзан ҳангоми задан бо фармони «подшоҳ» онро барои тарсондан тар мекунанд. Сачоқи таркардашуда зарбаи сахт мезанад, аммо ин амалҳо ҳеҷ гоҳ ҷиддӣ иҷро намегарданд.

Сокини ноҳия Т. Шарифов (с.т. 1957) мегӯяд: «Подшоҳбозӣ бозии инфиродӣ аст. Ин бозӣ хусусияти саҳнавиро дошта, кӯдаконе, ки маҳорати ҳунармандӣ доранд, ҳангоми бозӣ дигаронро хандонда, маҳбуби ҳамагон мешаванд. Бинобар ин, ҳангоми ташкили бозӣ бачаҳо кӯшиш мекунанд, то чунин бачаҳои болаёқат, ҳунарпешатабиат дар бозии онҳо иштирок намоянду бозӣ шавқовар гузарад» [254]. Подшоҳ

низ барои шавқовар гузаштани бозӣ баъзан ҷазоҳои хандаовар аз қабили: ба монанди кабк, хӯрус фарёд кардан, ба монанди асп, хар шиҳа кашидан, ба мисли барра ё гусола баос кардан ва ғайраро фармон медиҳад.

Сокини деҳаи Ғарғара Ҳ. Юсупов (с.т. 1959) нисбати бозӣ гуфт, ки: «Ин бозиро асосан кӯдакон дар фасли зимистон, ки дар кӯча аз сабаби тарӣ ва хунукӣ бозиҳои кӯчагиро кардан душворӣ меорад, мегузаронанд» [258].

Муҳаққиқ Ш.А. Сафаров ин бозиро чун дар Данғара «Подшоҳбозӣ» ном гирифта, навиштааст: «Он дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон маъмул аст». Лекин, мувофиқи навиштаи муаллиф асбоби бозӣ на қуттии гугирд чун дар Данғара, балки бо буҷул ном гирифта шудааст [104, с.471]. Бо буҷул «почоҳбозӣ» кардан дар ВМКБ низ маъмул аст. Дар он ҷо тарафи барҷастаи буҷул («пук»)-ро «деҳқон», тарафи чуқурча («чук»)-ро «дузд», тарфи боло («хар»)-ро «подшоҳ» ва муқобили он «асп»-ро «вазир» мешуморанд [68, с.87].

Дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон подшоҳбозиро «Дуррабозӣ» низ мегӯянд [88, с.77]. Дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ин бозӣ бо таври муфассал тафсир ёфтааст [24, с.131-132].

Дар рафти таҳқиқот муайян шуд: «Подшоҳбозӣ» фақат хосси ноҳияи Данғара набуда, балки онро дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон бо каме дигаргуниҳо бозӣ мекунанд.

Ин бозӣ аз бозигарон маҳорат, шухтабиат будан, бо дигарон муросо кардан ва интихоби дурусти амалро талаб намуда, дар он шӯхию хӯрсандӣ зиёда дида мешавад. Дар рафти бозӣ кӯдакон хушҳол гашта, ҳолати руҳии онҳо болида мегардад.

**«Дурра дар мех» (драдармех),** ин бозӣ аз рӯйи маълумоти сокини деҳаи Ғарғара Қ. Қодиров (с.т. 1944) навишта шудааст [224].

Рафти бозӣ: мувофиқи қуръапартоӣ нафаре ҳамчун мағлубшуда дар байни давра «чунгаг» (дикак, сари ду по) менишинад. Нафаре, ки дар бозӣ нақши сармирро бозӣ мекунад, арғамчини кӯтоҳеро (тахмин 1-1,5 м) як тарафашро худ ва дигар тарафашро бо нафари дар давра нишастагӣ меқапанд. Бозигарони боқимонда бо нидои сармир, *сар шуд* - гуфтан: кӯшиш мекунанд, ки ба бозигари нишастагӣ бо нуги пой ё даст нихта кунанд. Сармир ӯро ҳимоя карда, бо нуги пояш ба нафари ҳамлакарда мезанад. Агар пойи сармир ба он нафар бирасад, он кас ҷойи нафари нишастаро гирифта, бозӣ аз нав оғоз мегардад.

Қоида: «Сармир бо нуги пой оҳиста нихта мекунад. Ба сар, рӯй, шикам ва ғайра сахт задан мумкин нест» [21, с.120].

Дар рафти таҳқиқот муайян кардем: бозии «Дурра дар мех»-ро дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бозӣ мекунанд. Он ба бозии «арғамчинбандон», ки давраи шуравӣ дар қисмати ғарбии ноҳия бозӣ мекарданд, монанд мебошад. Ин бозӣ дар байни бачагони Вахш ва Ёвон низ машҳур аст, аммо равиши бозӣ каме фарқ мекунад. Дар Вахшу Ёвон бозигаронро «гулдурҳо» мегӯянд [88, с.77-78].

Дар рафти ин бозӣ маҳорати ҳушёрӣ, зиракӣ, иродаю ҳиссиёти бозингар инкишоф ёфта, кӯдакон хушҳолу болидарӯ мегарданд.

**Макмакбозӣ (яклингчабозӣ),** аслан духтараконии аз 7 то 12 сола бозӣ мекунанд (расми 3.12). Он ба бозии «Тангелиц-бехт»-духтараконии водии Хуф, «Шилле-бехт»-и Рӯшон ва «Игре в классы» русҳо монанд мебошад [31, с.110-113].

Ҷойи бозӣ: майдони мактаб, ҳавлии хона, таги дарахтони сояафкан.

Асбоби бозӣ: санги мудаввари қутраш 8-10 см.

Рафти бозӣ: ду ё чор нафар духтаракон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, болои замини ҳамвор хатти чоркунҷаи бараш тахмин 1 метр ва дарозиаш 2-2,5 метр мекашанд. Чоркунҷаро ба 5 «хона», хонаи аввалро ниммудаввар ва дигаронашро ба шакли чоркунҷа тақсим мекунанд.

Сокини ноҳия Ҳ. Шарифова (с.т. 1976) дар бораи ин бозӣ чунин гуфт: «Дар бозии «макмак» баъди қуръапартоӣ нафаре, ки бозиро оғоз менамояд, сангро[1] ба хонаи якум мепартояд ва онро бо як по (дигарашро бардошта нигоҳ медоранд) зада, ба хонаи панҷум бурда, сипас боз ба хонаи якум бармегардонад. Баъди ин бозигар қолро ба хонаи дуюм... сеюм... партофта, бозиро идома медиҳад. Агар санг мабодо ҳангоми партофтан ё бо пой задан болои хатҳои кашида истад, бозиро тарафи муқобил аз нав оғоз мекунад» [255].

Сокини дигари ноҳия С. Одинаева (с.т. 1960) илова намуд: «Баъди ҳама «хонаҳо»-ро гирифтани як тараф, бозӣ бо чашмони баста гузаронида мешавад ва ғолиб баъди анҷоми ду давр муайян мегардад» [233].

Инчунин, ҳангоми таҳқиқот муайян гашт: ин бозии маъмулӣ буда, фақат хоси мардуми Данғара нест. Онро дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ва берун аз он духтаракон дар фасли гармо ва махсусан дар рӯзҳои наврӯзӣ бозӣ мекунанд. Ба он «Чизнизбозӣ»-и мардуми Қаротегин монанд мебошад [109, с.116].

Муҳаққиқ Д. Раҳимӣ ин бозиро дар Тоҷикистон бо номҳои «қолбозӣ», «яклинга» ва «шалоқак» ба қайд гирифтааст [88, с.92]. Дар давраи шуравӣ «макмак» бозии дӯстдоштаи духтаракон буд. Алҳол, дар давраи истиқлолият он нисбатан кам бозӣ карда мешавад.

**Саворон савор, ё пиёдаҳо.** Бозии маъмулӣ буда, дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон онро «Шох-шохи гови кӣ?» меноманд. Дар байни бачаҳои Истаравшан онро «пиёдаҳо савора» ном мегиранд, ки дар ин бора академик Р. Амонов дар китоби хеш «Қиссаҳои диёри чашмасор» баён кардааст [26].

Ҷои бозӣ: кӯчаи маҳалла ё гузари деҳа.

---

1 Онро кӯдакон “қол” меноманд.

Рафти бозӣ: дар бозии «саворон савор ё пиёдаҳо» кӯдакон ва ҷавонон ба ду гурӯҳ тақсим шуда, аввал ба худ сардор-довар интихоб менамоянд. Сипас сардорони гурӯҳҳо якҷо истода, гурӯҳҳо аз ҳам дар масофаи муайян ҷудо мешаванд.

Сардорон бо маслиҳати пешакӣ яке аз хонаҳоро, ки гов дорад, интихоб намуда, номи соҳиби онро: «шох шохи гови кӣ»? - Гуфта, аз гурӯҳи дар қуръапартоӣ ғолиб мепурсанд.

Сардори гурӯҳ бо маслиҳати якҷоя хонаеро ном мегирад. Дар ҳолати наёфтани ҷавоб навбат ба гурӯҳи дигар мегузарад ва аз нав сардорон: «Шох шохи гови кӣ»? – Гӯён, аз гурӯҳи дуюм онро пурсон мешаванд.

Вақте яке аз гурӯҳҳо шохи гови киро дар назар доштани сардоронро меёбанд, аъзоёни гурӯҳи ғолиб ҳар кас ҷуфти худро бо маслиҳати якдигар аз гурӯҳи муқобил интихоб намуда, савор мешавад ва ба хонаи наздиктарин рафта, намояндаи он хонаро дар бораи «саворон савор ё пиёдагон» пурсон мешаванд [212].

Сокини ноҳия М. Тоқсанов (с.т. 1951) илова карда гуфт: «Агар соҳиб ё намояндаи хона пиёдаҳо савор гӯяд, саворон пиёда шуда, ҷойи онҳоро пиёдаҳо мегиранд. Яъне пиёдаҳо савор шуда, саворон пиёда мешаванд ва агар гӯяд: «саворон боз савор», пиёдаҳо боз саворонро то хонаи ҳамсояи дигар мебаранд ва аз намояндаи он хона пурсон мешаванд» [243].

Сокини куҳансоли ноҳия марҳум Ш. Раҳимов (с.т. 1918) гуфта буд: «Солҳои 40-60-уми асри XX дар деҳот ин бозӣ шабҳои моҳтобӣ то як ҳисси шаб давом меёфт ва дар он ҳатто духтарони қадрас низ иштирок мекарданд [236].

Ҳангоми пажӯҳиш муайян карда шуд: Ин бозӣ маъмулӣ буда, дар минтақаи Кӯлоб ва дигар қисматҳои Тоҷикистон дар байни мардуми тоҷик ва ӯзбек машҳур аст [30].

Он дар Данғара солҳои 20-90-уми асри XX, аслан дар фаслҳои гарми сол, дар нимаи дуюми рӯз, баъди пешин доир мешуд ва то фаромадани пардаи торикӣ идома меёфт, ки он дар гуфтаҳои мардумшинос Н.А. Кисляков низ чунин омадааст [109, с.104].

Дар давраи истиқлолият таваҷҷуҳи кӯдакон ба ин бозӣ кам гаштааст.

**Калхозбозӣ.** Асбоби бозӣ: «Мошин»-дучархаи аз сими филизӣ сохташуда.

Ҷойи бози: гузари маҳал.

Тарзи сохтани асбоби бозӣ: аз як тор сими қутраш 3 милиметраи - филизӣ ду чархи бо ҳам часпида омода мекунанд. Қутри чархҳо 15- 20 см ва фосилаи байни онҳо 40 – 50 см бояд бошад. Аз байни тир (ос)-и чархҳо ба дарозии 120 см сими дигареро васл намуда дар охири он барои идора кардани чархҳо чамбарак (рул) месозанд. Барои он ки ходаи чамбарак каҷ нагардад, онро аз сими нисбатан ғафстар ё сими нисбатан борикро аз дохили пояи қамиши росту боқувват гузаронида, омода мекунанд. Барои сохтани чунин бозича ҳатто бачаҳои 10 – 12 қодир ҳастанд.

Барои ташкили бозӣ бачаҳо дар якчанд ҷои гузар таваққуфгоҳи мошингузорӣ ва амборҳои борфарорӣ муайян карда, сипас ба бозӣ мепайвастанд. Аслан чунин бозиҳоро бачаҳо дар деҳаҳо ташкил намуда, ҳаёти деҳа – сохти колхозиро тақлид мекарданд. Дар рафти бозӣ як бачаи калонтар раиси колхоз шуда, дигаре мудири анбор, сеюми роҳбари "гараҷ" (таваққуфгоҳ)-и мошинҳо ва панҷумӣ "ГАИ"-хизматчии бозрасии автомобилӣ мешуд. Ба соҳибони мошинҳо "роҳхат" ва "борхат" медоданд. Ронанда бояд "ҳуҷҷати ронандагӣ" бо худ медошт. Рафти бозӣ саҳнаеро мемонд. Ҳар кас кӯшиш мекард, ки нақши худро моҳирона ва табъи дили дигарон бозӣ намояд. Аслан бачаҳои нисбатан калонсол, ки раисони калхоз ва анборҳо таъин гашта, уҳдабаро буданд, рафти бозиро ташкил ва роҳбарӣ мекарданд. Ин бозӣ бачаҳоро хушҳол намуда, ҳаваси онҳоро барои интихоби касби оянда бедор менамояд.

**Ғӯлакбозӣ.**

Асбоби бозӣ: Камонғӯлак ва пайкон.

Ҷойи бозӣ: атрофи деҳа, доманаи кӯҳ

Барои бозӣ аз навдаҳои дарахти тут ё буттаи ҳирғай камонғӯлак месозанд. Барои сохтани камонғӯлак навдаҳоро аз пустлох тоза ва ду охири навдаро қатъ намуда, бо як тор банди борик бо ҳам мепайванданд. Чунин намуди камонғӯлакро дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон “кашкашак” меноманд [104, с.466]. Таннаи қамишро ба дарозии 40-50 см гирифта, дар сараш пораи нугтези тунука ва дар охираш пари мурғ баста, пайкон (пик) тайёр мекунанд. Солҳои пеш писарбачаҳои 10 то 15 сола ба сарашон пари мурғ баста, бо чунин камонғӯлакҳо байни ҳам барои ба осмон баландтар парондан ва ба нишон расондани пайкон дар масофаи муайян мусобиқа мекарданд. Ба ҳадаф расидани тир аз камонғӯлаки сохташуда ва қуввату маҳорати бозигар вобаста буд.

Дар ниҳоди ҳар қавму миллат камонғӯлаку пайкон арзи вуҷӯд дорад ва аз гуфтаи калонсолони ноҳия камонғӯлак солҳои аввали давраи шуравӣ низ дар бозиҳои бачагона истифода мегашт, лек аслан ин бозӣ дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-уми асри XX баъди дар экранҳои телевизион ва дар кинотеатрҳо нишон додани кинофилмҳо дар бораи ҳиндуҳои қитъаи Амрико байни бачаҳо машҳур гашта буд.

**Ҳамин тавр,** дар ин бахши кор ба чунин хулоса омадем, ки бозиҳои мардумии ноҳияи Данғара ба дигар минтақаҳои Тоҷикистон ва қисматҳои тоҷикнишини Осиёи Марказӣ монандиҳои зиёд доранд. Аммо, баъзе бозиҳо ё қисмате аз онҳо, хоси Данғара мебошанд. Мисол: қисме аз порчаи шеърӣ дар бозии «тути тал», дигаргунӣ дар «хоначабозӣ», «глъакбозӣ», «зоғ парид», «саққабозӣ» ва бозиҳои «тоқипартояк», «арғамчинбандӣ», «ҷур-ҷур», “колхозбозӣ”, бозиҳо бо буҷул - «давра» ва гулҷӣ эҷоди мардуми Данғара аст.

Дар тӯли 70 соли мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ба Тоҷикистон, аз ҷумла ба ноҳияи Данғара намояндагони дигар миллату халқиятҳои Иттиҳоди Шуравӣ омада, зиндагонӣ кардаанд. Дар натиҷа аз онҳо баъзе таъсирот: ивазшавии ном, ҳисоби бозӣ бо забони русӣ, дигаргуншавии асбоби бозӣ (мисол: ба ҷои ҷанҷула истифодабарии тӯбча, ба ҷои қоли сангӣ истифодабарии қутичаи филизӣ) ва ғайра ба бозиҳои маҳаллӣ ворид гаштаанд, ки имрӯз эҳсос мегарданд. Тафовут нисбати дигар минтақаҳои Тоҷикистон дар бозиҳои духтараконӣ хурдсол, аз қабили «хоначабозӣ», «лоқбозӣ», «лӯфтакбозӣ (лӯхтакбозӣ)» ё «зочабозӣ» дида мешавад. Бозии «рустшавакон», ки маъмулӣ ва паҳншуда аст, дар Данғара бо номҳои «баҷошавак», «суркунакон» байни писарҳою духтаракон якранг мегузарад. «тарзанбозӣ» вобаста ба шароит танҳо дар деҳаи Ҷартеппа (ҳоло Хуррамзамин) гузаронида мешуд. Бозиҳои дигар, ба мисли «зоғ парид», «арғамчинбандон», «чашмбандак», «саворон савор, ё пиёдаҳо», «арғунчакбозӣ», «санчилбозӣ», «подшоҳбозӣ», «дурадармех», «ланкабозӣ», «макмакбозӣ», «ликакбозӣ» ва «ҷанҷулабозӣ» бо дигар минтаҳои Тоҷикистон монанданд, аммо бояд қайд кард, ки вобаста ба гуйиши забонӣ ва хислати мардум ҳангоми мушоҳида дар рафти иҷрои ин бозиҳо каму беш тафовут ба чашм мерасанд.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи расму анъана ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024) ба хулосае омадем, ки нақши расму анъана ва бозиҳои мардумӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти гузашта ва имрӯзаи мардуми тоҷик ниҳоят калон буда, омӯзиши таърихи он аз аҳаммияти назариявию амалӣ холӣ нахоҳад буд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи мавзуъро ҷамъбаст намуда, оид ба ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқот метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Олимони рус, ки дар қатори онҳо симоҳои барҷастаи таърихнигории он замон буданд, аз аввалинҳо шуда ба илми мардумшиносии тоҷик поягузорӣ намудаанд. Онҳо ҳақиқати ҳаёти иҷтимоӣ: маданият ва рӯзгордории тоҷикон, хусусан мардуми кӯҳистонро нишон додаанд. Аммо дар баробари ин бояд қайд кард, ки бинобар сабаби дуруст ошно набудан бо фарҳанги миллӣ, минтақавӣ, анъана, маросимҳо ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик онҳо на дар ҳама маврид ба анъанаҳои мардуми маҳаллӣ баҳои дурӯст ва объективона додаанд. Зеро, ки анъанаҳои халқи тоҷик дар ҳар як минтақа вобаста ба шароити иҷтимоӣ, иқлимӣ ва дигар унсурҳои табиӣ дорои хусуссиятҳои хос ва фарқкунанда мебошанд. Аз ин лиҳоз дар шароити кунунӣ зарурати омӯзиши фарҳанги минтақаҳо, расму анъанаҳо ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик аз тарафи олимони ватанӣ зарур аст[5-М].
2. Пажӯҳиши гузаронидашуда дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқоти илмии олимони хориҷиву ватанӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ ва пурсишҳо нишон дод, ки фарҳанги суннатии мардуми ноҳияи Данғара дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад.
3. Фарҳанги суннатии мардуми Данғара ҳамчун як бахши ҷудонашавандаи мероси миллӣ, арзиши бузурги таърихӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ дорад. Бо вуҷуди дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоии асрҳои XX

ва XXI, ин фарҳанг тавонист пойдор монад ва ба ҳайси рамзи ҳувияти миллӣ ва худогоҳии мардум хизмат кунад.

4. Фарҳанги ягонаи миллат дар заминаи фарҳанги минтақаҳои гуногун, ки аз як реша сарчашма мегиранд, ташаккул меёбад. Бинобар ин, омӯзиши фарҳанги анъанавии мардуми ноҳияи Данғара ҳамчун як ҷузъи муҳимми фарҳанг ва ҳувияти миллии тоҷикон, барои таҳқиқот ва омӯзиш дар илми мардумшиносӣ амри вақт мебошад.

5. Ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву таърихии ноҳияи Данғара ба таври бояду шояд аз тарафи доираҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Махсусан оид ба ҷуғрофияи Данғара сарчашмаҳои хаттӣ хеле кам мавҷуд аст. Аз ин лиҳоз маълумотро оиди ҷуғрофия, тақсимоти маъмурӣ, ки ба давраҳои шуравӣ ва соиҳбистиқлолӣ нисбат доранд, дар як ҷо ҷамоварӣ намуда, ба шакли муайян вориди доираи илмӣ даровարданро зарур мешуморем [5-М].

6. Ноҳияи Данғара яке аз мавзеъҳои аҳолинишини хеле ҳам қадима буда, дар замонҳои гуногуни таърихӣ одамон дар ин сарзамин сукунат доштаанд. Таърихи давраи санг дар ноҳияи Данғара нисбати дигар минтақаҳои Тоҷикистон хубтар таҳқиқ шудааст, ки ин гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунад[3-М].

7. Миёни олимон ва муҳаққиқон оиди ҷойном [топоним] – и Данғара андешаҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Истилоҳи “данғара” калимаи ориёӣ буда, асли калима ба замонҳои ниҳоят қадими зиндагонии аҷдодони тоҷикон рафта мерасад. Он аз ду қисм Дан-об ва ғар ё ғара-кӯҳ иборат аст, яъне маънои калимаи Данғара ин обе, ки аз таги кӯҳ мебароядр, мебошад[8-М].

8. Дар шароити соҳибистиқлолӣ дар кишвар омӯзиши фарҳанги суннатӣ аҳаммияти калон дорад. Чунки эҳё ва ҳифзи мероси фарҳанги мардумӣ ва расму ойинҳо ба таҳкими худшиносӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, вахдат ва рушди фарҳанги миллӣ замина фароҳам меоварад.

9. Фарҳанги таҷлили Наврӯз дар ноҳияи Данғара бо хусусиятҳои хоси маҳаллӣ таҷассум меёбад. Масалан, Наврӯз бо расму ойинҳои хосси кишоварзӣ, бозиҳои мардумӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, омода ва намоиши таъомҳои миллӣ ва дигар суннатҳои мардумӣ таҷлил карда мешавад.

10. Маросимҳои мардумӣ аз қабили тӯйҳои арусу домодӣ, хатнасур ва дигар анъанаҳои дар миёни мардуми ноҳияи Данғара роиҷбуда, бо тамоми аносири мардумии маҳаллӣ гузаронида мешавад. Ин анъанаҳо дар миёни мардум аз замонҳои қадим пайдо, рушду ташаккул ёфта, то замони мо омада расидаанд [12-М].

11. Ҷашну марсимҳо вобаста ба таваллуди кӯдак ва тарбияти он дар ҳаёти ҳаррӯзаи мардуми ноҳияи Данғара нақши муҳим дорад. Вобаста ба таваллуди тифл як қатор маросимҳои муайян аз лаҳзаи таваллуд то ба хатнаи кӯдак суннатҳои хосе мавҷуданд.

12. Аз замони шуравӣ то ба давраи соҳибистиқлолӣ дар маросимҳо вобаста ба таваллуди тифл тағйиротҳо кам ворид шудаанд. Он тағйиротҳои ҷузъие, ки ворид гаштаанд, вобаста ба болоравии сатҳи иҷтимоии мардум дар замони соҳибистиқлӣ аст.

13. Унсурҳои муайяни маросими мурдадорӣ ва анъанаҳои марбут ба он дар минтақаи Кӯлоб аз ҷумла ноҳияи Данғара новобаста аз таъсири омилҳои иҷтимоиву сиёсии замони шуравӣ ҳифз гардида, баъзе аз аносири динӣ ва суннатҳои мардумиро дар худ нигоҳ доштааст. Ин хусуссият аз дилбастагӣ ба суннатҳои миллии мардумони ин минтақа шаҳодат медиҳад[13-М].

14. Дар ҳаёти иҷтимоии мардуми Данғара бозиҳои суннатӣ ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи ҷисмониву ахлоқӣ барои насли наврасу ҷавон аҳаммияти ниҳоят бузург доранд. Бо вуҷуди ин, зуҳурёбии бозиҳои компютерӣ ва шаклҳои нави фароғат боиси камтаваҷҷуҳии наврасону ҷавонон ба ин мерос ва суннатҳои мардумӣ гардидааст[6-М].

